ISSN 2074-1847

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

# П А Ё М И
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
***(маҷаллаи илмӣ)***

**СИЛСИЛАИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ**

**№3/5(173)**

# ВЕ С Т Н И К
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
***(научный журнал)***

**СЕРИЯ ГУМАНИТАРНЫХ НАУК**

**ДУШАНБЕ: «СИНО»**
**2015**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.**


**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

**Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор**
**Сафармамадов С.М. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор**
**Абдулазизов В. - зам. гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент**

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
**Члены редколлегии:**

**Акрамов З.И. - доктор исторических наук, доцент**
**Амонов Н.К. - кандидат психологических наук, доцент**
**Зокиров Г.Н. - доктор политических наук, профессор**
**Назаров Р. - доктор философских наук, доцент**
**Назаров М.А. - кандидат философских наук, доцент**
**Насурдинов Э.С. - доктор юридических наук, доцент**
**Расулиён К. - кандидат исторических наук, доцент**
**Раджабов С.М. - кандидат исторических наук, доцент**
**Самиев Х.Д. - кандидат исторических наук, доцент**


Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.


**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2015**
**Вестник Таджикского национального университета, 2015**

## Т А Ъ Р И Х –И С Т О Р И Я

# АЛЛОМАИ ЗАМОНИ ХУД

***Қаҳҳори Расулиён***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Устод Саид Нафисӣ дар олами илму фарҳанги Эрони муосир ба ҳайси яке аз чеҳраҳои дурахшон ва саршинос шинохта ва эътироф шудааст. Ин абармарди майдони маърифат 19 июни соли 1895 дар шаҳри Теҳрон дар хонаводаи Алиакбари Нафисӣ, маъруф ба Нозимулаттибо зода шуда, 14 ноябри соли 1966 дар зодгоҳи худ аз олам гузаштааст. Вай ибтидо дар макотиби «Шариф» ва «Илмия»-и шаҳри Теҳрон ба омӯзиш пардохта, баъдан таҳсилро дар кишварҳои Швейтсария ва Фаронса идома додааст. Баъд аз хатми Донишгоҳи Сорбони Фаронса ба ватан баргашта, дар байни солҳои 1918-1934 дар идораҳои мухталифи кишвар, аз ҷумла дар Вазорати кишоварзӣ хидмат намуда, ҳамзамон дар макотиби низомӣ, дипломатӣ, Дорулфунуни Теҳрон аз забону адабиёти форсӣ ва таърихи Эрон тадрис кардааст. Баробари таъсиси Донишгоҳи Теҳрон дар соли 1934 то ибтидои солҳои 50-уми асри бист ба ҳайси профессори ин маркази бузурги илмию омӯзишӣ адои вазифа кардааст. Аз соли 1935, яъне аз оғози фаъолияти Фарҳангистони забон ва адаби форсии Эрон ба узвияти он пазируфта шуд. Дар ибтидои солҳои 50-ум бознишаста шуд ва ба эҷодӣ осори илмию адабӣ ба таври ҷиддӣ машғул гардид.

Устод Саид Нафисӣ, ки ба ҳайси адабиётшинос, нависанда, шоир, таърихшинос, луғатнавис ва ходими ҷамъиятӣ эътирофи умумро сазовор гардидааст, дар тӯли умри пурбаракати хеш беш аз 250 асар ва 600 мақола таълиф намудааст.

Осори бадеии устод С.Нафисӣ иборат аст аз романҳои «Фарангис» (1931), «Нимароҳи биҳишт» (1951-58), «Оташҳои нуҳуфта» (1960), драммаи «Охирин ёдгори Нодиршоҳ» (1926), «Гулчине аз девони Саид Нафисӣ» (1954), маҷмӯаи новеллаҳои «Ситорагони сиёҳ» (1937), «Моҳи Нахшаб» (1949). Бояд тазаккур дод, ки С.Нафисӣ яке аз бунёдгузорони жанри новелла дар адабиёти муосири форсӣ мебошад. Маҷмӯаи «Ситорагони сиёҳ» 37 новелла ва маҷмӯаи «Моҳи Нахшаб» 14 новеллаи муаллифро дар бар мегиранд. Новеллаҳои маҷмӯаи дувум куллан таърихӣ буда, аз ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Ҷалолуддини Балхӣ, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ ва дигар ашхоси бузурги ақвоми эронитабор ҳикоят мекунанд.

Осори таърихии С.Нафисӣ иборатанд аз «Таърихи иҷтимоии Эрон дар даврони пеш аз таърих ва оғози таърих», «Таърихи тамаддуни Эрони сосонӣ», «Таърихи иҷтимоии Эрон аз инқирози Сосониён то Уммавиён», «Яздигурди севум», «Бобаки Хуррамдин», «Таърихи бемористонҳои Эрон», «Масеҳият дар Эрон», Дар перомуни «Таърихи Байҳақӣ», «Мадрасаи Низомияи Бағдод», «Хонадони Тоҳириён», «Таърихи умумии қуруни муосир», «Пешрафтҳои Эрон дар давраи Паҳлавӣ», «Таърихи иҷтимоӣ ва сиёсии Эрон дар асри муосир».

Устод С.Нафисӣ дар бораи адабиёти форс-тоҷик таҳқиқоти зиёд ва судмандеро ба анҷом дода, ки асарҳои «Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ», «Осори гумшудаи Абулфазли Байҳақӣ», «Ибни Сино дар Аврупо», «Таърихи назму насри Эрон дар забони форсӣ», «Зиндагию кор ва андешаву рӯзгори пури Сино», «Шоҳкориҳои насри муосири форсӣ» (2 ҷилд), «Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва ашъори Аттор», «Дар перомуни аҳвол ва ашъори Ҳофиз», «Низомӣ дар Аврупо», «Сарчашмаи тасаввуф», «Аҳвол ва ашъори Шайх Баҳоӣ» ва ғайра аз ин қабиланд. Яке аз муҳимтарин таҳқиқоти илмии устод С.Нафисӣ китоби пурарзиши «Аҳвол ва осори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ» буда, бори аввал солҳои 1930-1940 дар 3 ҷилд ва бори дувум бо ислоҳу иловаҳо соли 1957 дар шаҳри Теҳрон табъу нашр гардидааст. Ин асари гаронқадр соли 2008 ба муносибати 1150-солагии устод Рӯдакӣ бо кӯшиши донишманди афғонистонӣ Ҷаъфар Ранҷбар ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ, бо теъдоди 1150 нусха ва дар ҳаҷми 921 саҳифа дар шаҳри Душанбе дар дастраси ҳаводорони илму фарҳанги тоҷик қарор гирифт.

Саҳми устод С.Нафисӣ дар кори омода намудан ва табъу нашри осори намояндагони зиёди илму адаби классики форс-тоҷик аз қабили девонҳои Анварӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Авҳадии Мароғӣ, Ҷунайди Шерозӣ, Рашиди Ватвот, Низомии Ганҷавӣ, Амъақи Бухороӣ, Қосими Анвор, Ибни Ямин, Ломеъии Гургонӣ, Ҳилолӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Рубоиёт»- Хайём ва Бобоафзали Кошонӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Куллиёт»-и Ироқӣ, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ, «Кушоиш ва раҳоиш»-и Носири Хусрав, «Қобуснома», «Таърихи Байҳақӣ», «Дастур-ул-вузаро»-и Хондамир, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Пандномаи Анӯшервон» ва ғайра хеле бузург аст.

Устод С.Нафисӣ ҳамчунин намунаи осори назмию насрии адибони бузурги аврупоӣ аз қабили «Одиссея» ва «Иллиада»-и Ҳомер, Волтер, Фишер, Адам Митскевич, А.С. Пушкин, А.Крилов, Л.Н. Толстой, М.Горкий ва дигаронро ба забони форсӣ тарҷума ва табъу нашр намудааст. Ин донишманди пуркору дақиқкор муаллифи китобҳои «Фарҳанги форсии ҷайбӣ», «Фарҳанги фаронса ба форсӣ», «Фарҳангномаи порсӣ», «Фарҳанги Нафисӣ» буда, дар луғатноманависии муосири форсӣ яке аз ашхоси пештоз мебошад [1]. С. Нафисӣ дар донишгоҳҳои шаҳрҳои

Деҳлӣ, Бомбай, Алигарҳи Ҳиндустон, Қоҳираи Миср, Бейрути Лубнон, Бағдоди Ироқ, Кобули Афғонистон, Пориси Фаронса дар давраҳои мухталиф доир ба таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик тадрис намуда, дар ҳамоишҳои байналмилалии илмӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон мушорикат ва суханрониҳо доштааст.

Устод Саид Нафисӣ ба сарзамини тоҷикон ва миллати тоҷик меҳру муҳаббати беандоза бузург дошта, ин марзу бумро сарзамини аслӣ ва аввалияи ниёгони худ медонист. Вай нахустин донишманди хориҷӣ буд, ки ба китоби нафиси устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» дар шумораи 699-уми рӯзномаи эронии «Шафақи сурх» аз таърихи 3-юми марти соли 1926 тақриз навишта ва таъкид карда буд, ки: «Ба ҳар эронӣ низ фарз аст, ки лоақал як бор ин китоби нафисро, ки азизтарин раҳоварди бародарони туркистонии мост, бихонад». Ӯ дар ин бора чунин мегӯяд: «Ман муддатҳо пеш аз он ки бо Садриддин Айнӣ мулоқот кунам, бо осори ӯ ошно будам. Аввалин китоби ӯ, ки ба дастам афтод, китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» буд. Беш аз ҳама он фасли китоб таваҷҷуҳи маро ҷалб карда буд, ки ба шуарои Осиёи Миёна дар давраи баъд аз Темур ихтисос дошт. Зеро мо дар Эрон дар бораи шуарои ин давра кӯчактарин иттилое надоштем» [2].

С.Нафисӣ дар таълифи китоби «Аҳвол ва осори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ»-аш аз таълифоти С.Айнӣ доир ба устод Рӯдакӣ баҳраи фаровон бурдааст. Худи ӯ дар ин бора чунин менависад: «Дар ҳамон замонҳо даст ба таълифи китоби худ дар бораи Рӯдакӣ задам ва аз дӯстоне, ки дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ дорам, хостгор шудам, он чи дар ин замина омода шудааст, барои ман фиристонанд. Китоби кӯчаке дар бораи Рӯдакиро, ки Садриддин Айнӣ ба хатти лотинӣ чоп карда буд, бароям фиристоданд. Матолиби тозаеро, ки дар он китоб ёфтам, дар китобе, ки дар бораи Рӯдакӣ навиштам, овардам. Аз он рӯз пайванди рӯҳонии ман бо Садриддин Айнӣ, ки ҳанӯз ба дидораш комёб нашуда будам, беш аз пеш барқарор шуд. Тадриҷан китобҳои дигари ӯ дар бораи Ибни Сино ва Саъдӣ ба дастам афтод ва дигар Садриддин Айнӣ аз ошноёни дерини ман шуда буд. Чӣ басо аз мардони бузург, ки надида ва ношинохта ба мо чунон унси маънавӣ мегиранд, ки гӯё солҳо бо эшон нишасту бархост доштаем» [3].

Ниҳоят С.Нафисӣ бо устод С.Айнӣ мулоқот менамояд. Ин дидор соли 1944 дар шаҳри Тошканд ва дар таҷлили 20-умин солгарди таъсиси ҶШС Ӯзбекистон доир гардид. С.Нафисӣ ин мулоқоти барояш фаромӯшнашуданиро чунин тасвир кардааст: «Солҳо сипарӣ шуд ва рӯзе давлати Ӯзбекистон аз ман даъват намуд, ки дар бистумин солгарди мавҷудияти ҷумҳурӣ ширкат кунам. Дар аввалин рӯзи иқоматам дар Тошканд ман бо чеҳрае, ки тамоми ин муддат дар орзуи дидораш будам, бархӯрд кардам. Ин инсон бо қади мутавассит ва симои илҳомбахш ва чашмони нуронӣ маро мафтуни худ намуда буд. Ман мушоҳида кардам, ки ӯ айнан ҳамон қиёфае дорад, ки пеши худ муҷассам карда будам. Хотираҳо ва таъсири ин дидор ҳанӯз ҳам дар ман зинда аст ва ман эътиқод дорам, то замоне ки зинда хоҳам буд, ин хотираҳо дар ман зинда хоҳад буд» [4].

Соли 1964 дар маҷмӯаи «Солномаи дунё» мақолаи муфассали С.Нафисӣ зери унвони «Чанд тан аз мардони дидании ҷаҳон» ба табъ расид, ки дар он доир ба устод С.Айнӣ аз ҷумла чунин навиштааст: «Ин мард аз бузургони диёри худ буд. Дар роҳи озодӣ ва истиқлол ранҷ бурда ва зиндон кашида ва шиканҷа дида буд… Сар то пойи ӯ мазҳари тоҷикони он сӯйи марзи Эрон буд» [5].

Устод С.Нафисӣ на танҳо бо С.Айнӣ, балки бо чанд тан аз бузургони дигари илму адаби тоҷик аз қабили Б.Ғафуров, М., М.Турсунзода, М.Миршакар ошноӣ ва дӯстӣ дошта, тарғиби дастовардҳои илму фарҳанги тоҷиконро аз вазифаи худ медонист. Чунончи, дар шумораи мусалсали 11-12 маҷаллаи «Паёми навин»-и чопи Теҳрон соли 1964 доир ба ҷилди аввали китоби «Таърихи халқи тоҷик»-и Бобоҷон Ғафуров бо номи «Таърихи миллати тоҷик» мақола навишта, ки мегӯяд: «Ман интишори ин китобро аз воқеаи муҳим барои таърихи пешазисломии Эрон медонам ва умедворам ҳар чӣ зудтар аз матолиби бисёр муҳим ва бисёр судманди он донишмандони эронӣ низ бархурдор шаванд» [6].

Ва ҳамчунин дар суханронии хеш аз минбари анҷумани нависандагони ИҶШС дар шаҳри Маскав перомуни адабиёти муосири тоҷик изҳори ақида намуда, дар бораи адибони шинохтаи тоҷик С.Айнӣ, М.Турсунзода, М.Миршакар, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ бо эҳтироми бузург ҳарф зад.

Устод С.Нафисӣ ду дафъа, солҳои 1960 ва 1964 аз Тоҷикистон дидан намуда, таассуроти бузурге бардоштааст, ки порае аз таассуроти сафари дар соли 1960 намудааш чунин аст: «Рӯзи душанбе, 22-юми моҳи август ман барои фурӯд овардани сари таъзим ба оромгоҳи Рӯдакӣ ба колхози Панҷрӯд ворид шудам. Бо чашми худ дидам, ки фарзандони зодгоҳи Рӯдакӣ баъд аз он ки 1100 сол аз марги ӯ мегузарад, ба рӯйи қабри вай чӣ гуна ёдгории фанонопазире бино кардаанд. Таъсири ин рӯзи хурсандӣ дар ҳаёти ман абадӣ хоҳад монд ва ҳаргиз онро фаромӯш нахоҳам кард. Инак ин чанд сатреро ба тариқи сипосгузорӣ аз хадамоти сухансарои бузурги тоҷику форс дар Панҷрӯд, ҳамчун хотира, аз худ боқӣ мегузорам:

Бар хоки Рӯдакии суханофарин кунун,
Сарро кунам фурӯд, сиришке кунам равон.
Баъд аз ҳазору яксаду се соли рӯзгор,
Аз роҳи дур омадаам зору нотавон.

То ҷон ҳамефишонам бар хоки он касе,
К-аз гуфти ӯст дар тани ҳар донише равон.
То рӯзи растахез шавад баҳраманд аз ӯ,
Ҳар кас, ки баҳра ҷӯяд, чӣ пиру чӣ ҷавон» [7].

Дар сафари дувумаш ба Тоҷикистон, ки ба муносибати бузургдошти 500-солагии Абдурраҳмони Ҷомӣ дар соли 1964 иттифоқ афтода буд, устод С.Нафисӣ ба дарёфти унвони ифтихории Доктори фахрии Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мушарраф гардида буд. Устод Саид Нафисӣ шеъре дорад иборат аз 68 мисраъ зери унвони «Ба дӯстони тоҷики ман», ки ду байти он чунин аст:

Эй, ки ҳар ҷо маҳрами рози манӣ,
Гар диле дорӣ, фаромӯшам макун!
Ҳар куҷо ҳастам, ту дамсози манӣ,
Оташе ҳастам, ту хомӯшам макун!

Дар ҷавоби устод Саид Нафисӣ бояд гуфт, ки миллати миннатпазири тоҷик ҳеҷ гоҳ дӯстони самимию воқеии худро фаромӯш нахоҳад кард.


**АДАБИЁТ**

1. Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ошъори Рӯдакӣ / Саид Нафисӣ. -Душанбе, 2008. -С.14-16.
2. Шафақи сурх. - 1926. -3 март
3. Садриддин Айнӣ дар хотираи и дӯстон ва шогирдон. -Душанбе, 1968. - С 182-183
4. Айнӣ К.С. Бист гуфтор аз маънавият / К.С. Айнӣ. -Душанбе, 2004. -С.163.
5. Солномаи дунё. –Теҳрон, 1964.
6. Паёми навин. -1964. -№11-12.
7. Садои Шарқ. -1966.-№11. -С.156-57



**УЧЕНЫЙ СВОЕГО ВРЕМЕНИ**

Данная статья посвящена изучению жизни и научной деятельности одного из великих ученых-гумантираев современного Ирана Саида Нафиси, который испытывает к Таджикистану и таджикам безмерную любовь и уважение и его с таджикскими учеными связывают многолетние узы дружбы и сотрудничества. Он удостоен звания «Почетный доктор Государственного университета Таджикистана» (ныне Таджикского национального университета)



**Ключевые слова:** ученый – просветитель, Иран, Таджикистана, Саид Нафиси, таджикские ученые, узы дружбы и сотрудничества, «Почетный доктор Государственного университета Таджикистана»



**SCHOLAR OF HIS TIME**

This article is devoted to the study of the life and scientific work of one of the great scholars in the Humanities modern Iran said Nafisi, which has for Tajikistan and Tajiks immense love and respect and with his Tajik scientists have long-standing ties of friendship and cooperation. He was awarded the title "Honorary doctor of the State University of Tajikistan" (now the Tajik national University)



**Key words:** scientist – educator, Iran, Tajikistan, said Nafisi, Tajik scientists, ties of friendship and cooperation, "Honorary doctor of the State University of Tajikistan".



**Сведения об авторе:** ***К.Р. Расулиён*** - доктор исторических наук, профессор, заведующий кафедрой истории таджикского языка ТНУ. Телефон: **904-88-71-77**


## РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ


***А. Азимов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаи бузурге дар сарнавишти халқи тоҷик мебошад, ки он заминаи пешрафти иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии кишварро фароҳам сохт, минҷумла таълид ва ташаккули матбуоти миллии тоҷик яке аз рӯйдодҳои мусбати ин зуҳуроти таърихӣ буд. Аз ин ҷо мавқеи таърихии рӯзномаи «Овози тоҷик» дар рушди маънавиёти халқ махсус арзёбӣ мешавад. Ин нашрия ҳамчун сарчашмаи муҳими таърихӣ дар муайян кардани як давраи хеле ҳассос ва муҳими нимаи дуюми солҳои бистум ва аввали солҳои сиюм нақши нишонрас дошту дорад. Маводҳои рӯзномаро ҳамчун сарчашмаи муҳими таърихӣ зимни таълими таърихи халқи тоҷик, фарҳанг ва сиёсатшиносӣ, адабиёту журналистика метавон истифода бурд.

Асри ХХ ва системаи нави ҷаҳондорӣ барои танзиму равнақи умури давлатдорӣ қонунан ба хадамоти нашрӣ рӯ овард, ки ин барои танвири афкор воқеаи муҳим буд. Идеологияи аҳди нав бар сарзамини Осиёи Миёна бо он маърифати таърихие, ки мерос монда буд, ҳамаҷониба бо фаросати фарҳангӣ дар рӯҳу роҳи ташвиқу тарғиби нашрӣ ниёзмандӣ зоҳир мекард. Дар ин зимн ҳисси равнақи матбуоти миллӣ бояд, пеш аз ҳама бояд боло мегирифт. Диққати асосӣ дар ин ҷода ба инкишофи матбуоти миллӣ равона мешуд. Яке аз самараҳои намоёни Инқилоби Октябр ин таъсиси матбуот ва нашриёти миллист. «Агар рол ва аҳамияти Инқилоби Октябр ва Ҳукумати Советиро барои халқи тоҷик мушаххасан баён кунем-навиштааст- Раҳим Масов- ин ҳодисаҳо дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун бузургтарин ҳодисаву воқеаҳо мемонад. Аҳамияти онҳо боз ҳам бузургтар мешуданд агар тамоми он ҳама принципҳо ва декретҳо дар бораи масъалаи миллӣ таҳриф нашуда, балки ба манфиати халқҳои чӣ майда чӣ бузург бо назардошти гузаштаи воқеияти таърихӣ ва

мавқеи таърихӣ ва манфиати халқи тоҷик дар таъсиси давлати миллии советии он қонунан риоя ва тадбиқ мешуданд».[3.4] Аммо, мутаассифона, он вазифа ва масъулияти бузурги таърихӣ,ки Инқилоб чун гардиши бузурги иҷтимоӣ ба миён гузошта буд, ҳал нашуда монд ва ин равандҳои объективӣ бо мурури замон ба низоъҳои миллӣ на танҳо замина гузошт, балки мусоидат намуд.

Дар қарори КМ РКП(б) аз 22 феврали соли 1924 «Дар бораи пурзӯр кардани роҳбарии ҳизбӣ ба матбуот ва кори нашр» диққати асосӣ ба таъсири рӯзномаҳо, ки ба махсусияти халқҳои Шарқ мувофиқ кунад, равона гардид. Ҳамин гуна рӯзнома, ки ҳаёти халқи тоҷик, мавқеи ташкилотчигӣ ва мавҷудияти онро дар як давраи муҳим инъикос намояд, рӯзномаи «Овози тоҷик» буд. Нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» дар ҳаёти халқи тоҷик воқеаи пурарзишест. Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар рӯзҳое нашр гардид, ки дар Осиёи Миёна тақсими ҳудуди миллӣ ба амал меомад. Гуфтугӯҳо дар атрофи тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна солҳои 1920 сар зада буданд. Дар алоқамандӣ ва печидагиҳои муносибатҳои миллӣ дар Туркистон, Бухоро аз ҷумла таъсири пантуркизим афзӯд ва тарфдорони тамоили мазкур кӯшиш мекарданд, ки ҷумҳуриро (Туркистонро - А.А.) аз ҳайати Россия ҷудо карда, ба ҷои он аз ҳисоби туркзабонҳои аҳолии Осиёи Миёна давлати мустақили туркӣ бунёд созанд. Баъдтар, хусусан дар ҷараёни соли 1924 масъалаи тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна дар ҷаласа ва комиссияҳои Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК(б) Россия борҳо мавриди баррасӣ шуда буд. Ин муҳокимарониҳову маҷлисҳои domandор ва хулосаи дурусте оварда расонид. Вале бо вуҷуди ин тамоюлҳои бисёр ва ҷараёнҳои гуногуне сарзада, ҳамчунин дар рӯҳия ва пуштибони аз пантуркизм амалҳое содир шуданд, ки фақат манфиати гурӯҳе ё табақаеро таъмин карданду халос. Ин ҷо манзури мо ҳамон сангарбозиҳои сиёсии оғози асри XX ва ҷомеаи навбунёд аст, ки фаъолияти онҳо бо ин ё он ранге имрӯз ҳам ҷилва мекунад. Ва «шаҳд»-и ин тақдирбозиву тақдирсозиҳо дар қисмати хусусан халқи дар мавораи тухматҳои таърихмонда-тоҷикон баръало чашида мешавад. Рӯзномаи «Овози тоҷик»-нашрияи комитети ҳизбӣ ва комитети иҷроияи Шӯрои вилояти Самарқанд буд. Аз рақами 12 (30ноябри соли 1924) рӯзнома ҳамчун нашрияи Бюрои ташкилии КМ(б) Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва Комитети Инқилобии РАСС Тоҷикистон баромад.

Устод Айнӣ яке аз муассисони рӯзномаи «Овози тоҷик» буда, таъсиси онро бо хушнудӣ истиқбол кард. Дар шумораи аввали ин рӯзнома «Қавми тоҷик ва рӯзнома» ном мақолаи ӯ ба табъ расидааст, ки Айнӣ нашри рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании халқи тоҷик ҳодисаи фаромуш нашавандаи таърихӣ номидааст: «Ин рӯзнома мисли номаш, албатта тоҷик хоҳад буд. Акнун гуфта мешавад , ки қавми тоҷики Туркистон ҳам забон баровард. Акнун метавонад, ки ҳамаи даркориҳои худро ба рӯзномаи худ нависад. Акнун метавонад, ки аз аҳволи олам бохабар шавад. Акнун метавонад, ки дарди дили худро ба воситаи рӯзномаи худ, ки забони тоҷик аст, ба ҳар кас во намояд».[2.]

Шумораи аввалини рӯзнома 25 августи соли 1924 (мутобиқ ба 24 муҳаррами соли 1343 ҳиҷрӣ) дар чор саҳифа бо тиражи 2000 нусха аз чоп баромад. Номи рӯзнома «Овози тоҷики камбағалро»-ро гирифт, ки бо хати арабиасоси тоҷикӣ мебаромад. Рӯзнома аз муроҷиатнома ба камбағалон, батракон ва тамоми меҳнаткашони Тоҷикистон сар мешавад. Дар мурочиатнома ҳамчунин аҳамияти таърихии нашри рӯзномаи «Овози тоҷики камбағал» ва вазифаҳое, ки дар пеши он истодааст, зикр ёфтааст. Ин мурочиатномаро аҳли зиёиён, муаллимон, шоирон, нависандагон ва тамоми халқи тоҷик гарм истиқбол ва айни замонбо идораи рӯзнома ҳамкорӣ намуданд.

Аз масъалаҳои асосие, ки рӯзномаи «Овози тоҷик» дар роҳи ҳаллаш саҳм гирифт, ки таваҷҷӯҳи бевосита ба интикори маърифат ва неърӯи маънавию фарҳангии халқ буд. Қариб аз нахустин шумораҳо сар карда, маводҳо аз ҳаёти маданӣ ва мактабу маориф чоп мешуданд. Таърихи халқи тоҷик, сатҳи маънивиёти мардум, масъалаҳои гуногуни иқтисодиёту маориф, муносибат сари қисматҳои забон- ҳама мушкилоти халқ, ки ифодагари ниёзи ӯ бошад, мавриди таваҷҷӯҳи рӯзнома гардид. Аз ҳамин сабаб дар рӯзномаи «Овози тоҷик» доир ба масъалаи муайян намудани ҳудудҳои миллӣ бисёр мақолаҳои принсипиалӣ ва ё мубоҳисавӣ, мусоҳибаҳо дарҷ мегардиданд. Агар дар мақолаи муаллифи номаълум «Дар бораи тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Вусто», доир ба ҳуқуқи миллии тоҷикон ва ташкили давлати онҳо сухан рафта бошад, дар мақолаи Исмоилзода «Боз дар атрофии масъалаи тоҷикӣ» ва ё дар мақолаи дигари муаллифи беном «Дар арафаи мухторияти тоҷикон», «Таъини ҳудуди ҷумҳуриятҳои Туркистон» ва монанди онҳо масъалаҳои дуруст тақсим кардани ҳудуди миллатҳо, аз ҷумла масъалаи ҳуқуқи давлатдории халқи тоҷик дар Осиёи Миёна, дар асоси вазъияту шароит ва далелу бурҳонҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ, хусусиятҳои миллӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба миён гузошта шудаанд. Нисбатан баъдтар Муҳаммадҷон Ҳасании Хуҷандӣ дар мақолаи худ «Тақсими ҳудуди миллатҳоро комилан ба ҷо овардан лозим аст» бори дигар яке аз муаммоҳои сарпечи давраи ташаккули ҷумҳурии миллиро дар Осиёи Миёна ба миён гузошта, диққати комиссияро барои ҳалли воҳаҳои тоҷикнишини водии Фарғона, Сурхандарё, Самарқанд ва дигар ноҳияҳо ҷалб менамояд.

Дар шумораҳои минбаъдаи рӯзнома қайд шудааст, ки ҳалли масъалаи тақсими ҳудудӣ миллӣ бояд дӯстии байни тамоми халқҳои меҳнатии кишварро мустаҳкам кунад: «Дар бунёди корҳои минбаъдаи ҷумҳуриҳои нав на зиддияти миллӣ, балки

интернатсионализми пролетарӣ меистад»- гуфта мешавад дар мақолаи «Таъини ҳудудҳои ҷумҳурияти Туркистон». [4.] Аммо, ин принципҳо на ҳамеша татбиқ ва дасгирӣ меёфтанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ С.Табаров дар мақолаи худ «Овози тоҷик»- тарғибгари таърихи халқи тоҷик» барҳақ менависад, ки: «…таҷрибаи солҳои нахустини ташаккули республикаҳои миллӣ дар Осиёи Миёна нишон дод, ки дар ҳалли масъалаҳои миллӣ ба беэътиноӣ ва хунукназарӣ низ роҳ дода мешуданд. Ба сабабҳои гуногун, махсусан, ба воситаи фармонфармоӣ ва завқи субъективию валютарии пантуркистон ба ҳуқуқи миллии тоҷикон дар ин ё он район иснод оварда мешуд».[5.]

Дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» пайдо шудани мақолаҳои эътирозомез ба мисли «Тоҷикон фаромӯш нашаванд», «Ба муносибати районсоз», «Пешаҳои тоҷикӣ лозим», «Зиндагии тоҷикони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон», «Тоҷикҳо» (маълумоти таърихӣ ва ҷуғрофӣ), «Боз дар атрофии масъалаи тоҷикӣ», «Барои маорифи тоҷикон», «Аҳолии Хуҷанд ва Уротеппа аксар тоҷиканд», «Ҷумҳурияти тоҷикон», «Ҷумхурияти мухтори Тоҷикистон» ва ғайраҳо дар ҳаллу фасли масъалаҳо кӯмак карданд. Аз мутолиа ва мазмуни мақолаҳои фавкулзикр бармеояд, ки чопи онҳо фақат ба хотири мавод ё зикри факти таърихӣ ва этнографӣ набуда, ҳарчанд, ки чунин хусусияти гузариши масъала низ зарур буд, балки муаллифон чун шахсони ба ҳастии миллат ҷонсӯз проблемаҳои яклухтро барои аҳли зимом гузоштанд. Ҳар яке аз ин мақолаҳо дар лаҳзаҳои тақдирсози миллат ин ё он паҳлӯи таърихӣ, фарҳангӣ ва этникии халқи тоҷикро таъкид мекунад.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар як муддати кӯтоҳ, дар байни халқи тоҷик маҳбубият пайдо кард. Онро дар ҳама ҷо-дар чойхона, қироатхона, кӯча, саройҳо мехонданд, муаллимон ҳамчун китоби дарсӣ истифода мебурданд. Ҳатто берун аз марзи Тоҷикистон, дар Эрону Афғонистон, Озарбойҷон хонандаҳо дошт.

Таъсиси Ҷумҳурии Автономии Тоҷикистон дар чорроҳаи се мамолик- Афғонистон, Ҳиндустон ва Эрон аҳамияти байналхалқӣ дошт. Арзиши тавлиди миллати муттаҳидаи тоҷик бузург аст,- навишта буд «Правда». [6.] Таъсиси вай дар бедории Шарқи миллӣ, к ибо як забон гуфтугӯ мекунанд, дида мешавад. Миллати тоҷиккашшофи маданияти нави миллионҳо нафар мардуми Шарқ, ки аз юғи ғуломӣ раҳоӣ ёфтаанд, баромаданд.

1. «Овози тоҷик» дар як давраибисёр мураккаб ва печ дар печи таърихӣ нашр мешуд ва як навъ роҳи пешгирифтаи рӯзномаи ҳафтавори «Шуълаи инқилоб»- ро давом медод. Дар фаҳмиши мо рӯзномаи «Овози тоҷик» бо вуҷуди шумора то шумора таваҷҷӯҳи меҳнаткашонро бедор ва ба худ ҷалб намудан, вале аз боиси ҳаёти онҳо, таърихи гузашта ва умуман талаботи онҳоро ба пуррагӣ инъикос накарданаш, то андозае сабабҳои аёнии мавҷудияти рӯзнома ва баъзан мустаҳкамии моддиву вусъати таъсири амақи фарҳангии ӯро бозгӯ мекард.

2. Рӯзномаи «Овози тоҷик» нашрияи Комитети Марказии фирқаи коммунистии (б) Ӯзбекистон қарор гирифта, назорат ва роҳбарии ҳизбӣ аз болои он табиист, ки қавӣ мегардад. Доираи нигорандагон, публитсистон, нависандагон рӯз то рӯз зиёдтар шуда, ҳамчунин робитаи рӯзнома ба меҳнаткашон пурзӯр мешавад, ки ин амали рӯзнома дар оянда ба тарбияи нависандагон, мухбирон ва кадрҳои тоза мусоидат мекунад.

3. Рӯзнома ба як нашрияи ташкилотчӣ-ташвиқотчӣ ва инъикоскунандаи тамоми паҳлӯҳои ҳаёти тоҷикони Ӯзбекистон табдил ёфта, дар аёни замон барои тоҷикони Ӯзбекистон ягона чароғи маърифат, ифшогари розу ниёзи кӯҳнадардони фарҳангӣ мемонад.Муштариёни (агентии) худро дар вилоятҳо, ноҳияҳои тоҷикнишин таъсис медиҳад.

Фаъолияти пурраи «Овози тоҷик»-ро (1924-1930), агар аз рӯи сол муайян намоем, давраи аввал ба солҳои 1924 то 1926, давраи дуюм аз 1926 то 1928 давраи сеюм аз 1928 то 1930 рост меояд.

Рӯзнома мисли оинаест, ки дар он симои халқ, маданият, таъриху фарҳанг, инкишофи мактабу маориф, илму маърифат намудор мешавад. Дар ҳаёти ҳар як халқ рӯзнома нақши калон мебозад. Маҳз ҳамин рӯзномаи «Овози тоҷик» барои халқи худ чун обу ҳаво хизмат кард. Аз тарафи дигар, рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳамчун манбаи таърихӣ барои муайян намудани саҳифаҳои норушани халқи тоҷик саҳмгир мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Азимов А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик. –Душанбе: Сино, 2000. 184 с.
2. Айнӣ С. Қавми тоҷик ва рӯзнома. // Овози тоҷики камбағал. 1924. 25 август.
3. Масов Р. История топорного разделения. –Душанбе: Ирфон, 1991. 189 с.
4. Таъини ҳудуди ҷумҳуриятҳои Туркистон. // Овози тоҷик. 1924. 4 сетябр.
5. Табаров С. «Овози тоҷик» - тарғибгари таърихи халқи тоҷик.// Омӯзгор. 1989. 7 ноябр.
6. Правда. 1925. 7 май.

**ГАЗЕТА «ОВОЗИ ТОЧИК» («ГОЛОС ТАДЖИКА») КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК**

Статья анализирует основные предпосылки возникновения и влияния газеты «Овози точик» (Голос таджика»). Автор убежден, что данная газета внесла весомую лепту в дело пропаганды образования для таджикского народа. Наряду с этим, «Овози точик» («Голос таджика») действительно считается историческим источником, к которому обращаются, и по сей день.

**Ключевые слова:** печать, культура, публицист, история, закон, пропаганда, газета, этнография, нация, наука, школа, пантюркизм, идеология, политика.

**«OVOZI TOJIK» ("TAJIK'S VOICE") NEWSPAPER AS HISTORICAL SOURCE**

Article analyzes the main prerequisites of emergence and influence of the «Ovozi Tojik» («The Tajik's voice") newspaper. The author is convinced that this newspaper had a powerful contribution in promotion of education for the tajik people. On a row with it, «Ovozi Tojik» («The Tajik's voice") really is considered a historical source to which address and to this day.

**Key words:** press, culture, publicist, history, law, promotion, newspaper, ethnography, nation, science, school, pantyurkizm, ideology, policy.

**Сведение об авторе:** ***А. Азимов*** – профессор кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **918-67-03-20**

# ПЕНСИОННОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ВОЕННОСЛУЖАЩИХ И ЧЛЕНОВ ИХ СЕМЕЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945 гг.)

***И.С. Мухаммадиев***
**Академия МВД Республики Таджикистан**

В условиях войны Коммунистическая партия и Советское правительство повседневно заботилось об улучшении материально-бытовых условий жизни трудящихся. С самого начала войны выдвигаются на первый план вопросы обеспечения законности при материально-бытовом обслуживании и трудовом устройстве эвакуированных граждан, членов семей военнослужащих, инвалидов, демобилизованных солдат и офицеров Великой Отечественной войны.

Спустя несколько дней после начала Великой Отечественной Войны 26 июня 1941 года Президиум Верховного Совета СССР издал Указ «О порядке назначения и выплаты пособий семьям военнослужащих рядового и младшего начальствующего состава в военное время», согласно которому членам семей граждан, призванных в РККА в качестве рядового и начальствующего состава срочной службы, в установленных случаях выплачивались ежемесячные пособия. Ранее СНК СССР 16 июля 1940 года издал постановление № 1269 «О пенсиях военнослужащим рядового и младшего начальствующего состава срочной службы и их семьям». СНК СССР 5 июня 1941 года издал постановление № 1474 «О пенсиях и пособиях лицам высшего, старшего и среднего начальствующего состава, лицам младшего начальствующего состава сверхсрочной службы, специалистам рядового состава сверхсрочной службы и их семьям». Этими постановлениями было установлено пенсионное обеспечение рядового и младшего начальствующего состава срочной службы и их семьям, офицерам и военнослужащим рядового, сержантского, старшинского состава сверхсрочной службы.

В дополнении к данному постановлению СНК СССР 28 апреля 1943 года издало постановление "Об обеспечении генералов и лиц начальствующего состава Красной Армии, умерших, погибших в боях и пропавших на фронте без вести" и установил выдавать единовременное пособие женам генералов и лиц старшего начальствующего состава Красной Армии (майоры, подполковники, и полковники) в размере от 10 тыс. руб. до 20 тыс. руб в зависимости от состава семьи [1, 818]. В военное время сохранился, а в ряде случаев повышался уровень гарантий в области социального страхования [2, 97].

СНК СССР 17 июня 1943 г. утвердил инструкцию о порядке назначения пенсий семьям военнослужащих рядового и младшего начальствующего состава. При исполкомах местных Советов депутатов трудящихся были созданы отделы по государственному обеспечению и трудовому устройству семей военнослужащих. Только за последние два с половиной года войны семьи красноармейцев и сержантов получили свыше 24 млрд. руб. государственных пособий и пенсий[3, 36].

Семьи фронтовиков регулярно получали пособия и пенсии, им предоставлялись различного рода льготы по налогам и поставкам сельскохозяйственных продуктов, обеспечивалось бесплатное обучение их детей в в средних и высших учебных заведениях, предоставлялись им льготы в жилищном устройстве и в снабжении. В 1941 году по республике семьям военнослужащих были выплачены пособия на сумму более 8 млн.рублей, а в 1942 году сумма выплаченных пособий составил 41 млн.рублей [4]. Забота о семьях защитников Родины и инвалидах Отечественной войны играла большую роль в грандиозных победах Красной Армии на фронтах Отечественной войны. СНК Таджикской ССР 15 августа 1941 года за № 834 принял специальное постановление, которым исполкомы депутатов трудящихся обязывались семьям военнослужащих оказывать всестороннюю помощь [5, 245].

В республике Таджикистан, для назначения пособий при исполкомах районных и городских Советов были созданы специальные комиссии во главе с заместителем председателя исполкома, военным комиссаром и заведующей отделом социального обеспечения. Заявления семей военнослужащих о назначении пенсии и пособий рассматривались в трехдневный срок. Семьям фронтовиков оказывалась разносторонняя помощь, систематически проводились декадники и месячники по оказанию помощи. Трудящиеся на эти цели вносили свои сбережения. Семьям военнослужащих рядового и начальствующего состава республики в период войны было выплачено пособий более

162883 тыс. рублей и пенсий более 29666 тыс. рублей пенсий военнослужащим, а также семьям умерших пенсионеров военнослужащих – более 129 млн. руб. [6, 110]

За годы войны инвалидам войны было выплачено в качестве пособий более 70 млн. рублей, выдано промтоваров на сумму 4,5 млн. рублей, роздано большое количество подарков, трудоустроено более 14 тысяч инвалидов, около 20 тысяч обеспечено жилплощадью, им создавались все условия для овладения новыми специальностями [7, 14].

Органы прокуратуры проводили проверки выполнения директив правительства о получении пособий, пенсии и предоставления различного рода льгот. Во исполнении приказа прокурора СССР В. Бочкова от 25 июня 1941 года № ПР/57с и поручения прокурора Таджикской ССР прокурор Ленинабадской области поручил горрайпрокурорам немедленно проверить своевременность выплаты всем мобилизованным военнообязанным по месту их работы заработной платы, двухнедельного выходного пособия и компенсаций за неиспользованный отпуск, выполнение исполкомами Советов и отделами социального обеспечения Указа Президиума Верховного Совета Союза ССР от 10 октября 1940 года «О порядке назначения и выплаты пособия семьям военнослужащих; рядового и младшего начальствующего состава в военное время» и выполнение органами Наркомсобеза постановления СНК СССР от 16 июля 1940 г. и от 12 ноября 1940 г. №№ 291 и 1269 о пенсиях военнослужащим рядового и младшего начальствующего состава срочной службы и их семьям.

Прокурорской проверкой выявлено, что Курган-Тюбинский райсовет, 5 августа 1941г. принял решение о назначении председателя комиссии по назначению пособий семьям военнослужащих секретаря Райсовета, в то время, как по закону председателем комиссии может быть только заместитель председателя райсовета. Это решение 20 сентября 1941г опротестовано Прокуратурой Республики [8].

Прокурором Рахатинского района Сталинабадской области было выявлено, что 12 семей военнослужащих, имеющие право на получение пособие и пенсий, не получали по вине местных органов. Принятыми прокуратурой района мерами пенсии и пособии этим семьям были назначены. В отдельных районах заявления о назначении пособий и пенсий рассматривают не комиссии, а единолично заведующие отделами гособеспечения, заседания комиссий проводятся нерегулярно, в результате разбор заявлений задерживается. Прокурор Ленинабадской области Ахмадеев А.В., в донесении от 24 ноября 1941г., привел ряд фактов нарушений Указа Президиума Верховного Совета СССР от 26 июня 1941г., допущенных Комиссией при Пенджикентском Райисполкоме во время рассмотрения заявлений о выплате пособий семьям военнослужащих. Прокуратурой сделано представление в Райисполком и РК партии для устранений [9].

Несмотря на проведенную работу в этой области, в работе местных органов имели место недостатки. В некоторых районах республики недостаточно проводилась массово-разъяснительная работа о правах и льготах, установленных для семей военнослужащих, были допущены грубые нарушения законодательства о выплате пособий и пенсий, сроков рассмотрения заявлений, имелись переплаты государственных средств. Ряд военкоматов не выполняли возложенные на них законом задачи о принятии личного активного участия в работе комиссии по назначению пособий и пенсий семьям военнослужащих, а также задерживали выдачу справок о мобилизации в РККА и своевременно не сообщали отделам гособеспечения сведений о военнослужащих[10, 63].

ЦК ВКП(б) 22 января 1943 г.принял постановление “О мерах улучшения работы советских и местных партийных организаций по оказанию помощи семьям военнослужащих” [11, 204]. В постановлении ЦК ВКП (б) указано, что во многих городах и районах имеют место многочисленные нарушения органами власти законов о выдаче пособий и предоставлении различных льгот семьям военнослужащих, а также факты преступно – бюрократического отношения к жалобам и материально – бытовым нуждам этих семей. Невнимательное отношение к семьям военнослужащих ослабляет мощь нашей Красной Армии, что обеспечение каждой без исключения семьи военнослужащего своевременной выдачей пособий и предоставлением пособий и предоставлением льгот, предусмотренных законом, повседневная забота об удовлетворении материально – бытовых нужд семей военнослужащих – имеет огромное военно-политическое значение и является половиной всей нашей заботы о Красной Армии.

ЦК ВКП (б) поручил Прокурору СССР установить постоянный надзор за выполнением законов о порядке выдачи пособий и предоставлении для семей военнослужащих льгот, привлекая виновных в нарушении этих законов к судебной ответственности. Прокурор Союза ССР издал специальный приказ от 3 февраля 1943 г. «О постоянном надзоре за неуклонным выполнением законов, охраняющих интересы семей защитников Родины», которым обязал всех прокуроров немедленно ознакомится в местных партийных или советских органах с указанным постановлением ЦК ВКП (б) от 22 января 1943 г. и считать особо важной военно-политической задачей органов прокуратуры в условиях Отечественной войны работу по надзору за точным и безусловным выполнением законов о порядке выдачи пособий и представлением установленных льгот семьям военнослужащих. Поручалось принять меры по немедленному устранению нарушений в кратчайших срок, привлечь, не взирая на лица, к суровой ответственности виновных в бездушно – бюрократическом отношении к семьям

военнослужащих. В целях осуществления постоянного надзора за выполнением законов о выплате пособий и пенсий семьям военнослужащих городским и районным прокурорам не реже 1 – 2 раз в месяц проверять выполнение законов о выплате пособий и пенсий отделами исполкомов по государственному обеспечению и бытовому устройству семей военнослужащих. Во всех случаях нарушения указанными комиссиями и отделами установленного законом трехдневного срока рассмотрения заявлений о назначении пособий, а равно неаккуратной выдачи этих пособий – виновных безоговорочно привлекать к строжайшей ответственности вплоть до ареста и предания суду; систематически проверять в соответствующих советских органах выполнение законов о предоставлении семьям военнослужащих различных льгот по налогам продуктов, по обязательным государственным поставкам сельскохозяйственных, по жилью и квартирной плате и других льгот, решительно и своевременно пресекая малейшие беззакония в этом деле.

Во исполнении приказов и указаний Прокурора СССР работа отделов гособеспечения и бытового устройства семей военнослужащих систематически проверялась органами прокуратуры и принимались меры к устранению выявленных нарушений в вопросах материального обеспечения семей фронтовиков и инвалидов Отечественной войны. Например, в ходе проверки в отделе гособеспечения Гиссарского района Сталинабадской области обнаружено переплата по пособиям и пенсиям на сумму 16.000 руб. и недоплата на сумму 8500 руб. Зав.отделом гособеспечения Макарьянц из средств, предназначенных для оказания помощи семьям военнослужащих незаконно израсходовал на покупку двух лошадей 17.000 руб, за что был привлечен к уголовной ответственности. В Сталинабадской и Гармской областях прокурорами были выявлены факты неправильного назначения пенсии и пособий, при отсутствии необходимых документов. Прокуратурой был разоблачен и привлечен к уголовной ответственности зав. райсобесом Душанбинского района г. Сталинабада А.Л., который, злоупотребляя служебным положением, не будучи инвалидом Отечественной войны, оформил себе документы на получении пенсии и получил, таким образом, 2 тыс. руб. пенсий, а 1000 рублей взял из кассы собеса и присвоил.

При проверке выполнения решений Ленинабадской и Кулябской областных советов депутатов трудящихся о выдаче государственных пособий многосемейным установлено, что решения этих облсоветов своевременно не реализовались, по вине консультантов вследствие неоформления ими протоколов Облсовета. В результате чего 10 многосемейных на протяжении более 2-х месяцев не могли получить установленное им пособие. Указанные выше лица по требованию прокуратуры привлечены к ответственности [8]. В годы войны семьям военнослужащих и эвакуированных было выделено 12 млн. рублей государственных пособий. Только в 1943 году для ремонта жилого фонда было выделено 100 тыс. рублей. В детских садах и яслях воспитывались 4200 детей военнослужащих [12, 102].

Органы прокуратуры систематически проверяли своевременное рассмотрение заявлений военнослужащих и членов их семей, эвакуированных граждан, при выявлении нарушений принимали меры к их устранении, а виновных привлекали к ответственности. Исполнение законодательства о выплате пособий и пенсий, о рассмотрении заявлений по назначению пенсий и пособий находились под постоянным надзором органов прокуратуры.

Таким образом, в годы войны в целях улучшения обслуживания воинов – инвалидов, семей погибших были осуществлены некоторые организационные изменения, касающиеся порядка назначения выплаты пенсий. В связи с условием военного времени были созданы специальные органы по материальному обеспечению и бытовому устройству семей военнослужащих, установлен особый порядок обеспечения государственными пособиями семей военнослужащих, находящихся в рядах армии, социальная политика государства и её четкое и эффективное осуществление в годы войны имели огромное значение для достижения победы над врагом, на протяжении всей войны вопросы социального обеспечения были в центре внимания руководство страны. Надзор за законностью при материальном обеспечении и бытовом устройстве семей военнослужащих за деятельностью органов местного военного управления и органов социального обеспечения по установлению и выдачи пособий были возложены на органы прокуратуры. Прокурорами принимались меры по устранению нарушений законов, виновные лица, допустившее нарушение прав семей военнослужащих, хищения и злоупотребления, привлекались к ответственности, невзирая на занимаемое положение.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Справочник по законодательству для работников органов прокуратуры, суда и министерства внутренних дел. -Том 1. -М., 1971. - 926 с.
2. Андреев В.С. Право социального обеспечения в СССР / В.С. Андреев. - М.: Юридическая литература, 1980. - 312 с.
3. Козлов А.Е. Социальное обеспечение в СССР / А.Е. Козлов - М., 1984. - 208 с.
4. Центральный государственный архив Республики Таджикистан. - Ф.280. - Оп.7.- Д. 218.- Л. 313-317.
5. Тоатов Ҳ. Хатлон дар масири таърих / Ҳ. Тоатов, Р. Юлдошев. - Хуҷанд, 2006. - С. 245.
6. Пак Н.П. Советы Таджикистана в годы Великой Отечественной Войны / Н.П. Пак. - Душанбе, 1985. - 184 с.
7. Книга памяти Республики Таджикистан (сводный том). - Душанбе, 1997.

8. Докладная записка Прокурора Тадж. ССР А. Романова в Прокуратуру СССР «О законности решений местных органов власти, изданных в военное время» от 6 декабря 1941 г. // Центральный государственный архив Республики Таджикистан. – Ф.329. -Оп.20. - Д.29. - Лл. 113-117.
9. Центральный государственный архив Республики Таджикистан. - Ф.329. - Оп.20. - Д.29. -Лл. 271-279.
10. Назаров Н. Таджикская милиция в годы Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.) / Н. Назаров, М. Якубов. - Душанбе: Хумо, 2005. - 132 с.
11. История Великой Отечественной Войны Советского Союза. -Т.3. -М., 1961. -456 с.
12. Ҳоҷиев А. Советҳои Тоҷикистон дар солҳои муҳорибаи бузург / А. Ҳоҷиев, М. Инъомов. - Хуҷанд, 1999.

**ПЕНСИОННОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ВОЕННОСЛУЖАЩИХ И ЧЛЕНОВ ИХ СЕМЕЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945 ГГ.)**

В статье рассматривается порядок обеспечения государственными пособиями семей военнослужащих, находящихся в рядах Советской Армии в годы Великой Отечественной войны. На основе исторического анализа доказывается, что в 1941-1945 годы в целях улучшения обслуживания воинов – инвалидов, семей погибших были осуществлены некоторые организационные изменения, касающиеся порядка назначения выплаты пенсий. **Ключевые слова:** Великая Отечественная война, пособия и пенсии, пенсионное обеспечение, эвакуированные граждане, члены семей военнослужащих, инвалиды, демобилизованные солдаты и офицеры, органы прокуратуры.

**THE PENSION OF SOLDIERS AND THEIR FAMILIES IN TAJIKISTAN DURING THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945)**

The article discusses the procedure of providing state benefits to families of soldiers in the Soviet Army during the great Patriotic War. On the basis of historical analysis it is proved that in the years 1941-1945 in order to better serve disabled soldiers, the families of the victims have been implemented some organizational changes relating to the procedure for the appointment of pension payments. **Key words:** Great Patriotic war, benefits and pensions, pension, evacuated civilians, military family members, the disabled, demobilized soldiers and officers, the Prosecutor's office.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадиев И.С.*** – прокурор города Исфары Согдийской области РТ, советник юстиции 1 класса, кандидат исторических наук. Телефон**: (+992) 8346222785; (+992) 927700021**

# ҲАЛЛИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ ВА МУҲИММИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ф.Раҳимов***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони истиқлолият Тоҷикистон тавонист фазои мусоиди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд оварад. Қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳалли вазифаҳои афзалиятнок дар самти рушд ва таҷдиди иқтисодиёт, ҷалби бештари сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат барои самарабахш нигоҳдорию идоракунии моликияти давлатӣ, рушди бахши хусусӣ мусоидат менамоянд [1;6].

Иқтисодиёти Тоҷикистон дар 23–соли истиқлолият бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ робитаи қавӣ дошта, дар айни замон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ҷиҳати татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳамгироии бештар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ талош меварзад. Бо маром ҷараён гирифтани ислоҳоти иқтисодӣ, хосса ислоҳоти моликиятӣ, рушди соҳибкорӣ, беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумлаи дастовардҳои соҳа маҳсуб меёбанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ соли 2006 қайд намуда буд: «Бахшҳои стратегияи миллии рушд, ки вазифаҳоро дар самти ислоҳоти идораи давлатӣ, беҳбуди фазои инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ дар бар мегиранд, барои фароҳам овардани шароити умумии сохторӣ пешбинӣ гардидаанд, ки дар маҷмуъ ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат мекунанд» [2].

Бо таъкид бар ин нукта, метавон гуфт, ки дар ҷаҳони муосир ҷалби сармояи хориҷӣ технологияи нав, қувваи зеҳнӣ ва навоварӣ аз масъалаи умда ба шумор рафта, диққати давлатҳои рӯ ба тараққиро ба худ ҷалб менамояд. Се ҳадафи стратегии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҷалби сармояи хориҷӣ имконнопазир мебошад. Бинобар ин, Тоҷикистон аз рӯзҳои аввал барои фароҳам овардани шароити муносиби сармоягузорӣ чораҳои лозима андешид ва барои таъмин кардани фазои мусоиди соҳаи сармоягузорӣ талошҳои зиёде низ намудааст. Доир ба ин масъала як қатор стратегияю барномаҳои муҳим, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 қабул гардид.

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ арзиши умумии лоиҳаҳои аз ҷониби Бонки рушди Осиё маблағгузоришаванда то 1 январи 2011 486 млн. доллари ИМА–ро ташкил дода, ба соҳаҳои энергетика 238,2 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ шуда, 49% ҳаҷми умумии ин сармоягузориро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми маблағи азхудкардашуда дар доираи татбиқи лоиҳаҳои Бонки рушди Осиё то 1 январи соли 2011 240,37 млн. доллари ИМА–ро ташкил менамояд Аз ҷумла, ба соҳаи энергетика 57,05 млн. доллари ИМА (11,7 %) маблағҳо рост меоянд.

Арзиши умумии маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории Бонки исломии рушд ба 1 январи соли 2011 117, 4 млн. доллари ИМА–ро ташкил мекунад. Дар соҳаи

энергетика 137, 7 млн. доллари ИМА (24%) ин маблағҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Ҳаҷми маблағҳои азхудкардашуда дар доираи лоиҳаҳои Бонки исломии рушд ба ҳолати 1 январи соли 2011 52,73 млн. доллари ИМА-ро ташкил мекунад, ки қисми зиёди он ба соҳаи энергетика, аз ҷумла 20,36 млн. долари ИМА, ё ин ки 32 % сармояро ташкил медиҳад [2;82].

Арзиши умумии маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории хазинаи Созмони давлатҳои содиркунандаи нафт ба ҳолати 1 январи соли 2011 36,35 млн. доллари ИМА–ро ташкил медиҳад. Ба соҳаи энергетика (8,5 млн. доллари ИМА ё 23%) маблағҳо сармоягузорӣ карда шуда буд. Маблағи азхуднамуда дар доираи лоиҳаҳои хазини Созмони давлатҳои содироткунандаи нафт то ба ҳолати 1 январи соли 2011 15,18 млн. доллари ИМА–ро ташкил медиҳад, ки қисми зиёди он ба бахши энергетика, ки 7,9 млн. доллари ИМА ташкил медиҳад, равона шудааст [2.85-96].

Арзиши умумии маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории Хазинаи рушди иқтисодии арабии Қувайт бошад, ба ҳолати 1 январи соли 2011 44,8 млн. доллари ИМА–ро ташкил мекунад. Хазинаи рушди иқтисодии арабии Қувайт оид ба маблағгузорӣ ба инкишофи бахши энергетика 13 млн. доллари ИМА равона гардидааст.

Маблағи азхудкардашуда дар доираи лоиҳаҳои Хазинаи рушди иқтисодии арабии Қувайт то ба ҳолати 1 январи соли 2011–16 75 млн. доллари ИМА–ро ташкил медиҳад, ки қисми зиёди он ба бахши энергетика 1286 млн. доллари ИМА, ки 29 % рост меомад, дар бар мегирад [3.34]. Арзиши умумии маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории Бонки олмонии рушд бошад, ба ҳолати 1 январи соли 2011 54,6 млн. доллари ИМА, фаъолияти Бонки олмони рушд оид ба маблағгузорӣ ба инкишофи бахшҳои энергетика (39, млн. доллари ИМА), ки 72 % сармояро ташкил намуда, аз ин миқдор маблағи азхудкардаи хазина бошад, то 1 январи соли 2011 9,06 млн. доллари ИМА, аз ҷумла барои рушди бахши энергетика 6,13 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [3.34]. Тавре ки дар боло қайд кардем, инвеститсияи ба ҷумҳурӣ воридгардида то 1 январи соли 2011 1366,44 млн. доллари ИМА–ро ташкил карда, аст ки аз ин ҳисоб ба соҳаи энергетика 414,07 млн. доллари ИМА равона гардида буд. Аз ин миқдор пуле, ки ба соҳаи энергетика равона гардида буд то 1 январи соли 2011 122,6 млн. доллари ИМА аз худ карда шудааст. Маблағи боқимонда дар ҳолати амалишавӣ мебошад.

Лоиҳаҳои дигари ҷалб намудани инвеститсияи хориҷӣ ин лоиҳаи сохтмони НБО–и хурд дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2007 оғоз гардида, моҳи декабри соли 2010 ба нақша гирифта шуда буд. Сипас муҳлати татбиқи лоиҳа то моҳи июли соли 2011 тамдид гардид .Маблағи умумии лоиҳа 11,59 млн. доллари ИМА–ро ташкил медиҳад, ки аз ин 9,18 млн. доллари ИМА қарзи Бонки исломии рушд ва 2,41 млн. доллари ИМА ҳиссаи ШСХК «Барқи тоҷик» мебошад.

Мақсади лоиҳаи мазкур бо қувваи барқ таъмин намудани як қатор маҳалаҳои хурду калони ноҳияҳои дурдаст, инчунин тавлиди қувваи барқ дар неругоҳҳои хурд ҷиҳати аз худ намудани захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои хурд барои эҳтиёҷоти хоҷагии қишлоқ ва рӯзгори аҳолӣ мебошад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллӣ аз 20 апрели соли 2006 омадааст:«Барои таъмини пурраи эҳтиёҷоти дохилии кишвар бо қувваи барқ ва содироти он ба кишварҳои минтақа ба мо зарур аст, ки дар баробари сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ, инчунин ба бунёди инфраструктураи интиқоли он суръат бахшид. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, сохтмони хатти интиқоли барқи «Ҷануб–Шимол», ки маблағи он 550 млн. сомониро ташкил медиҳад, дар соли 2006 шурӯъ гардида, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба таҳияи лоиҳаи сохтмони хатҳои интиқоли қувваи барқи Роғун – Кобул – Ҳирот –Машҳад ва Роғун–Кобул суръат бахшида шавад…» [3.35].

хешро то ба имрӯз нигоҳ дошта истодаанд. Дар хусуси заминаҳои ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо Қирғизистон метавон ҳамин матлаби Б. Ғафуровро ёдрас шуд, ки ҳанӯз дар замони ҳокимияти Ғазнавиён, Салҷуқиён ва Қарохониён мубодилаи мол байни халқҳои тоҷику кирғиз мавҷуд будааст. Мадракҳои фаровони сиккашиносӣ ба мавҷудияти мубодилаи пулӣ далолат мекунанд. Аз асри XI то ибтидои асри XIII дар сарзамини Осиёи Миёна сиккаҳои зарби давлатчаҳои гуногун (вобаста ба дохил шудани онҳо ба ҳайати ноҳия ва вилоятҳои ҷудогонаи Осиёи Миёна) роиҷ буданд [3]. Сиккаҳои ғазнавӣ ва салҷуқӣ одатан дар ноҳияҳои ҷанубии Осиёи Миёна: аввалӣ дар Тоҷикистон, дувумӣ дар Туркманистони Ҷанубӣ бештар дучор меоянд. Аксаран дар ҳудуди Қирғизистон ва Тоҷикистони Шимолӣ сиккаҳои қарохонӣ вомехӯранд [2].

Аз ин матлаб чунин бармеояд, ки дар ин давраи таърихӣ низ халқи тоҷик бо халқи кирғиз равобити молӣ доштанд. Дар замони мавҷудияти хонигарии Кӯқанд тоҷикон ва қирғизҳо бар зидди зулму истибдоди эшон якҷо мубориза бурдаанд. Тоифаҳои ҷануб ва шимоли Қирғизистон ва қазоқҳо низ чандин бор бар зидди юғи асорати Хӯқанд сар бардошта буданд [2]. Дар ҷараёни ин шӯришҳо меҳнаткашони кӯчнишин аксар вақт бо деҳқонон ва шаҳриёни мазлум муттаҳид мешуданд [4].

Дар рафти ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия халқҳои тоҷик ва қирғиз дар як вақт ба ҳайати Империяи Русия шомил карда шуданд. Солҳои 1855-1863 ҳудудҳои Қирғизистони имрӯза аз тарафи полковник Черняев ба ҳайати Империяи Русия ҳамроҳ карда шуд. Қирғизистони Ҷанубӣ (бо Фарғона ва Тоҷикистони Шимолӣ) соли 1876 бо номи вилояти Семиреченск, ки маркази маъмурии он шаҳри Верний буд, ба Русия ҳамроҳ карда шуд [5]. Дар замони мавҷудияти СССР низ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон роҳи ягонаи таърихиро тай намуда, равобити некуҳамсоягиро вусъат бахшиданд. 14 октябри соли 1924 вилояти автономии Кара-Қирғизистон (аз 25 майи соли 1925 вилояти автономии Қирғизистон) дар ҳайати РСФСР пазируфта шуда, 1 феврали соли 1926 бо номи Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Қирғизистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шуд ва 5 декабри соли 1936 аз ҳайати РСФСР баромада, унвони Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Қирғизистонро гирифт [6].

Чунин тақдири таърихӣ Тоҷикистонро низ домангир шуда буд. 14 октябри соли 1924 Тоҷикистон ҷумҳурии автономӣ дар ҳайати Ӯзбекистон ва 16 октябри соли 1929, ҳамчун Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд. Пас аз инқирози давлати абарқудрати СССР ҷомеаи муттаҳидаи шӯравӣ пароканда шуда, ҷумҳуриҳои мустақили Тоҷикистон ва Қирғизистон пайдо шуданд.

Дар заминаи робитаҳои таърихӣ, маданӣ, иқтисодӣ ва дӯстӣ муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 14 январи соли 1993 барқарор гаштанд. Аз моҳи марти соли 1997 дар шаҳри Душанбе Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон фаъолият мекунад. Дар Бишкек низ Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Пас аз барқарор гаштани муносибатҳои дипломатӣ марҳилаҳои асосии рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон рӯйдодҳои муҳимми зеринро дар бар мегирад:

-моҳи январи соли 1993, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон сафари корӣ анҷом дод;

-моҳи июли соли 1996, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон А.Акаев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф овард;

-моҳи майи соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон расман сафар кард;

-моҳи майи соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон А.Акаев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омад;

-моҳи майи соли 2008 Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қ. Боқиев ба вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон омад;

-моҳи июли соли 2010 дар рафти ҷаласаи 27-уми Шӯрои Байнидавлатии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар шаҳри Остона мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Р.Отунбаева [7] сурат гирифт;

-моҳи ноябри соли 2010 дар доираи ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони ҳукуматҳои давлатҳои узви СҲШ дар шаҳри Душанбе мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Р.Отунбаева доир шуд;

-моҳи майи соли 2013 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон сафари расмӣ анҷом дод.

Тоҷикистон ва Қирғизистон барои таъмини минбаъдаи ҳамкории дуҷониба, таҳкурсии институтсионалии устувор – Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба ва Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оиди делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ таъсис додаанд. Афзалиятҳои алоқаҳои сиёсии ду

кишвар дар зимни чунин вазифаҳои умумӣ, ба монанди таҳкими амният ва субот дар минтақа, мусоидат ба рушди минбаъдаи равандҳои ҳамгирой аён мегарданд.

Аҳамияти хосса ба ҳамкорӣ дар доираи СММ, САҲА, ИДМ, СААД, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, СҲШ, ББНА, институтҳои молиявӣ ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ки Тоҷикистон ва Қирғизистон дар онҳо иштирок мекунанд, дода мешавад. Пояи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон заминаи ҳуқуқии мустаҳкамро барои таҳкими ҳамкории гуногунҷанбаи минбаъдаи ҳарду кишвар фароҳам овард.

Аҳднома оид ба муносибатҳои асосии байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (12 июли соли 1996, ш. Душанбе) ва Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамшарикӣ (26 майи соли 2004, ш. Душанбе) ҳуҷҷатҳои асосие, мебошанд, ки ҷараён ва усулҳои муҳимми муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистону Қирғизистонро танзим мекунанд. Ҷумҳурии Қирғизистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон марзи муштарак доранд. Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон аз қаторкӯҳҳои паси Олой оғоз гардида, тавассути қаторкӯҳҳои Олой, Зарафшон, Туркистон ва сипас то водии Фарғона дар пайвастагии сарҳадҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон давом мекунад. Дарозии сарҳади давлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон тақрибан 987 км-ро ташкил медиҳад.

Мувофиқи Созишномаи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз соли 2004 дар Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон 5 гузаргоҳи сарҳадӣ амал менамоянд [8]. Аз он ҷумла, “Гулистон” дар ноҳияи Исфара, “Маданият” дар ноҳияи Ҷаббор Расулов ва “Овчӣ-Қалъача” дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, “Қизил-Арт” дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва “Қарамиқ” дар ноҳияи Ҷиргатол [9]. Соли 2000 нуктаи пайванди сарҳадҳои давлатии се кишвар - Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой тавассути ба имзо расонидани Созишномаи сеҷониба байни кишварҳои номбурда муайян гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ дар ҳайати як давлати бузург қарор доштанд ва ин ду кишварро сарҳадҳои маъмурӣ ҷудо менамуданд. Пас аз пош хӯрдани ИҶШС ва соҳиби истиқлолияти давлатӣ гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, зарурати муайян намудани хатти Сарҳади давлатӣ (делимитатсия) бо ин кишвар ба вуҷуд омад. Бо ин мақсад, соли 2000 аз ҷониби ду кишвар Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи Сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон ташкил гардид.

Музокироти дуҷониба вобаста ба делимитатсияи Сарҳади давлатии ду кишвар аз соли 2002 оғоз гардида, дар давраи охири соли 2013 зиёда аз 500 км хатти сарҳади давлатӣ делимитатсия карда шудааст. Вохӯриҳои Комиссияи байниҳукуматии номбурда бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ду кишвар ва коршиносони соҳавӣ соле 3-4 маротиба баргузор гардида, масъалаҳои марбут ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ муҳокима мегарданд [9].Дар муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Тоҷикистону Қирғизистон тамоюли муайяни болоравӣ мушоҳида мешавад.

Бо оғози кори Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба, ки он 12 июли соли 1997 таъсис шудааст, муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар аксарияти самтҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ рушд ёфта, тамоюли мунтазами афзоиши устувор ва мушаххаси нишондиҳандаҳои гардиши савдо ба чашм мерасад. Шоистаи таъкид аст, ки таъсиси Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба, мунтазам доир намудани ҷаласаҳои он, ба истилоҳ пуле барои ба сатҳи нави рушд баровардани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон гардидааст. Шурӯъ аз муноқишаҳои сарҳадӣ дар соли 2012 байни ноҳияи Исфара ва вилояти Ботканди Қирғизистон, ки дар масъалаи муайяннамоӣ ва аломатикунонӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад, тавсеаи ҳамкориҳо ба марҳилаи нав ворид гардид. Зеро бартараф намудани ихтилофи назарҳо, ки заминаҳои таърихӣ доранд ва ин сарчашма аз сиёсати нодурусти Шӯравии собиқ мегирад, аз дипломатияи хубу олӣ ва иродаи сиёсии давлатмардони ду давлат вобаста аст.

Кӯшишу заҳматҳои дутарафа пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар 27-уми майи соли 2013 дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон 10 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд, ки онҳо иборатанд аз: Созишнома миёни Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмии

педагогии тахассуси олӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр ва аттестатсия намудани кадрҳои илмӣ ва илмии педагогии тахассуси олӣ; Протокол миёни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти давлатии гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ташкили мубодилаи маълумот доир ба интиқоли молҳо ҳангоми савдо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва барасмиятдарории гумрукии онҳо; Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи граждании (муҳофизат), огоҳсозӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ;

Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ;

Қарори Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон "Дар бораи ҳамкорӣ барои делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон";

Қарори Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон "Дар бораи фаъолияти комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба";

Қарори Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи сохтмони роҳи оҳани Русия-Қазоқистон-Қирғизистон-Тоҷикистон»;

Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон.

Ин санадҳои ҳамкорӣ боис гаштанд, ки дар моҳи августи соли 2014 дар масъалаи марз ва сохтмони роҳу пулҳо миёни ду кишвар, тарафҳо ба созиш омаданд.

Дар маҷмӯъ, дар муносибатҳо байни Тоҷикистону Қирғизистон дар шароити рушди мустақил, саъю кӯшиши муштарак ҷиҳати роҳандозии алоқаҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои мухталифи ҳамкорӣ ба назар расида, дар он рӯҳияи эътимоди мутақобил, ҳусни ҳамҷаворӣ ва муносибатҳои нек бо якдигар ҷой дорад.

## АДАБИЁТ


1. Свет дружбы: Истоки дружбы. Сб.ст.- Бишкек, 2007. -С.119.
2. Гафуров Б. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – С.15, 16, 127, 421, 599.
3. Бактыгулов Дж.С. История кыргызов и Кыргызстана с древнейших времен до наших дней / Дж.С Бактыгулов, Ж.К. Момбекова.- Бишкек., 1999.- С.1-191.
4. Усенбоев К., 1961, с. 44–51; История Киргизской ССР, т. 1,1968, с. 293–298.
5. [Захираи электронӣ]. ru.m.wikipedia.orq.
6. Джамгерчинов Б. Добровольное вхождение Киргизии в состав России / Б. Джамгерчинов. Изд.2. Фрунзе: Киргосиздат, 1963.
7. [Захираи электронӣ]. http://mfa.tj/tj/munosibatho-bo-kishvarhoi-idm/tj-kyrgisiston.html
8. [Захираи электронӣ]. http://mfa.tj/tj/masoili-sarhadi/sarhad-tojikiston-kirgiziston.html
9. [Захираи электронӣ]. http://mfa.tj/tj/masoili-sarhadi/sarhad-tojikiston-kirgiziston.html.


## ТАДЖИКИСТАН-КЫРГЫЗСТАН: УПРОЧЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА


В статье прослеживается история установления и развития всесторонних взаимоотношений Республики Таджикистан и Республики Кыргызстан. Народ Кыргызстана очень тепло и благожелательно относится к Таджикистану. За 23 летний период независимости Республики Таджикистан, в процессе регулярных контактов на высшем и других уровнях, активных дипломатических инициатив и конкретных шагов между нашими странами, наряду с определёнными результатами, достигнуто чёткое понимание важности и взаимной выгоды двусторонних отношений.



**Ключевые слова**: Киргизия, Таджикистан, отношение, межгосударственный, Центральная Азия, международный, межнациональный, сотрудничество.


## TAJIKISTAN-KYRGYZSTAN: CONSOLIDATION COOPERATION


The article traces the history of the establishment and development of comprehensive relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kyrgyzstan. The people of Kyrgyzstan are very warm and sympathetic consideration to Tajikistan. Over the 23 years of independence of the Republic of Tajikistan, in the process of regular contacts at the top and other levels of active diplomatic initiatives and concrete steps between the two countries, along with certain results achieved by a clear understanding of the importance and mutual benefits of bilateral relations.



**Key words:** Kyrgyzstan, Tajikistan, the attitude, the interstate, Central Asia, international, interethnic.



**Сведения об авторе:** ***Ф.Н. Абдуджалилова*** – аспирантка ТНУ. Телефон: **900-87-66-39**

# РӮЗНОМАИ «АХТАР»-И ФОРСИЗАБОН ДАР УСМОНӢ

***Фахир Ҳасан Юсиф Голи***

Матбуот бахши аслӣ аз фарҳанги мактубии як ҷомеаро ташкил медиҳанд ва зимни ин ки оинаи замонаи хешанд, таъсири босазое дар эҷод ва самтдиҳӣ ба таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаю маҳаллашон доранд. Огоҳ шудан аз вазъ ва коркарди матбуот дар гузашта дар даст ёфтан ба шинохти вазъи мавҷуд ва дар ниҳоят таҳлилу барномарезии оянда кумак мекунад. Матбуоти асри Носириддиншоҳи Қоҷор, бахусус матбуоте, ки дар хориҷ аз кишвар чоп ва интишор мееёфтанд, нақши бисёр муҳим ва таъсиргузоре дар бедорӣ, рӯшангарию ҳидояти гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоии ҷомеа мегузоштанд.

Рӯзномаҳо аз ҷумлаи муҳимтарин омилҳои таъсиргузор дар огоҳибахшӣ ба мардум ҳастанд. Бинобар ин, дар ҷомеаҳое, ки огоҳии мардум аз сатҳи паст бархурдор аст, рӯзномаҳо метавонанд сатҳи дарки ҷомеаро афзоиш диҳанд. Эрон дар замони Қоҷор ин гуна ҷомеа буд. Аз ҷумлаи муҳимтарин рӯзномаҳое, ки дар давраи пеш аз Машрута нақши асосӣ дар огоҳибахшӣ ба мардум дошт ва номи мондагор аз худ ба ҷо гузошт, рӯзномаи «Ахтар» аст. Дар пайи он ҳастем, то нашрияро мавриди баррасӣ қарор диҳем ва нақши онро дар таърихи муосири Эрон бозгӯ намоем.

**Интишори рӯзномаи Ахтар.** Нахустин шумораи рӯзномаи «Ахтар» бо роҳбарии Муҳаммадтоҳири Табрезӣ ва нависандагии Мирзо Маҳдихони Табрезӣ, зери ҳимояи сафири Эрон дар Усмонӣ Муҳсинхон Муинулмулк, 13 январи соли 1875 дар Истанбул-Пойтахти Усмонӣ интишор ёфт [1]. Рӯзномаи «Ахтар» дар чопхонае мунташир мешуд, ки Мирзо Муҳаммадтоҳири Табрезӣ пеш аз нашри «Ахтар» онро таъсис карда буд. Дар ин чопхона илова бар «Ахтар» китобҳои бисёр ба забони форсӣ нашр мешуданд. Идораи «Ахтар» ҳамвора дар маҳаллаи Хони волида будааст ва он маҳалла, маҳалли сукунат ва ҷамъомади аслии эрониёни муқими Истанбул ба шумор мерафт[1]. Агарчи дар он китобҳои рӯзномаҳо номи чопхонаро «Ахтар» навиштаанд, дарвоқеъ ин чопхона ва фаъолиятҳои интишоротии он зери ширкати саҳҳомии ба номи «Ширкати табоати Эрония» анҷом мегирифт. Дар аввали соли 1894 пас аз 25 соли фаъолият аз ҳам пошид ва Муҳаммадтоҳир муассису мудир ва ҳоҷӣ Аббоси Иравонӣ таҳвилдори он соҳибони саҳҳомро, ки усмонӣ буданд, дар мавриди пардохти комили ҳисобҳои ширкат мутталеъ сохтанд. Аммо, чопхона то поёни нашри рӯзнома ва чанд соле пас аз он ба номи чопхонаи «Ахтар» барҷо монд[2].

**Шакл ва хусусиёту техникаи рӯзномаи «Ахтар».** Шакл ва муҳтавои «Ахтар» дар тӯли нашри 22-солааш пешравию пасравӣ доштааст. Тартиби нашр, мундариҷаю матлабҳо дар ҳама шумораҳои он ба як шакл набудааст, ҳатто титри унвони нашрия низ, дар зарфи замони интишори он ба ду шакли мутафовит будааст. Дар оғози солҳо ва бештари замони нашри он ба шакли хатти настаълиқ калимаи «Ахтар» дар болои миёнаи саҳифаи рӯзнома дарҷ мегардид. Аммо шумораҳои солҳои вопасини нашрия ду калимаи «Ахтар» дарун ба дарун ва ба шакли қарина ба унвони номи нашрия қарор гирифт. Дар зери унвон соли интишор (1875) дарҷ мешуд ва дар поёни он калимаи «ахтар» ба забони фаронсавӣ навишта мешуд. «Ахтар» тасвир надошт, рӯзнома дар давраи тӯлонӣ дар чаҳор то ҳашт саҳифа бо чопи ҳарфҳои (сербӣ) интишор мееёфт. Қатъ 34х47 сантиметр, дар соли дувум 28/50х41/50 дар се сутун ва аз соли 18 ба баъд 20/28 дар ду сутун ва 16 саҳифа чоп мегашт [3].

**Нархи фурӯши рӯзномаи «Ахтар».** Рӯзномаи «Ахтар» дар Истанбул ибтидо як фурӯшгоҳ ва аз соли сеюм як силсила фурӯшгоҳҳо дошт. Иштироки солона дар ҳамон шаҳр 4 ва дар дигар мамлакатҳои усмонӣ 5 маҷидӣ, дар Эрон 25 қирон, дар Ҳиндустон 12 рупия, дар Русия ва Кафқоз 10 рубл ва дар Аврупо баробар бо 25 франки Фаронса буд. Нархи иштирок дар солҳои охир, яъне солҳои 22 ва 23 он тағйир накард, магар дар мавриди Эрон, ки аз 25 ба 35 қирон расид. Ончунон ки зикр хоҳад шуд, ин коҳиши арзиши пули Эрон дар баробари арзҳои хориҷӣ будааст.

**Рӯзҳои нашри рӯзномаи «Ахтар».** «Ахтар» дар ҳафтае 5 шумора нашр мееёфт ва аз ин рӯ, нахустин рӯзномаи форсизабон аст, ки ба рӯзона шудан наздик шудааст. Вале он ба истиқболи чандоне мувоҷеҳ нашуд, зеро туркзабонони усмонӣ «бо он ба таври рақобат рафтор карданд» ва ба ин рӯзномаи форсӣ таваҷҷуҳе нишон надоданд. Ба гунае ки «Ахтар» дар 59-умин шумораи худ эътироф мекунад, ки аслитарин муштариёни он эрониён, ҳиндуҳо ва аҳолии Қафқоз ҳастанд. Аз соли дувум, фосилаи интишори рӯзнома ҳафтае ду бор (душанбе ва чаҳоршанбе) дар солҳои охир ҳафтае як шумора (панҷшанбеҳо) коҳиш ёфт.

**Тиражи рӯзномаи «Ахтар».** Андак-андак, вақте ки «Ахтар» роҳи худро аз давлати Эрон ҷудо мекунад ва равшанфикрону огоҳони ҷомеа онро майдони пешниҳоди назароти худ мекунанд, мизони нуфуз ва тиражи «Ахтар» афзоиш мееёбад. Дар соли шашум «Ахтар» бино ба дархости шуморае теъдоди иштироккунандагони худро ба ҷудосозии шаҳрҳо эълом мекунад. Дар ин ҷадвал номи бисёре аз шаҳрҳои Эрон омадааст, ки дар Теҳрон 90, 70 дар Табрез, 40 дар Кирмоншоҳ, 34 дар Хуросон, 30 дар Шероз, 36 дар Исфаҳон иштироккунанда дошт. «Ахтар» дар хоки Усмонӣ 150 ширкаткунанда дошт. Дар Ҳиндустон 55 нусха ба фурӯш мерафт. Дар Лондон, Париж ва Вена ба тартиб 6, 2 ва 5 иштирокчӣ дошт, аммо ҷолибтар он ки, Вазорати

маорифи Англия иштирокдори 100 нусхаи он буд. Ба ҳар ҳол, ҳамроҳи дигар ҷойҳо умуман 788 нусха барои иштироккунандагонаш мефиристод[4].

**Мундариҷоти рӯзномаи «Ахтар».** «Ахтар» рӯзномаи хабарӣ – сиёсӣ буд. Дар бахши муҳимми аз ҳаёташ, саҳифаи нахуст ба чопи сармақолае зери унвони «сиёсӣ» бе унвони фаръӣ ихтисос дошт ва дар он рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳон тафсир мешуд. Дар саҳифаи охир нархи арз зери унвони «саррофия» ба чоп мерасид. «Ахтар» зимни баёни ҳодисаҳои гуногуни ҷаҳон, мавзӯъҳое чун сиёсат, тиҷорат, илму адаб ва дигар манфиатҳои озодихоҳию ватандӯстӣ, сипас ахбори сиёсӣ, баъд аз он матни телеграфҳои хориҷие, ки ба Истанбул мерасид, ё аз он ҷо ба Эрон ва дигар кишварҳо ирсол (фиристода) мешуд. Сипас ахбори гуногуни дохилаю хориҷии давлати Усмонӣ дар охир баррасии номаҳои фиристодашуда аз Эрон ба идораи «Ахтар», ки мавзӯи онҳо бештар мафҳуми қонун, адолати иҷтимоӣ ва таҳаввулоти қонунгароӣ буд, ба тартиб дар рӯзнома дарҷ мешуданд[4].

«Ахтар» дар канори хабарҳо ва мақолаҳои сиёсию иҷтимоии худ, мақолаҳо ва хабарҳои бисёреро барои боло бурдани сатҳи огоҳиҳои хонандагони худ нашр кардааст. Ин рӯзнома нахустин бор дар як нашрияи форсӣ, аз вуҷуди аввалин рӯзномаи форсизабони Эрон, яъне «Коғази ахбори» Мирзо Солеҳи Шерозӣ хабар дод ва бахше аз онро нақл кард[4]. Аз матлабҳои ҷолиби «Ахтар» силсилаи мақолаҳое аст, ки Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ дар соли 1887 зери унвони «Ғароиби авоиди милал» менавишт. Ин мақолаҳо аз китоби «Ғароиби аҳволи милал»-асари Руфоабеки Мисрӣ иқтибос шуда буд ва ҳар як аз онҳо ба яке аз ҳунарҳо ё донишҳои марсум дар Аврупо мепардохт. Аз ҷумла, ду мақолаи пай дар пай дар бораи «Тамошо ва тамошохона»-ро бояд нахустин навишта дар ин замина ба забони форсӣ донист. Мирзо Оқохони Кирмонӣ ҳам силсилаи мақолаҳо зери унвони «Оини суханварӣ» дар «Ахтар» ба чоп расондааст[5].

**Коргарону нависандагон.** Вақте ки дар бораи нависандагони «Ахтар» сухан ба миён меояд, ба чанд нуктаи муҳим бармехӯрем. Аввал, мақолаҳои «Ахтар» бисёр ва хеле кам ба номи ҳақиқии ашхос чоп мешуд. Дувум, ҳаҷми қобили таваҷҷуҳе аз навиштаҳои «Ахтар» номаҳои хонандагони он буд, ки онҳоро низ бояд ҷузъи нависандагони он рӯзнома маҳсуб кард.

Нависандагони маъруфи «Ахтар», Оқо Муҳаммадтоҳирии Табрезӣ Карочадоғӣ буд. Ӯ аз муддатҳо пеш аз нашри «Ахтар» дар Истанбул сукунат карда, ба тиҷорат машғул буд, ба гумон дар миёни қишри нависандагони «Ахтар» ӯ шахси миёнарав ба ҳисоб мерафт. Шахсияти мазкур то соли 1912 зинда буд ва ду китоб дар заминаи забони форсӣ дар Истанбул ба чоп расонд. Шахси дигар, Муҳаммад Маҳдии Табрезӣ аст. Ӯ муншии аввали рӯзнома буд ва дар соли 1889 аз ҷониби давлати Эрон ба тасвиби сафораташ ва Муҳаммадтоҳир нишони «Шер ва хуршед» гирифтанд. Мирзо Маҳдӣ дар оғози соли 1908 дар қайди хаёт буд ва нависандаи дигар, Мирзо Наҷафқулихони Дониши Табрезӣ, ин шахсият дар ибтидо талабаи улуми динӣ буда, пас аз он корманду сартарҷумони сафорати Эрон дар Истанбул шуд. Дар соли 1875 дар «Ахтар» шурӯъ ба кор кард ва дар соли 1890 вафот ёфт.

Нависандаи дигари «Ахтар» Мирзо Юсуфхони Мусташоруддавла, дипломати рӯшанфикри эронӣ ва нависандаи китоби «Як калима», Мирзо Ҳусайн Хабирулмулк корманди Вазорати хориҷа, Мирзо Оқохони Кирмонӣ ӯ ҳудуди як сол мақоми муҳаррирӣ дошт ва сипас аз рӯзнома ҷудо шуд. Мирзо Ҳабиби Исфаҳонӣ дар самти адабиёт қалам мезад[6].

**Сабки нигориши рӯзномаи «Ахтар».** Услуби нигориши «Ахтар» ба равиши нав ва хориҷ аз такаллуфҳои насрӣ буд. Насри содаю равон дошт, ба тавре ки барои ашхоси камсавод низ муҳим буд. Ин шеваи нигориш – соданависӣ, ба зудӣ дар дигар рӯзномаҳо низ пайгирӣ гардид ва рӯзнома дар миёни оммаи мардум нуфузу маҳбубият ёфт. Дар солҳои баъдӣ матбуот муҳофизини худро дар қишрҳои миёнаи чомеа ёфт. Ба баёни дигар, ин равиш дар матбуоти форсӣ заминасози эҷоди он чизе гардид, ки имрӯз ба номи «афкори умумӣ» қолаби истилоҳӣ дар рӯзноманигорӣ гардид. Равоннависии рӯзномаҳо мардумро ба самте кашонд ва рӯзномаҳо бехтарин васила барои равона намудани афкори омма гардиданд, то он ҷое ки дар мамлакатҳои дунё аз муҳимтарин василаҳои коммуникатсионӣ ва абзори таблиғоти фарҳангӣ шудаанд. Шумораи зиёди рӯзномаҳои нашргардидаи давраи Машрутият, давраи кудато то ба сари хокимият омадани Ризошоҳ даҳаи сеюми асри гузашта, муҳимтарин далел бар нақши рӯзномаю матбуот дар ташхиси афкори умумии ҷомеа аст[3].

Дар солҳои охир, бо набудани аҳли дониш дар ҳайати таҳририяи «Ахтар» ва таваҷҷуҳи зиёди рӯзнома ба руйдодҳою масъалаҳои маҳалли нашр, таъсири туркии усмонӣ бар насри «Ахтар» ба таври чашмгире афзоиш ёфт: «Иродаи сания» ба ҷойи фармони шоҳона «кумондонӣ» ба ҷойи «Кумандонӣ» ё фармондеҳӣ, «Мадокашғор» ба ҷойи Мадагаскар, «Сиғор» ба ҷойи сигор, «гулу» ба ҷойи гулҳо, «тадовихона» ба ҷойи бемористон ё маризхона….[4].

**Аҳамияти рӯзномаи «Ахтар».** «Ахтар» сароғоз мавҷи навини рӯзноманигории мутааҳҳиду масъулиятшинос буд ва тавонист пояҳои таҳаввули фарҳанги инқилоби машрутаро устувор созад. Ин рӯзнома матбуоти Эронро аз чорчӯбаи танги рӯзноманигории давлатии Эрон хориҷ кард ва заминасози эҷоди рӯзноманигории сиёсӣ– мардумӣ шуд. Аз тарафи дигар «Ахтар» нахустин рӯзномае буд, ки мавзӯи қонуни асосии 119 моддаи Султони усмониро бо мақолае дарҷ кард, он чи бадеҳӣ

аст, ин рӯзнома бисёр боманфиат буда, ё бо қалами мӯшикофонае рухдодҳоро барои мардум баён карда, шуури сиёсии онҳоро боло бурдааст[7]. Рӯзномаи «Ахтар» дар тӯли интишораш рисолати аслии худро равшан кард ва афкори эрониён ва таҳрики озодихоҳони давраи Носирӣ тасдиққунандаи ин аст, ки «Ахтар» дар анҷоми рисолати сангини худ муваффақ будааст. Воқеан бояд гуфт, ки ин рӯзнома ҳаммонанди ситораи тобон дар осмони тираю тори зулми Носирӣ дурахшид ва чарақаи умедро дар дили мардуми Эрон равшан намуд[3]. «Ахтар» дар Русия ва Қафқоз бозтоби бисёр ҷолибе дошт. Мардуми авом, ки ба хондани рӯзномаи мазкур рағбат доштанд, онро «Ахтари мазҳаб» меномиданд ва ба ин василa «Ахтар»-ро як оина мепиндоштанд[8].

Аҳамияти рӯзномаи «Ахтар» аз назари дигарон, назарҳою ақидаҳои зиёде дар мавриди рӯзномаи «Ахтар» аз ҷониби таърихнигорон ва нависандагон зикр шудаанд аз ҷумла Эдвард Браун дар сафари худ ба Эрон, «Ахтар»-ро «танҳо рӯзномаи шоёни хондан» ёфта буд[8]. Муҳаммад Алии Тарбият навишт, ки «Ахтар дар тамоми давраҳои нашраш машъали фурӯзони маҳфилҳои равшанфикрон ва маркази иҷтимоӣ фозилону донишмандони ихроҷшудаи Эрон» буд[5]. Аҳмади Кисравӣ чунин нигошта аст: «Рӯзномаи «Ахтар» муаллифону нависандагони боғайрат ва неке буданд ва … дар пешомади имтиёзи татун ва тамоку гуфторҳои судманд навиштанд, ки яке аз ангезаҳои огоҳии мардум он гуфторҳо буд» [9]. Фаридун Одамият менависад: «Мавзӯъҳои муҳиме дар он чоп шудааст, ки дар Эрон чоп намешуданд» [10]. Аз ҷониби дигар, Насруллоҳ Фатҳӣ ёдовар мешавад, ки «Тағйири вазъи рӯҳӣ ва ақидатии ман ва барафрӯхтагии зеҳнам дар масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва дарки зарурати тағйири режими истибдод ба режими Машрута аввалин бор рӯзе бор овард, ки раиси рӯзномаи «Ахтар»-и Истанбулро мулоқот кардам»[11]. Инчунин, Муҳаммадсадр Ҳошимӣ дар тавсифи ин рӯзнома менависад: «Дар ҳақиқат дар даврони тираю тори зулму истибдод, рӯзномаи «Ахтар» кумаки бузурге ба танвири афкори эрониён намуда, ва дар рӯзҳое, ки рӯзномаҳои ин мамлакат мунҳасир ба чанд рӯзномаи дарборӣ аз қабили Эрон ва Иттилоъ буд. Рӯзномаи Ахтар… газетаи хонданибоби забони форсӣ ба шумор мерафтааст…» [12].

**Сарчашмаи дарёфти иттилоот аз Эрон.** Иттилооте, ки рӯзноманигорони Эрон ба рӯзномаи «Ахтар» ба таври шифоҳӣ ба онҳо расонданд, ё касоне мисли Мирзо Юсуфхони мусташорутдавла номаҳое барои онҳо мефиристод, ки одатан дарбардорандаи чанд хабар буд. Яъне, мумкин аст ин ахборро аз тариқи номаҳо дарёфт кунанд ва он номаҳо ҳам аз тариқи почтаи расмӣ ва давлатии Эрон фиристода намешуд, чунки почтаи расмӣ назорат шуданӣ буд, бинобар ин, ахборро ба сурати ғайрирасмӣ дарёфт мекарданд. Ахбори дохили кишварро ашхосе, ки аз Эрон ба онҷо мерафтанд, агарчи он эронӣ бошад ё хориҷӣ, дарёфт мекарданд[13].

Онҳо бештар мехостанд ахбори Эронро тобиш диҳанд, вале агар хабаре рух медод ва ба равиши расмшуда мехост ба Истанбул бирасад, шояд беш аз як моҳ тӯл мекашид. Ба баёни дигар, беш аз як моҳ тӯл мекашид, то шумораҳои рӯзномаи «Ахтар» ба Эрон ва Теҳрон бирасад. Касби хабар аз Эрон ҳам вақт мебурд, ба ин далел дар аксар мавридҳо ахборе, ки аз Эрон ба дасти онҳо мерасид, кӯҳна мешуданд [14]. «Ахтар» баъзе аз матлабҳояшро аз рӯзномаҳо ва дигар сарчашмаҳои усмонӣ ва ҳамчунин аз рӯзномаҳои Аврупо дарёфт мекард.

**Интиқоди «Ахтар» аз рӯзномаҳои Эрон.** Газетаи «Ахтар» аз вазъияти рӯзнома дар Эрон интиқод мекард ва муҳтавои онҳоро фармоишӣ мехонд. Дар як шумораи рӯзнома чунин омадааст: « … Ба ҷуз баъзе ташрифоти бавуқӯъомада дар ҳукумат чизе дар он нест! Саҳифаҳоро пур мекунанд ба тарҷумаи баъзе ҳикоятҳои бемаънои Фарангистон ва ҳодисаҳои гузаштаю бадеӣ … агар ҳам хабаре расида бошад, ҷуз саломатии ҳоли ҳоким, ки ситоиш аз адлу доди роҳбарият ба таври умум чизе нест.

**Рӯзномаи «Ахтар» ва давлати Эрон.** Дар робита ба масъалаҳои Эрон, рӯзномаи «Ахтар» бештар ба барномарезии мафҳумҳои асосӣ ва куллӣ мепардохт ва камтар ба воқеиятнигорӣ назар дошт. Агар бино буд, ба воқеият бипардозад хеле зуд бо шикаст мувоҷеҳ мегардид ва иҷозаи интишор, агарчи дар давлати ғайри Эрон намеёфт, ба маҳзи ин ки гардонандагони «Ахтар» ба ин матлаб комилан иноят доштанд[15]. Ҳамеша маслиҳатҳои пайдою пинҳон нисбати ҳар чараён ё шахсро бо марказ таъриф мекунад. «Ахтар» низ чунин достоне дорад. Ба ғайр аз кумакҳои пушти парда, ки як намунаи онро дар бакорандозии дубораи «Ахтар» дар 9 моҳи таътил аз назар гузарондем, ҳокимону вазирон, шоҳзодагон ва, ҳатто, ошкор «Ахтар»-ро бо ҳимоятҳои моддию маънавии худ дилгарм мекарданд. Хабари тақдими ин ҳадяҳо низ бо қадрдонии фаровон дар нахустин сутуни рӯзнома чоп мешуд[15]. Муҳимтарини он дар соли 20-уми интишор баъд аз дидани фарозу нишебҳои зиёд Носириддиншоҳ худ 500 тумон ба «Ахтар» кумак мекунад, ки «Ахтар» дар хабари бисёр ташаккуромез бо унвони «Таҳдиси неъмат ва арзи убудият», боифтихор онро менигорад[8]. Ашхоси тараққихоҳи ҳукумат аз ҷумла, Аминуддавла вазири мақоми кабинаи Аминуссултон рӯйи хуше ба «Ахтар» нишон медоданд. Намояндагии «Ахтар» дар шаҳрҳое, ки намояндагони махсусе дар он шаҳр набуд, бо идораи почтахонаи он шаҳр иртибот дошт[7]. Мулоҳизаҳое, ки ин иртиботро ба ин ҳад наздик мекард, то ҷое, ки шоҳ дар даврае ба сафири худ дар Истанбул навишт: «Ҳамаи навъҳои мададро ба ин рӯзнома бикунед, ҷо дорад харҷатон саҳеҳ аст» [4]. Ин буд, ки «Ахтар» дар ҳамсӯию ҳамсадоӣ нишон медод ва дарвоқеъ ба ин ришваи сиёсӣ мепардохт[16].

Рӯзномаи «Ахтар» ба иловаи ин ки дар Истанбул чоп мешуд, вале ҷурьат намекард аз худи шоҳ интиқод кунад. Яъне, намегӯяд мушкилоти ҷомеа аз шоҳ вобаста аст, ҳатто хеле боэҳтиром дар мавриди Носируддиншоҳ суҳбат мекунад ва интиқодҳояш ба атрофиёни шоҳ аст. Хангоме ки ба остонаи Машрутият мерасем, инчунин он шаҳоматро надорад, ки ба шоҳ интиқод кунад, бо вуҷуди ин ки дар хориҷ чоп мешуданд. Аммо нигарони он буданд, ки Носируддиншоҳ онҳоро гирифтор кунад[17]. Ахтар шахсиятҳоро маҳкум намекард, балки асосан бо шеваи ҳукуматдорӣ мухолиф буд ва ба ин тартиб дар муддати дароз нуфузу хатарҳояш барои ҳукумати Эрон бисёр буд. Дастгоҳи ҳукуматӣ, борҳо воруди ин рӯзномаро ба Эрон манъ кард [4].

Андак–андак рӯзномаи «Ахтар» роҳашро аз давлати Эрон ҷудо кард ва бо мушкилоти фаровоне дучор шуд. Яке аз масъалаҳое, ки барои давлати Эрон сангин буд, мақолае аз «Ахтар» буд, ки дар он дарҷ гардида буд: Давлати Эрон дар назар дорад, соҳилҳои ҷанубии дарёи Хазарро ба русҳо фурӯшад. Ин мақола чунон шоҳро барошуфт, ки ду нафар аз вазиронро мувazзаф сохт, то ин ки дурӯғ будани ин хабарро дар рӯзномаи «Иттилоъ» чоп кунанд. Масъалаи дигар матлабҳое буд, ки «Ахтар» аз қавли хабарнигори худ дар Теҳрон дар мавриди авзои ошуфтаи вазоратхонаи Эрон навишт. Дар дарбор Мирзо Юсуфхони мусташор-уд-давларо нависандаи он пиндоштанд ва ба ҳамин сабаб ӯро муҷозот карданд[4].

Масъалаи дигар ки, сабаби нороҳатии давлати Эрон шуд, вобаста ба имтиёзи тамоку аст. «Ахтар» нахустин сарчашмае аст, ки иттилооти дақиқе роҷеъ ба он имтиёз ба мардуми Эрон медиҳад. «Ахтар» барои давлати Эрон таҳаммулнопазир буд. Хулоса, рӯзномаи «Ахтар» дар солҳои нахуст аз давлати Эрон интиқод намекард ва аз онҳо кумаки моддӣ дарёфт мекард ва бо давлат ҳамсадо буд. Аммо, пас аз он то андозае рӯзномаи «Ахтар» аз сиёсати давлат интиқод мекард. Давлат ва шахсан худи шоҳ зиддияташро дар муқобили «Ахтар» нишон доданд ва давлати Эрон талошҳои фаровоне ба харҷ дод, ки рӯзномаи «Ахтар»-ро бздоранд ва дар ниҳоят баъд аз 22 сол муваффақ шуданд онро ҳамеша манъ кунанд[4].

**Рӯзномаи «Ахтар» ва давлати Усмонӣ.** Рӯзномаи «Ахтар» бо ҳимояти эрониён ва усмониён нашр мегардид. Подшоҳи усмонӣ ва сиёсатмадорони ин императорӣ эътиқод доштанд, ки интишори як рӯзномаи форсизабон дар пойтахти усмонӣ дар ҷиҳати манфиатҳои онҳо аст. Ба тавре ки бо таъсиргузорӣ дар рӯйи афкору зиндагии эрониёни сукунатдошта дар императории усмонию усмониён, ки забони форсиро медонанд, таъминкунандаи манфиатҳои давлати усмонӣ бошад. Онҳо «Ахтар»-ро ба унвони як «силоҳ» дар баробари (баёни худашон) «суханони беҳуда», рӯзномаҳоҳони усмонӣ мехостанд бо нашри рӯзнома назорати он аз дасти давлати Эрон хориҷ шавад. Аз ҳамон ибтидо интишори «Ахтар» оғоз ба навиштани мақолаҳое дар заминаи эълони Машрутият дар императории усмонӣ ва пайомадҳои он кард. Зина ба зина рӯзнома таҳти нуфузи таъсири паноҳандагони сиёсии Эрон дар давлати усмонӣ қарор гирифт. Бо ҷонибдории «Ахтар» дар воқеаи тамоку аз раҳбарон ва ҳаракати наҳзати ин рӯзнома манъ карда шуд ва пас аз чаҳор сол, баъд аз террори Носируддиншоҳ, «Ахтар» тавассути ҳукумати усмонӣ аз байн рафт[18].

Хамон гуна ки аз гузоришҳои таърихӣ дар замони мавриди назар бармеояд, дар давраи интишору парвариш эрониёни зиёде дар сарзамини Эстония мезистанд. Бо ин зарурат, вуҷуди як рӯзномаи форсӣ дар ин сарзамин мушоҳида мешуд. Мувофиқи оморҳои сафорати Эрон, шумораи эрониёни сукунатдошта дар минтақаи Анотолӣ (ба истисноӣ бахши Аврупоии усмонӣ), 10 ҳазору 800 нафар буданд, ки дар Туркияи имрӯза (бо дар назар гирифтани Истанбул) дар Байрут, Сурия ва …. иқомат доштанд[7]. Ба ғайр аз ин омил, масъалаи дигаре, ки вуҷуд дошт, ин аст, ки «забони форсӣ дар усмонӣ то замони Султон Маҳмудхони сонӣ забони дувуми дарбор ва табақаи болои усмонӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳар адибу нависандаи фозили усмонӣ форсиро дар ҳадди забони туркӣ аз ҷиҳати хондан ва навиштан медонист. Бинобар ин, нашри рӯзнома мебоист хеле зудтар аз ин дар Истанбул сурат мегирифт[4].

Аз ҳамин сабаб, ривоҷ додани забони форсӣ аз дигар далелҳои ҳимоят аз интишори «Ахтар» тавассути давлати Эрон буд. Севумин далеле, ки зарурати нашри «Ахтар» ва ҳимояи давлати Эронро аз он лозим медонист, матлабҳое буд, ки рӯзномаҳои усмонӣ бар зидди Эрон менавиштанд ва мебоист як рӯзномаи эронӣ ҳузур медошт, то ба ин иттиҳомот посух гӯяд[4].

«Ахтар» дар Истанбул нашр мешавад, зери назари шадиди идораи матбуоти вобаста ба вазорати дохилаи он давлат. Ин идора дар тӯли ин муддат се бор ихторнома барои «Ахтар» фиристода бо 6 таътилнома «Ахтар»-ро ночор ба сукунат кард, ки тӯлонитарини онҳо ҳудуди 8 моҳ тӯл кашид. Сахтгирӣ ба ҳадде буд, ки гоҳе ба мухтасаре саҳвӣ бар сари як калима, рӯзнома чанд ҳафта таътил мешуд. Давлати усмонӣ дар солҳои охир бошиддат арсаро ба «Ахтар» танг карда буд ва дар ниҳоят ҳукм ба қатъи доимии он дод[19].

**Мушкилоти молии рӯзномаи «Ахтар».** «Ахтар» ҳамеша бо душвориҳои молӣ дастбагиребон будааст. Ҷандин бор мақомоти турк, нашри «Ахтар»-ро қатъ карданд ва борҳо вурудаш ба Эрон манъ шуд ва ҳар бор зиёни молӣ бар рӯзнома ворид шуд. Дар соли 1894, низ ба иловаи хисороте, ки аз заминҷунбӣ ба матбаа расид, аз сабаби паст шудани тиллою нуқраи давлатҳои зери ҳимояи Эрон низ, зарари фаровон ба идора ворид гардид ва аз даромади рӯзнома нисф ба нисф кост. Душвории доимии дигар, ин ҳуқуқи барзиёд талаб кардани нависандагон ва иштирокдорони рӯзномаи

«Ахтар» мебуд. Дар аввалин сармақолаи соли 21-ум аз нависандагони усмонӣ ва ҳинду Қафкоз қадрдонӣ шуда, омадааст, ки «Билъакс, аз нигорандагон ва иштирокдорони муҳтарами мамлакатҳои зери ҳимояи Эрон дар баъзе минтақаҳо аз идора яксола, балки ҳаждаҳмоҳа талабкор аст ва сабаби аслии ин маъно низ мусомиҳаи вакилони муҳтарам аст, ва агар на нависандагони гиромӣ бовар надорем, ки дар пардохти маблағи ҷузъӣ, то ин поя истодагӣ намоянд». Шабеҳи ин сухан, дар сармақолаи шумораи нахусти соли 22-ум низ омадааст[20].

**Катъи рӯзномаи «Ахтар».** Дар баробари вуҷуди Китобхонаи маркази донишгоҳи Теҳрон, охирин шумора дар дастраси он, шумораи 10-уми соли 23 таърихи сиюми рабеъулаввал 1314, баробар бо 8-уми сентябри соли 1896 будааст, ҳол он ки тамоми сарчашмаҳое, ки аз ин рӯзнома ёд кардаанд. Поёни нашрро дар соли 1859 навиштаанд ва танҳо як манбаи таърих, чопи вопасин шумораи «Ахтар»-ро дар соли 1896 зикр карда ва ин таърих, низ як моҳу андаке аз таърихе, ки ёд шуд, ақибтар аст[21]. Бинобар ин, рӯзномаи «Ахтар» 22 сол давом дошт ва ниҳоятан қатъ гардид.

**АДАБИЁТ**


1. Абдулмуҳсин Навоӣ. Таъсису таҳаввулоти рӯзномаи «Ахтар» // Фаслномаи ёд. -1386. -№ 85, -С.83.
2. «Рӯзномаи Ахтар». -№1, -1312.
3. Носириддин Парвин. Ахтари Истанбул / Носириддин Парвин // Эроншиносӣ, -1374. №2, -С.340,341,342.
4. Абдулмаҳди Раҷоӣ. Нақди рӯзномаи «Ахтар» / Абдулмаҳди Раҷоӣ // Расона. -1379. -№43. – С.100,101,102,104,107,108.
5. Фотимаи Туркчӣ. «Ахтар» / Фотимаи Туркчӣ // Паёми баҳористон // Сурӯши озодӣ, -1383. -№40, -С.26.
6. «Рӯзномаи Ахтар», Муаррих 19-уми муҳаррам. 1293. №22, -С.2.
7. Муҳаммад Гударзӣ. Ахтар нахустин рӯзномаи хориҷ аз Эрон / Муҳаммад Гударзӣ. Кайҳони андеша, -1270. -№40, -С.130-133.
8. Гито Алиободӣ. Матбуоти бурунмарзии замони давраи Қоҷор // Расона / Гито Алиободӣ. 1379. №42, -С.105.
9. Эдворд Браун. Таърихи матбуот ва адабиёт дар давраи машрутият; тарҷумаи Муҳаммад Аббосӣ. – Теҳрон, 1337.Ҷ. 2, -С.412.
10. Муҳаммад Алии Тарбият. Донишмандони Озарбойҷон (зайли рӯзномаҳои Озарбойҷон / Муҳаммад Алии Тарбият. -Теҳрон, 1313. -С.146.
11. Аҳмади Кисравӣ. Таърихи Машрутаи Эрон / Аҳмади Кисравӣ. -Теҳрон, 1383. -С.250.
12. Фаридуни Одамият. Андешаи тараққӣ ва ҳукумати қонун / Фаридуни Одамият. - Теҳрон, 1356. -С.408.
13. Нусратулло Фатҳӣ. Сухангӯёни сегонаи Озарбойҷон дар инқилоби машрутият / Нусратулло Фатҳӣ. -Теҳрон, 1356. –С.135.
14. Муҳаммадсадри Хошимӣ. Таърихи ҷароиду маҷаллоти форсӣ / Муҳаммадсадри Хошимӣ. - Теҳрон, 1363. -С. 63.
15. Юсуф Носирӣ. Гуфтугӯ бо Раҳим Раисниё / Юсуф Носирӣ // Фаслномаи ёд, -Теҳрон, -1386. -№86, -С.18.
16. «Рӯзномаи Ахтар». -1311. -Соли 20, -№46, -С.-721.
17. «Рӯзномаи Ахтар». -1302, -Соли 11, -№145. -С.11.
18. Юсуф Носирӣ. Гуфтугӯ бо доктур Ғуломризо Ватандӯст. Ҷойгоҳи рӯзномаи «Сурайё» дар миёни ҷароиди форсӣ / Юсуф Носирӣ // Фаслномаи ёд. -1386. -№83, -С.52, 138.
19. Онёпистур Хотам. «Ахтар» интиқоли афкори сиёсӣ аз усмонӣ ба Эрон / Онёпистур Хотам; тарҷумаи Муҷтабо Шакурӣ // Фаслномаи ёд. -1386. -№86, -С.198-197.
20. Меҳрдод Иброҳимӣ. Таҳлили муҳтавои 2 шумораи нахустини рӯзномаи «Ахтар» / Меҳрдод Иброҳимӣ // Фаслномаи ёд. Соли 23, -1386. -№86, -С. 273-274.
21. Саидҳодӣ Хисравшоҳӣ. Рӯзномаи «Ахтар» ва Саидҷамолиддини Асадободӣ / Саидҳодӣ Хисравшоҳӣ // Кайҳони андеша, 1372. №52, -С.136.


**ГАЗЕТА ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ НАРОДОВ «АХТАР» В ОСМАНСКОЙ ИМПЕРИИ**


Газета “Ахтар” был издан в 1875 году в Стамбуле. “Ахтар” это первая персоязычная газета, которая издавалась зарубежом. Она выпускалась два раза в неделю в понедельник и в среду. В данной газете печатались различные новости о политике, науке, литературе и новости об общественной жизни. Также печатались новости из европейских стран. Материалы печатались на персидском языке и привлекали читателей изяществом изложения и истинно персидским языком. Газета “Ахтар” печаталась на 8 страницах, и ее главным редактором являлся Окомухаммад Тохири Табрези, вокруг которого сплоченно работали писатели, литераторы, которые были великими представителями своего времени. Газета “Ахтар” прекратила свою деятельность в 1896 году.



**Ключевые слова:** Газета “Ахтар”, персоязычное издание, читатели, литераторы, представители интеллегенции.


**EWSPAPER PERSIAN-SPEAKING PEOPLES "AKHTAR" IN THE OTTOMAN EMPIRE**


The newspaper “Akhtar” was published in 1875 in Istanbul. “Akhtar” this is the first Persian-language newspaper, which was published abroad. It was produced twice a week Pendennis and Wednesday. In this paper published a variety of news about politics, science, literature, and news about the social life. Also published news from European countries. The materials were printed in Persian and attracted chitala elegance of presentation and true Persian language. The newspaper “Akhtar” was printed on 8 pages, and its chief editor was Almohammad Tahiri o Tabrizi around which worked cohesively writers, writers who were great representatives of their time. The newspaper “Akhtar” ceased operations in 1896.



**Key words:** Newspaper “Akhtar”, Persian edition, readers, writers, intellectuals.



**Сведения об авторе:** ***Фахир Ҳасан Юсиф Голи*** – доктор Ph.D, Республика Ирак. Телефон: **00964750485681 5.**E-mail: **S_F_golly@yahoo.com**

# КИТОБХОНАИ РАСАДХОНАИ МАРОҒА

*Абдуҳамидов Нурмуҳаммад*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мақолае, ки пешниҳод мегардад, дар бораи китобхонаи расадхонаи Мароға мебошад. Расадхонаи Мароға яке аз расадхонаҳои машҳури нуҷумшиносӣ буда, дар миёнаи асри XIII таҳти сарварии олими барҷастаи давр Насируддини Тӯсӣ дар шаҳри Мароға, воқеъ дар шимоли Озарбойҷон сохта шудааст. Дар бораи дастовардҳои илмии ин маркази илмӣ олимон дар давраҳои гуногуни таърихӣ баҳои муносиб додаанд. Яке аз олимони замони муосир Муҳаммад Рашшод дар асари машҳури худ «Фалсафа аз оғози таърих» дар бораи китобхонаи расадхонаи Мароға маълумоти муфассал медиҳад. Махсусан, нақши китобхонаи мазкур аз назари Муҳаммад Рашшод дур намондааст ва муаллиф аз бисёр сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ истифода намуда, дар бораи ин махзани муҳимми илмию фарҳангии асри XIII маълумотҳои ҷолиб пешкаш намудааст. Муҳаммад Рашшод навиштааст, ки: «Дар расадхонаи Мароға имороти дигаре низ сохта шуда буд, ки он барои китобхона буд. Он иморот дорои толорҳою ҳуҷраҳои васеъ буд. Мардум барои мутолиаи китоб он ҷо ҷамъ меомаданд» [1]. Олими озарбойҷонӣ Г. Д. Мамадбейлӣ менависад: «Дар назди расадхона ғайр аз майдонҳои мушоҳидавӣ ва иморатҳои махсус барои калонтарин асбоб, иморат барои китобҳое буд, ки дорои 400 ҳазор китоб буд» [2].

Ҳабибуллоҳ Исматӣ (Мақсадов) дар сарсухани асари Хоҷа Насируддини Тӯсӣ «Сӣ фасл дар маърифати тақвим» аз ин китобхона ёдовар гашта, навиштааст, ки: «Дар назди расадхона китобхонаи бузурге гирдоварӣ шуд, ки зиёда аз 400 ҳазор китобро дар бар мегирифт» [3]. Вале маълумоти муҳимми таърихиро асари олими барҷастаи Эрон Мударриси Разавӣ медиҳад. Ӯ дар бораи расадхонаи Мароға ва нақши Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар сохтани чунин маркази илмӣ муфассал сухан ронда, аз ҷумла ёдовар шудааст, ки: «Илова бар таъсис ва бинои расад дар он маҳал Хоҷа китобхонаи бисёр бузурге бино ниҳод ва бино ба фармони Ҳалоку китобҳои фаровоне, ки аз Бағдод, Димишқ, Мосул ва Хуросон ғорат шуда буд ва барои Хоҷа ва шариконаш лозим буд, ба он китобхона нақл дода шуд ва худи Хоҷа низ маъмурине ба билоди атроф мефиристод, ки китобҳои илмиро дар ҳар куҷо биёбанд, харида ва барои ӯ бифиристанд. Дар мусофиратҳо ҳам худаш ба ҳар куҷо китобе ё устурлоб ва ё олоти нуҷумии дигаре суроғ мекард, онро харидорӣ карда, ба Мароға мефиристод» [4].

Тавре ки мебинем, аксари муаррихон, аз ҷумла Муҳаммад Рашшод, теъдоди китобҳои ин китобхонаро 400 ҳазор ҷилд гуфтаанд. Назар ба гуфтаи Рашшод: «Вале дар ин ки Хоҷа ин ҳама китобро дар муддати кӯтоҳ чӣ гуна ва аз куҷо ҷамъоварӣ кард, ба ҳам ихтилоф доранд» [5].Рашшод менависад, ки Ибни Касир ва Мақризӣ гуфтаанд: «Хоҷа миқдори зиёде аз китобҳои авқофро аз Бағдод ба китобхонаи Мароға ҳамл кард». Ва Ибни Касир изофа менамояд, ки: «Хоҷа вориди Бағдод шуд ва аз мадориси Бағдод ва атрофи онҳо ҳарчанд китобе, ки ба даст овард, ба Мароға фиристод».

Салоҳиддини Сафдӣ дар китоби худ «ал-Вофӣ би-л-вафаёт» овардааст, ки: «Хоҷа дар Мароға китобхонаи бузурге бино намуд ва онро аз китобҳое, ки аз Бағдоду Шом ва Алҷазира ғорат шуда буд, пур кард» [5]. Боз Муҳаммад Рашшод илова месозад, ки Хоҷа тамоми он китобҳоро аз навоҳии атрофи Бағдод харидорӣ намуда, ба Мароға фиристод, зеро ки дар он айём китоб дар он навоҳӣ хеле зиёд ва арзон буд. Рашшод ба як сарчашмаи таърихӣ такя намуда, иллати ин арзониро баён намудааст: «Иллати ин арзониро соҳиби китоби «ал-Ҳаводис» чунин баён кардааст: «Пас аз сукути Бағдод ба дасти Ҳалоку чун хорбор (хӯрокворӣ) дар Бағдод камёб шуда буд, лизо мардуми Куфа, Ҳилла ва Масиб моводи ғизоие ба он ҷо ҳамл карда ва дар бозорҳо арза менамуданд. Аммо чун мардуми Бағдод пул надоштанд, пас дар муқобили чизҳое, ки аз онҳо мехариданд, ба ҷойи пул асосулбайт, аз ҷумла китоб ба онҳо медоданд» [5]. Боз як маълумоти пурқимати таърихиро аз навиштаҳои Муҳаммад Рашшод дар боби ҳодисаи Бағдод ва муносибат ба китоб меорем, ки аз аҳамият холӣ набуда, нақши Насируддини Тӯсиро дар пешрафти илму фарҳанги тоҷик нишон медиҳад. Муҳаммад Рашшод аз рӯйи гуфтаҳои китоби «Донишварони Хуросон» овардааст: «Ҳангоме ки хони тотор Бағдодро гирифт, фармон дод ҳамаи китобҳои бадастомадаро дар оби Даҷла бирезанд. Муғулон, ки бо китоб сарукоре надоштанд, ба нестшавии китоб ҳаракат карданд. Хоҷа аз ин огоҳ шуд ва пешгоҳи хони тотор омад ва сар бар хок ниҳод ва хоҳиш кард, ки он чӣ монда, ба об наандозанд ва ба ӯ бубахшанд. Ва он чун ин дархост пазириш гирифт, китобҳои мондаро ба он чи ки аз ҷойҳои дигар ба даст омада буд, ба Мароға - пойтахти хон фиристод». Ҳамчунин, Ҷурҷи Зайдон дар китоби «Одоб-ул-луғат-ул-арабияти» хабар додааст, ки дар пойтахти подшоҳ ганҷина фароҳам омад беш аз чаҳорсад ҳазор ҷилд ва агар таваҷҷуҳи Хоҷа намебуд, бисёре аз нусхаҳо, ки мунҳасир ба фард (яъне ягона) буд, аз миён мерафт [6]. Албатта, китобхонаи расадхонаи Мароға раёсати хешро доро буд. «Яке аз шогирдони Насируддини Тӯсӣ Камолиддин Абдураззоқ, ки бо номи Ибни Фавтии Шайбонии Бағдодии Ҳанбалӣ машҳур буд, бо супориши Хоҷа раёсати китобхонаро ба уҳда гирифт. Пас аз вафоти Насируддини Тӯсӣ писаронаш дар баробари роҳбарӣ ба расадхона умури ин китобхонаро низ роҳбарӣ мекарданд.

Пас аз вайрон шудани расадхона ин китобхона рӯ ба вайронӣ овард» [6]. Яке аз таърихнависони асри XIII Рашидуддин дар китоби «Ҷомеъ-ул-таворих» навиштааст, ки: «Дар соли 741 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1363 мелодӣ, аз ин китобхона ғайр аз харобазор чизе боқӣ намонд» [6].Таърих гувоҳ аст, ки китобҳои расадхонаи Мароға дар аҳди Темур ва махсусан дар давраи салтанати Шоҳрух батадриҷ ба Самарқанд оварда шуданд. Баъди азбайнравии давлати Темуриён он китобҳо аз Самарқанд ба Аврупо бурда шуданд ва дар китобхонаҳои бузурги он, монанди китобхонаи Бритиш Морем ва китобхонаи Порис ҷой гирифтанд [6].

Дар охир ҳаминро гуфтанием, ки азбаски халқи тоҷик аз қадимулайём ба илму маърифат меҳру муҳаббати беандоза дошт, дар ҳар давру замон аз ин мардум ба ҷаҳониён фарҳанги бойе ба мерос мондааст. Бо ташаббуси ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон, бунёд намудани Китобхонаи миллӣ дар шаҳри Душанбе ба он далолат мекунад, ки халқи тоҷикро чун мардуми фарҳангӣ ҷаҳониён эътироф намудаанд.

## АДАБИЁТ


1. Раҷшод М. Фалсафа аз оғози таърих / М. Раҷшод. –Душанбе, 2002 -Ҷилди 3. -С. 364.
2. Мамедбейли Г. Д. Основатель Марагинкой обсерватории Насриддин Туси / Г. Д. Мамедбейли. – Баку, 1961. -С. 32.
3. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Сӣ фасл дар маърифати тақвим / Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. – Душанбе, 2002. -С. 4.
4. Мударриси Разавӣ. Аҳвол ва осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ / Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1991.- С. 48.
5. Раҷшод М. Фалсафа аз оғози таърих / М. Раҷшод. –Душанбе, 2002. -Ҷилди 3. -С. 364, 365.
6. Раҷшод М. Фалсафа аз оғози таърих / М. Раҷшод. –Душанбе, 2002. -Ҷилди 3. -С. 365, 366.


## БИБЛИОТЕКА МАРАГИНСКОЙ ОБСЕРВАТОРИИ


Марагинская обсерватория, созданная во второй половине 13 в. в г. Марага просуществовала до середины 14 в. В ней вели научную деятельность 100 учёных из разных стран. Данная статья посвящена изучению и рассмотрению деятельности Библиотеки Марагинской обсерватории, в которой хранились более 400 000 экземпляров рукописей. В то период данная обсерватория считалась одной из крупнейших в мире.



**Ключевые слова:** Марагинская обсерватория, образование и развитие обсерватории, научные изыскания, астрономия, развитие наук, библиотека обсерватории.


## LIBRARY MARAGHA OBSERVATORY


The Maragha Observatory, created in the second half of the 13th century in the city of Maragha, existed until the mid 14th century it led the scientific activity 100 scientists from different countries. This article is devoted to the study and review of the activities of the library of the Maragha Observatory, which kept more than 400 000 copies of manuscripts. At that period, this Observatory was considered one of the largest in the world.



**Key words:** the Maragha Observatory, education and development Observatory, scientific research, astronomy, development of Sciences, library of the Observatory.



**Сведения об авторе:** ***Абдухамидов Нурмухаммад*** – аспирант дневного отделения кафедры истории таджикского народа ТНУ. Телефон: **+992-98-107-00-30**; E-mail**: farhat_safo@mail.ru**


# СИККАҲО ВА ҶУЗЪИЁТИ ПАДИДАҲОИ ТАЪРИХӢ


***Ҷонибек Асрориён***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Сиккаҳо сарчашмаи мӯтамаданд дар дарёфти таърихи воқеии халқу кишварҳо. Замоне пайдо шуданд, ки талаботу эҳтиёҷи мардумон афзуда буд ва зинаи такомули паҳлӯҳои фаъолияти инсонҳоро ҷилва медод. Нахуст ба асрори маъдан ва арзиши онҳо сарфаҳм рафтанд ва муҳосибот рушд кард. Корогаҳон эҳсос карданд, ки табдил ба мол, ва ивази ашё ба дардашон намехурад ва василаи тозае эҷод карданд, ки чун воҳиди ченак арзёбӣ шуд ва минбаъд дар муомилот василаи муҳим гардид. Пайдоиши зарробхона, ё сиккахонаҳо ва зарби сикка (а.V п. аз милод) ( мисин, нуқрагин ва тиллоӣ) аз ихтирои ҷолибе буд дар ҷоддаи муомилот, ки густариш ёфт. Омилҳои муҳим дар ин раванд пайдоиши давлатҳо бо марзҳои паҳновар, равобити байни кишварҳо, муносибатҳои ҳамсоядорӣ ва бозори тиҷоратӣ буданд.

Сиккаҳо аз ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ маълумоти зарурӣ медиҳанд ва ҳамчун манбаи таърихӣ маводи арзишманде мебошанд. Нишонаи тамаддун низ будааст. Ақвоми бодиягард ва бешаҳристон намунаи воҳиди пулиро ба василаи мардуми муқимӣ шинохтанд ва то а. XX аз асрори зарробхона бохабар набуданд. Собит шудааст, ки сиккаҳо – сарвати давлат, як рукну аломати давлатдорӣ ва атрибути он ба ҳисоб рафта бевосита бо ширкат ва назорати давлатдорон ба гардиш вогузор мешуд. Яъне салоҳият ва масъулият дар ҳукумати мутамарказ ба вуҷуд меомад. Чунонки ин амали сиёсӣ дар даврони Ҳахоманишӣ ва бароварди сиккаи заррини Доро – Дорикҳо, (Дорик –воситаи муомилоти шоҳони ҳахоманишӣ.) Ба мушоҳида мерасид. Ва афроди алоҳида дар он даст надошт. (Ҳарчанд таърих аз

Ҳар як донишманд бояд бо фарҳанги миллии худ ва ҳама аносири созандаи он аз гузашта, то ба рӯзгори хеш ошноӣ ва пайванди комил дошта бошад. Онон ки ғурури миллии мукаммал доштанд, ба монанди Фирдавсӣ ва Ҳофиз истилоҳот ва афкори пешқадами фарҳанги ниёгони пешазисломии худро дар ашъорашон зинда нигоҳ дошта, ҳифз кардаанд. Бо ҳама мусибатҳо, ки дар ин сарзамин гузашт, ҳамлаи Искандар, юриши араб ва Чингизу Темур натавонистанд дарахти фарҳанги ниёгони моро решакан кунанд. Дар асри миёна дар фарҳанги форсу тоҷик баъд аз Фирдавсӣ касе ба андозаи Ҳофиз аз фарҳанги худ бо ин шаҳомат дифоъ накардааст. Ҳофиз арзишҳоеро зинда мекунад, ки беҳтарин нишонаҳои муҳтавиёти ин қавми куҳанбунёд аст. «Решаи ҳама гуна худшиносиҳо мероси илмӣ ва фалсафии ин ё он миллат аст. Решаи худшиносиҳои халқҳои форс-тоҷик дар асрҳои миёнаи исломӣ бастагӣ ба мероси бостонии онҳо дошт: Мероси Ҷамшед, Зардушт, Монӣ, Маздак, Зарвониён ва дигар ҷараёнҳои динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ…»[1, 83].

Дар саросари девони Ҳофиз хуб пайдост, ки баҳраи кофӣ аз фалсафа ва фарҳанги қадимаи худ дошта ва ҳамеша ба таври ошкоро ва пӯшида аз маънавиёт ва фарҳанги хеш дифоъ мекунад. Ҳофиз ҳаким ва орифест жарфандеш. Сабке, ки барои баёни афкори худ ба кор мебарад, сабки пуррамзу роз ва асрормез аст, ва дарки он барои фаҳми ҳамагон душвор аст. Ҳофиз аз мактабҳои фалсафӣ ва ирфони бостони тоҷик огоҳии комил дошт. «Дарвоқеъ низ таъсири ойини Маздаясно ва меҳр дар шеъру адаб ва ҳунари Эрон ба андозае равшан аст, ки камтар касе метавонад, онро мункар шавад. Ва ин таъсир дар Ҳофиз низ жарф ва бодавом буда, ғазалҳои Ҳофиз серобшуда аз сарчашмаи пок ва зулоли андешаи Зардушт. Пири муғон касе нест, ҷуз Зардушт» [2,320]. Ишораҳои нисбатан мутааддид ба Эрони қабл аз исломро дар ғазалҳои Ҳофиз метавон ба се даста тақсим кард: 1) мазмунҳое, ки оиди ойини меҳр ва дини зардуштӣ аст; 2) мазмунҳое, ки марбут ба таърихи бостон (хоҳ асотирӣ бошад ва хоҳ таърихи воқеӣ); 3) мазмунҳои марбут ба достонҳои ҳамосӣ.

Андешаҳои фалсафӣ ва ирфонӣ аз тафаккуроти ориёӣ сарчашма ва реша мегиранд. Яке аз решаҳое, ки то кунун гусехта нашудааст, ин ойини меҳр ва Маздоясно аст. Ҳофиз ишорае ба ойини меҳр дорад:

*Бар дилам кард ситамҳост, Худоё мапisанд,*
*Ки муқаддар шавад оинаи меҳройинам [17, 209].*

Меҳр дар Шарқи аҳди бостон аввалин Худои заминие будааст, ки зимни ташаккулу инкишофи тасаввуроти асотирии теокосмогонӣ то ба дараҷаи Худои осмонии ориёиҳо сабзида расид ва дар бисёре аз сарзаминҳои Шарқу Ғарб густариш ёфт» [15,58]. Муҳаққиқон ба ин гуфтаҳо масоили зерро илова намудаанд: «Писарони Худо будани Митра ва Исои Масеҳ, ки ҳар ду дар олами сифлӣ аз модарони бокира ба дунё омадаанд ва ҳар ду ба олами улвӣ уруҷ кардаанд, онҳо баъд аз пирӯзии адлу адолат дар охирин рӯзи ҳастӣ барои доварии башарият ба олами анфусӣ хоҳанд баргашт. Иди фасх (ҷашни урдубиҳишти меҳрпарастон), ғусли таъмид, афрӯхтани шамъ дар калисо ва ҳавзчаи оби муқаддас дар мадхали он, суруди дастҷамъи байни ҳар ду муштараканд. Табдили рӯзи мавлуди Митра ва таваллуди Исои Масеҳ, яксонии сарони мазҳабӣ (падар ва поп), дар митраизм «шаҳри Меҳр», дар масеҳият «мипрополит», салиб (дар митраизм рамзи қадимаи Хуршед, дар масеҳият нишонаи ранҷу муқовимат) ва ғайра» [15, 109]. "Меҳр худои рӯшноию анвори заррини Хуршед ва ҳофизи назму низоми ҷаҳон, пуштибони ҳақиқат, танзимкунандаи муоҳидаю аҳду паймон ва нигаҳбони тамоми ҷаҳон ба шумор меравад. Маънои луғавии форсии он ҳамон меҳру муҳаббатро ифода мекунад. Меҳр дар забони форсӣ ба Хуршед низ нисбат дода мешавад ва аз ин ҷиҳат Меҳрро бо Худои Хуршед баъзан яксон пиндоштаанд» [15,64]. Франс Кумондт тазаккур додааст, ки эзиди Меҳр Хуршед нест, вале нуру рӯшноист, ки торикиро нест мекунад...» [4, 24] Меҳр, яъне Митро парвардигори нуру фурӯғ, Хуршед аст. Шахси Меҳр ҳамбастагии рамзомезе бо Хуршед «Хур» дорад. Харобoти муғон ҳамон Хуробаи Меҳрӣ аст, ки Ҳофиз ба он ишора дорад:

*Дар харобoти муғон нури Худо мебинам,*
***Ин аҷаб бин, ки чи нуре зи куҷо мебинам (210)***

Дар баъзе навиштаҳо ибодатгоҳи меҳрпарастонро хароба ё худ хуроба (шакли ҷамъаш харобот) гуфтаанд. Дар ин харобoту меҳроба муғони меҳрпарастӣ ба таълими донишу аҳкоми динӣ, таҳзиби ахлоқ ва омӯзиши илму ирфон мепардохтанд. Ҳошими Разӣ нисбати Меҳру Хуршед мефармояд: «Меҳр бузургтарин маншаи нур дар ҷаҳон аст, Хуршед мазҳари ӯст ва курси Хуршед намоди ӯст [6, 108]. Меҳр худоест, ки бо аҳду паймон ва вафодорӣ назорат мекунад. Меҳр бар лиҳози ин ки Худои аҳду паймону вафодорист, аз ин рӯ, ба ишқ ва муҳаббат нисбат дода мешавад. Ба ин хотир, Меҳрро мутародиф бо ишқ ҳам медонанд. Ишқ аз назари меҳрпарастон камоли қудрат ва тавоноӣ аст. Меҳрпарастон хешро ошиқи ҷовидон ва аз фарри яздӣ баҳраманд медонистанд. Дар фарҳанги авестоӣ ва ориёии бостон фариштаи ишқ ва муҳаббат ҳамон Митро ё Меҳр аст. Митро пайванддиҳандаи офаридагор ва офаридагон мебошад. Ҳофиз монанди меҳриён ишқро муҳимтарин воситаи шинохти Худованд ва камоли ишқро дар пайвастагӣ бо Худо медонад:

*Чу зарра гарчӣ ҳақирам, бубин ба давлати ишқ,*
*Ки дар ҳавои рухат чун ба меҳр пайвастам (187).*

Саидмуртазои Рованӣ муътақид аст, ки «масеҳиёну митроиён чунин пиндоштаанд, ки «Митра воситае байни халқу холиқ аст» [9,483]. Саидниёзи Кирмонӣ мегӯяд: «Пайравони яке аз мазоҳиби Эрони бостонро бошад, ақида бар ин будааст, ки рӯҳ аз аҷзои нур аст, ки дар зиндон монда, асир шуда ва ҷазбаи он ба сӯйи мабдаи нур ишқе аст, ки одамиро ба суйи ҳақ раҳбар аст» [11, 227]. Ҳофиз дар ин маънӣ мефармояд:

***Ҳофиз, ҳар он кӣ ишқ наварзиду васл хост,***
***Эҳроми тавофи Каъбаи дил бевузӯ бибаст (22).***

Митро миёни неруҳои олам имкони пайванд барқарор кардан ва тадовуми ҳаётро имконпазир гардондааст. Ҳофиз мисли **меҳр**иён дар ин ақида аст, ки агар ишқ набуд, дар миёни ин заррахо вуҷуди хуршед фурузон боқӣ намемонд. Мо ба дунболи нури Худо дар ҳама заррот ҳастем ва дар ҳама ҷо ӯро мебинем, ин қудрати биноӣ ва ковандаро ишқ ба мо ато кардааст:

*Ба ҳаводории ӯ заррасифат рақскунон,*
*То лаби чашмаи хуршеди дурахшон биравам (211).*

Мутафаккирони Юнони қадим Афлотун, Арасту ва дигарон сабаби сабабҳои зиндагиро ишқ донистаанд ва ин ақидаро аз муғон гирифтаанд. Митрои авестоӣ аз офаридагони Аҳура аст. Вай Эзиди (Худо) нигоҳбони ишқ ва муҳаббат, аҳд ва паймон аст. Ишқ дар Эрони бостон арзиши ахлоқии бештар дорад, ки ҷанбаи асосии он ҳамон покбохтагист, ки дар адабиёти тасаввуфӣ таъсири худро гузоштааст.

Мактаби тасаввуф, ки решаи куҳан ва ориёӣ дорад, аз ойини меҳр низ сарчашма гирифтааст. Ва дар ин мактаб бисёртар номҳо ва истилоҳотҳо аз ойини меҳр гирифта шудаанд. Мафҳумҳои ишқ, файзон, пайванди умумии саросари ҷаҳон, меҳроб, вожаи «пир», ки аз мақомҳои ҳафтгонаи меҳрпарастон буд, дар саросари девони Ҳофиз ба чашм мехӯрад. Ғори меҳрӣ тоқи гунбаде дошт ва намудори гардунӣ буда, дохили онро бо ситорагон зевар мекарданд ва рӯ ба рӯйи меҳроб пайкари Меҳр гузошта мешуд. Парастишгоҳи меҳрӣ аз мармар сохта шуда буд ва ду маҷмар барои равшан нигоҳ доштан қарор медоданд. меҳроб ҳамон Меҳроба (ҷойгоҳ) аст ва муъбади масеҳиён низ ҳамон аст [11, 335]. Ҳофиз калимаи меҳробро дар шеъри зерин чунин овардааст:

*Дар намозам хами абрӯи ту бо ёд омад,*
***Ҳолате рафт, ки меҳроб ба фарёд омад (102).***

Пеш аз расидани меҳриён ба даруни меҳроб нушхора ва нӯшоба вуҷуд дошт, меҳрӣ мебоист пеш аз он, ки аз сароча бигзарад, шустушӯ кунад ва пок шавад. Ҳофиз ба ҳамин расми меҳриён ишора дорад:

*Шустушӯе куну в-он гаҳ ба харобот хиром,*
*То нагардад зи ту ин дайри хароболуда!(247)*

«…самову оҳангу пойкӯбӣ дар меҳробҳо маъмул будааст»[15, 95].

*Чу дар даст аст уди хуш, бизан, мутриб, суруде хуш,*
*Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем (219).*

Мароҳили сулуки сӯфиён ва вожаи пир, ки аз мақомоти ҳаштгонаи меҳпарастӣ буд, дар саросари девони Ҳофиз ба чашм мехӯрад. Ҳар як пайрави ин ойин барои тасфияи нафси худ бо кумаки роҳнамои меҳройин аз ҳафт марҳилаи такомули маънавӣ бояд гузарад:

***Гиряи Ҳофиз чи санҷад пеши истиғнои ишқ,***
***К-андар ин дарё намояд ҳафт дарё шабнаме (278).***

«Барои расидан ба маҳалли ниёиш бояд меҳройин аз ҳафт зина боло мерафт. Ин ҳафт зина ду (намод) символ дошт, як сӯ онҳо намоди ҳафт ситора буданд ва аз сӯйи дигар, нишонаи он ки одамӣ аз ҳафт сипеҳр гузар карда, ба замин фуруд омадааст ва инак барои бозгаштан бояд аз он ҳафт зина боло равад, то аз замин ба ҷойгоҳи меҳр бирасад» [15]. Ҳаминро бояд зикр кард, ки ҳафт водии сайру сулуки сӯфия аз ҳамин ҳафт мақоми маротиби сайру ойини меҳрпарастӣ ғизои маънавӣ гирифтаанд. Охирин ва волотарин мақом дар силсиламаротиби сайру сулуки меҳрпарастӣ «падар» номида мешавад. Падар ҷонишини Митра дар рӯйи замин аст ва либоси ӯ бо либоси Меҳр якест. Ӯ муғи аъзаму муқаддас буда, намодаш як доси роста, кулоҳи митроҳ, асо ва ҳалқа мебошад. Ӯ парҳезкортарин, муқаддастарин ва тақводортарин фарди динӣ буда, аз улуми замона, махсусан ситорапарастӣ, авзои кавокиб (ҳафт марҳилаи сайру сулук ба ҳафт ситора) ва дигар донишҳои замонаш иттиллои комил дошт» [15, 99].

Асову ҳалқа маншаи қадимаи эронӣ дорад. Асо нишони салтанату фармонравоӣ ва ҳалқа нишони маърифату ҳикмат буд. «Ин рамзи ҳалқа аз Эрон ба Урупо рафт. Дар Рум меҳрдинон ҳангоми паймон бастан ба унвони вафодорӣ ба паймон ба якдигар ҳалқа медоданд. Ин расм кам-кам умумият ёфт ва дар маросими ақди никоҳи арӯсу домод низ ба якдигар ҳалқаи паймон раду бадал мекунанд» [10, 321-322]. Пайравони ойини митроӣ якдигарро бародар, роҳбарони худро падар ва бузургони онҳоро «падари падарон» меномиданд. «Ин олитарин мансаби митроиро баъдан исавиён пазируфтанд. Онҳо кашишонашонро «падар» ва «падари падарон»-ро поп меномидагӣ шуданд. Мақоми падарро дар лотинӣ «Peintussmus», падари падаронро «Dignissimus» меномиданд. Ин калима дар адабиёти форсӣ, бахусус дар ашъори Ҳофиз ба «пири муғон» табдил шуд» [15, 100].

Ҳофиз мафҳуми «пири муғон»-ро аз диди фарҳангии худ берун кашида ва хотираи фарҳанги асили миллати хешро зинда нигоҳ доштааст. Ҳофиз дар бозофариниши мафҳуми "пири муғон" ва "дайри муғон" дарвоқеъ ишора ба фарҳанги хеш дорад. Нависандагони қадим аз вожаи "муғ" (magos-magai) пешвои дини зардуштиён ирода мекарданд. Ин вожа дар тамоми забонҳои аврупоӣ каму беш ба сурати Magik-Mage, Magie дида мешавад [13, 19]. Вожаи мазкур дар "Авесто" ба сурати Moghu омадааст, ин калима дорои маонии мухталиф буда, яке аз онҳо донишманд аст. Баъзе ин вожаро бо калимаи санскритии "магҳа" - Magha яке донистаанд, ки ба маънии сарват, подош ва бахшишу диҳиш аст. «Куруш додгарӣ ва ростиро аз муғон омӯхт… Онон ашхоси бузурги расмӣ ҳастанд, ки умури муҳокимаи ҷиноиро идора мекунанд» [13, 21]. Ин мардум дар кори нависандагӣ ва ахтаршиносӣ ва пешгӯйӣ низ даст доштанд. Дар рӯзгори Сосониён дин ва давлат ба якдигар пайваста ва бештар умури кишваре ба дасти ҳамин мубадон, ки таҳсилкардагон буданд, идора мешуд.

Манучеҳри Муртазавӣ мегӯяд: «Ҳофиз ҳама ҷо аз пири равшандил, доно, асрорбин ба номи пири муғон, пири майфурӯш ва пири бодафурӯш, ки ҳама яке аст, сухан ба миён меоварад ва ҳар чӣ медонаду ҳар чӣ омӯхтааст, бад-ӯ нисбат медиҳад ва билохира, фақат ин пирро мазҳари камол ва сафои мутлақ шинохта, дасти иродат ба ӯ додааст. Агар Ҳофиз пире дошта бошад, ҷуз ҳамин пири муғон нахоҳад буд» [6].

Ҳофиз пири муғонро "инсони комил" хонда, суханони ӯро ба «сидқи дил» ва «самъи ризо» шунидааст. Ва саодати ду ҷаҳонро аз баракати остонаи фазилати пири муғон медонад. Ва сирри Худоро дар синаи ӯ ҷустуҷӯ мекунад ва ҳалқаи бандагии вайро аз азал дар гӯш дорад. Назари пири муғон аз дидгоҳи Ҳофиз кимиёест, ки хоки вуҷуди соликро ба зарри тилло мубаддал мекунад. Ҳофиз мегӯяд, ки ҳалли мушкилоти олам дар баёни латифи пири муғон нуҳуфтааст ва раҳоӣ аз гумроҳӣ ва ҷаҳл бо инояти ӯ аз байн меравад:

*Аввал зи таҳту фавқи вуҷудам хабар набуд,*
*Дар мактаби ғами ту чунин нуктадон шудам.*
*Он рӯз бар дилам ғами маънӣ кушуда шуд,*
*К -аз сокинони даргаҳи пири муғон шудам (191).*

Касби маърифатро Ҳофиз аз дари ӯ меҷӯяд:

*Ба май саҷҷода рангин кун, ғарат пири муғон гӯяд,*
*Ки солик бехар набвад зи роҳу расми манзилҳо (5).*

Аз он замоне, ки аз сокинони ин даргоҳ шудааст, маонӣ ва маориф бар дили ӯ кушуда шудааст:

***Он рӯз бар дилам дари маънӣ кушода шуд,***
***К- аз сокинони даргаҳи пири муғон шудам (191).***

Ҳангоме ки дар водии нодонӣ саргардон аст, боз ҳам роҳ ба сӯйи пири муғон меравад ва барои раҳоӣ аз ҷаҳлу нодонӣ аз ӯ мадад меҷӯяд ва ӯро ба ёрӣ металабад:

***Бандаи пири муғонам, ки зи ҷаҳлам бираҳонд,***
***Пири мо ҳар чӣ кунад, айни иноят бошад (94).***

Яъне, Ҳофиз бо иродати худ ба «пири муғон» ва фарҳанги куҳан ишора мекунад. Дар ахлоқ меҳрпарастӣ назму низоми муайянеро талқин мекард. Пайравони ин дин худро мазҳари ҳақиқат дониста, кӯшиш мекарданд, ки ҳамаи умури шаръиро ба ҷо биёранд. Онҳо шахсони муборизи покдил, ҷасуру покдоман буданд, аз ҳар гуна олудагиҳо дурӣ меҷустанд ва ба аҳду паймони худ бовафо буданд. Дурӯғгӯйию тазвирро ниҳоят бад медиданд. Аз ин ҷост ки Ҳофиз мегӯяд:

***Ҳофизо, май хуру риндӣ куну хуш бош, вале***
*Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро (9).*

Дар ойини меҳр футувват ва ҷавонмардӣ дар madди аввал меистад, қавли мардона беҳтарин паймон аст. Дар адабиёти митроӣ озодию озодагӣ ва шуҷоатро яке аз хислатҳои эронии ориёӣ медонанд ва аз ин рӯ, ин мақомро меҳрдинон порсоӣ номидаанд. Ахлоқи парҳезкоронаи меҳрпарастон барои онҳо шукӯҳи зиёде оварда буд ва ҳамин ахлоқи меҳрпарастӣ буд, ки ҳамрадифи дини маздоии куҳан ташаккул ёфт ва бо омӯзаҳои тозаи ахлоқӣ масири инкишофро тай намуда, то ба фалсафаи ахлоқии дини зардуштӣ сабзида расид. Яъне, Ҳофиз ба фарҳанги Эрони куҳан ишора мекунад. Андешаи Ҳофиз намунаи боризи андешаи ориёист, аз ҳуввияти миллию фарҳангии таърихи худ ҳимоят мекунад, ки таърихи хеле бостонӣ дошта, ҷавҳари фарҳангу ҷаҳонбинии мардуми ориёиро ташкил медиҳад. Ӯ фарҳанги қавми худро мешиносад ва аз он пуштибонӣ менамояд ва арзишҳое зинда мекунад, ки беҳтарин нишонаҳои муҳтавиёти ин қавми куҳанбунёд аст:

*Ба боғ тоза кун ойини дини Зардуштӣ,*
*Кунун, ки лола барафрӯхт оташи Намруд (130)*

Кайфияти маънавии шеър ба василаи ишораи парастиши оташи зардуштиён барқарор гардидааст. Яъне, дар боғ ва тарфи чаман ойини дини зардуштиро тоза кун (яъне, майнушӣ кун), акнун, ки руйи гули лола чун оташи Намруд (дар боғ) барафрӯхтааст. Дар шеъри зерин низ, ба оташи зардуштиён ишора дорад:

***Биё, соқӣ, он оташи тобнок,***
*Ки Зардушт меҷӯядаш зери хок.*
*Ба ман деҳ, ки дар кеши риндони маст,*
*Чи оташпарасту чи дунёпараст (313).*

Шеъри Ҳофиз усораи нобе аз ҳикмати хусравонӣ ва ё ҳикмати муғон аст, ки ҳамеша дар ашъораш ишора ба онҳо дорад. Масалан, ишорае ба оташкадаи зардуштиён дорад:

*Сина, гӯ, шуълаи оташкадаи Форс бикуш,*
*Дида, гӯ, оби рухи Даҷлаи Багдод бибар! (147)*

Ба сина бигӯ, то ба оташи худ оташи оташкадаи форсро хомӯш кунад, ба дида бигӯ то бо ашки худ обрӯ ва шукӯҳи Даҷларо бубарад.

Нур аз қадим асоси ҳама гуна динҳои мардуми Шарқ ба ҳисоб меравад. Фалсафаи меҳрпарастон ва зардуштиён оташро мазҳаре аз нур мешинохтанд ва онро гиромӣ ва муқаддас мешумориданд. Оташ, нишони вуҷуди нуронии Худованди мутаол аст. Оташ асли одоби динӣ аст, ҳар оташгоҳ ҷойгоҳи махсус дорад, ки дар он ҷо шуълаи оташи ҷовидон месӯзад, бо даст задан ва нафас кашидан, набояд оташро олуда сохт, мӯбад (рӯҳонӣ) бояд дасткаш дар даст дошта бошад ва пӯшише дар даҳон қарор диҳад.

Фалсафаи зардуштия ҳастиро нури мутлақ ва коинотро шаъшааи он нур медонад. Дар ашъори ирфонии Ҳофиз ҳама аз нур ва партав, таҷаллӣ, зарра ва хуршед сухан ба миён омадааст:

*Бехуд аз шаъшааи партави зотам карданд,*
*Бода аз ҷоми таҷаллӣ ба сифотам доданд.(108)*

Фалсафаи ишроқ ҳикмати илоҳии ҳакимони Эрони бостон аст. Яъне, аз назари ҳакимони эронӣ нахустин нури ҷавҳари ё нури муҷаррад вуҷуд дорад, нуре аст қоим ба зоти худ ва аз ҳеҷ манбаи дигаре касби нур намекунад, балки худ маншаи нурҳои дигар аст. Эҳёкунандаи ҳикмати бостонии Эрон дар асрҳои миёна - Шаҳобиддин Суҳравардӣ аст, ки асосгузори фалсафаи ишроқ мебошад. Дар низоми фалсафии Суҳравардӣ нур, ки дар ҳикмати хусравонӣ ва дини зардуштӣ мабдаи ниёиш аст, мақом ва арзиши бузурге дорад. Фалсафаи ишроқи Суҳравардӣ – идомае аз ҳикмати Афлотун ва Зардушт буда, байни «Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Суҳравардӣ ва «Готҳо» - сурудҳои Зардушт, шабоҳату монандии том вуҷуд дорад. Дар Готҳо Аҳурамаздо манбаи нур аст ва партавфишонии ӯ аз табиати худи Аҳурамаздо сар мезанад (89). Дар ашъори ирфонии Ҳофиз ба ин ишораҳо мавҷуд аст.

Низоми фалсафии офариниши ишроқӣ, ки аз фалсафаи Зардушт сарчашма мегирад, таъсири он ба ақидаи Ҳофиз хеле калон аст ва онро хуб медонад. Ҳофиз бисёр ақидаҳои фалсафаи ишроқро дар шакли бадеӣ бо шеър ифода кардааст. Дар

ғазалиёти Ҳофиз ба масъалаи нур аҳамияти аввалиндарача дода шуда, ин ҳама нуру партаву тачаллӣ ва зарраи хуршед буданро бо дини меҳрӣ мепайвандад:

*Нури Худо намоядат оинаи мучарраде,*
*Аз дари мо даро, агар толиби нури сармадӣ [10. 823].*

***

*Аз пой то сарат ҳама нури Худо шавад,*
*Дар роҳи зулчалол чу бепову сар шавӣ (290).*

Ҳофиз дар бораи ҳақиқати олам ва кайҳон бисёр жарф андешидааст ва аз афкор ва навиштаҳои пешиниёни худ баҳра гирифта, натичаи ин андешаҳоро дар бархе аз ашъори худ овардааст. Ин ашъор, ки чакидаи андешаи Хоча бо таваччуҳ ва омӯзиши ӯ аз андешаи пешиниён аст, намунае аз фарҳанги Эронзамин аст, ки то ба дасти мо расидааст ва аз ин дидгоҳ бисёр арзишманд мебошад. Ҳофиз аз адабиёти Маздаясно ва луғоту таъбироти Маздаясно ишораҳои зиёде дорад. Дар саросари девони Ҳофиз хуб пайдост, ки баҳраи кофӣ аз адабиёти Маздаясно бурдааст. Истилоҳотеро, ки марбут ба дини Зардушт аст, дар сар то сари девонаш истифода бурдааст. Масалан, «дайри муғон»: «Дайри муғон» дар луғат ба маънии ибодатгоҳи муғон ва мӯбадони зардуштӣ ва оташкада аст. Аммо дар истилоҳи аҳли тасаввуф ба мачлиси урафо ва авлиё иттилоъ мешавад, дар адабиёти ирфонӣ ҳамон майкада ва харобот аст [5, 17]. Оташи ишқу муҳаббати ориёӣ дар дили Ҳофиз чӯш мезад, ки сокинони дайри муғон ба иззат ва эҳтиром доштанд. Як фарди ориёӣ пас аз хомӯш шудани оташкадаҳо, ки конуни муҳаббати ориёӣ дар дили ӯст мегӯяд:

***Аз он ба дайри муғонам азиз медоранд,***
***Ки оташе, ки намирад, ҳамеша дар дили мост (18).***

Вақте ки аҳли дини замони Ҳофиз ба риёю солус даст мезанад, Ҳофиз ба порсоии гузаштагони худ рӯ меорад ва аз онҳо мадад мегирад:

***Дилам зи савмаа бигирифту хирқаи солус,***
***Кучост дайри муғону шароби ноб кучост.***

Вожаи дигаре, ки Ҳофиз дар ашъори худ ба кор мебарад, калимаи «суруш» аст. Вожаи «Суруш» дар «Авасто» ба мафҳуми фаришта аст:

***Лутфи илоҳӣ бикунад кори хеш,***
***Муждаи раҳмат бирасонад суруш (167).***

Калимаи суруд ва сароидан дар форсӣ низ аз ҳамин реша аст. Решаи ин вожа дар «Авасто» сру-Sru ба маънии шунидан аст ва бисёр ба кор рафтааст. Дар адабиёти мутаохири Маздаясно суруш яке аз фариштагонест, ки дар чаҳони дигар нозири аъмоли одамӣ аст [5, 23]. Дар ашъори Ҳофиз суруш ҳомили паёми нек ва хуб аст:

***Дар роҳи ишқ васвасаи Аҳриман басест,***
***Пеш ову гӯшу дил ба паёми суруш кун! (233)***

Барои касе ин паём меоварад, ки маҳрами асрор бошад ва бо рамузи дарун ошно бошад:

*То нагардӣ ошно, з-ин парда розе нашнавӣ,*
*Гӯши номаҳрам набошад чойи паёми сурӯш (168)*

Дар адабиёти мутаохири Маздаясно суруш гоҳе пайки яздӣ аст ва ҳомили башорате аз олами ғайб аст. Ҳофиз дар ин маънӣ мефармояд:

Суруши олами ғайбам башорате хуш дод,
Ки бар дари кас дижам нахоҳад монд.

Илова бар ин вожаҳо дар ашъори Ҳофиз мафҳуми «чоми Чам» низ омадааст. Дар замонҳои қадим барои шинохти илми нучум, ахтаршиносӣ ва сайри каҳкашонҳо аз асбоби устурлоб - чом истифода мекарданд. Чомро аз гили пухта ё фулуз месохтанд ва рӯйи он хатҳо ва нақше расм мекарданд, дувоздаҳ сурати фалакӣ рӯйи он менигоштанд. Дар соли 1228 чом аз тилло ва нукра сохта мешуд. Чи тавре ки Сарфарози Ғанӣ қайд мекунад: «Таърихи аввалияи сохтани ин абзор чоми Чам – Устурлоб то ҳудуди ду ҳазор сол қабл аз мелод мерасад… Хушбахтона қитъаи сафоли шикастае, ки дорои тарҳи сода ва маҳосиботи хусуф ва кусуф рӯйи он нақш баста, дар кашфиёти шаҳри қадимии Бобул ба даст омада, ки марбут ба ду ҳазор сол қабл аз мелод аст» [11, 25].

Дар «Бурҳони қотеъ» омадааст, ки «устурлоб» ё «чом» барои таъйини кавокиб ва ташхиси тул ва арзи билод ва тақвими ситорагон, қавси алнаҳоти кавокиб аст. Фирдавсӣ дар чилди дувуми» Шоҳнома» аз замони Кайхусрав нақл мекунад:

**Чу Наврӯзи хуррам фароз омадаш,**
**Бад-он чоми фаррух ниёз омадаш.**
**Бубахшиду мар Гевро шаҳриёр,**
**Бихонед он чЧом гавҳарнигор,**
**Пас он чом бар каф ниҳоду бидид.**
**Дар ӯ ҳафт кишвар ҳаме бингарид [2, 46].**

Дар девони Ҳофиз ин дастгоҳ ба номи чоми чаҳонбин, чоми чаҳоннамо ва чоми Чамшедӣ оварда шудааст. Ҳофиз дар ғазалиёташ сохтани чоми чамро ишора кардааст:

**Гавҳари чоми Чам аз кони, чаҳоне дигар аст,**
**Ту таманно зи гили кӯзагарон медорӣ (226).**

Яъне, сохтани ин абзор аз гили маъмулии кӯзагарон нест, балки гили хоки асил ва маъдани олӣ аст. Ҳофиз дар «Соқинома» дар чанд чо ишораҳо ба истифода аз чоми Чам мекунад ва тавсия медиҳад, ки бояд онро диду муолиа кард. Қудрати

биноии ҷоми Ҷамро ба сарҳаде мерасонад, ки инсонро аз ҷаҳони дигар ҳам огоҳ мекунад:

**Бидеҳ соқӣ он, он май к-аз ӯ ҷоми Ҷам,**
**Занад лофи биноӣ, андар адам.**
**Ба ман деҳ, ки гардам ба таъйиди ҷом,**
**Чу Ҷам огаҳ аз сирри олам тамом (313).**

Дар истилоҳи ирфонӣ ҷоми Ҷам дили ориф аст, ки саршор аз маърифати ҳақ аст ва ин маънои маҷозии ин калима аст:

**Чу мустаиди назар нестӣ, висол маҷӯй,**
**Ки ҷоми Ҷам накунад суд вақти бебасарӣ (268).**

Манзури Ҳофиз аз «мустаиди назар», доштани истеъдоди диди хуб аст, ки шоири мутафаккир насиҳати худро дар як қолаби иттиллои нуҷумӣ ба сурати як ғазали ирфонӣ ифода кардааст. Ҳофиз дар баробари маънои маҷозии ҷоми ҷаҳонбин, маънои аслии онро низ истифода мебарад:

**Ҷамшед ҷуз ҳикояти Ҷом аз ҷаҳон набурд,**
**Зинҳор дил мабанд бар асбоби дунявӣ (290)**

Ҷоми ҷамшедӣ як абзори физикӣ ва як дастгоҳи сохташудаи дунявӣ аст. Зиёда аз ҳазор сол «**ҷоми ҷаҳоннамо**» ҳамчун абзори нуҷумии донишмандон буд. Албатта, дар замони Ҳофиз «ҳикояти ҷоми Ҷам» як ҳикоят, як афсонае буд, вале баъди рушду инкишофи инқилобҳои илмӣ – техникӣ, мушакҳои байнисайёравӣ ва дигар кашфиётҳои техникӣ, ин афсонаҳо ба воқеияти реалӣ табдил ёфтанд.

Ҳофиз ишорот ба таърихи подшоҳони бостон низ дорад:

**Яке далели эрониён кунад тавсиф,**
**Ба аҳди шавкати эрониёни бостон Ҳофиз (316).**

Барҷастатарин шахсиятҳо дар ин ҷода Ҷамшед ва Искандар аст. Ҳофиз дар ашъораш ишораҳои зиёде бар Ҷамшед дорад:

**Ба ман деҳ, ки гардам ба таъйиди ҷом,**
**Чу Ҷам огаҳ аз сирри олам тамом (313).**

Ҷамшед бо дурустӣ, бо фарраи эзадӣ, бо рою дониш тамаддуни орёиро поягузорӣ намуда, ҳафтсад сол ҷаҳондорӣ кард ва дар ин муддат аз доварии ӯ замона баросуда ва «замона бад-ӯ шоду ӯ низ шод» будааст. Фирдавсӣ ӯро «шаҳаншоҳи бодонишу хоста» ном бурда ва мегӯяд:

Ҷаҳонро фузуда бад-ӯ обрӯй,
Фурӯзон шуда тахти шоҳӣ бад-ӯй.

Ҳофиз баъд аз Фирдавсӣ мутафаккири озодандеш аст, ки ҳамин суннати ақлгароии аҷдодони худро давом додааст. Ба таърихи Эрон ва ҷаҳон ба чашми фалсафӣ, ба чашми хирад нигаристааст. Подшоҳони қадимаи дигаре, ки дар девони Ҳофиз ба онҳо ишора шудааст, иборатанд - Кайковус, Кайхусрав, Қубод, Парвиз, Баҳром, Баҳман, Доро:

**Қадаҳ ба шарти адаб гир, з-он ки таркибаш,**
**Зи косаи сари Ҷамшеду Баҳман асту Қубод (62).**

Ҳофиз аз ишорот бо достони подшоҳон бозсози таърих ва гуфтани афсона нест, балки муроди ӯ аз ин кор «нақди бозор ва озори ҷаҳон аст. Ҳофиз ба зикри номи онон ва ишора ба достонҳояшон дафтареро боз мекушояд ва аз даруни он барои хеш шоҳид ва далел берун меоварад. Ба ин тартиб замони ҳолро бо саросари замонҳои гузашта пайванд медиҳад, то бедорӣ ва огоҳӣ биёфаринад. Аз Ҷамшед ва ҷоми Ҷам ба ҳасрат ёд мекунад. Ва дар оийнаи Сикандар нақши харобӣ ва фанои мулкдориро муоина мекунад:

Мо қиссаи Сикандару Доро нахондаем,
Аз мо ҷуз ҳикояти меҳру вафо мапурс (159).

Ишора ба қиссаи бадфарҷоми рӯзгори онҳо мекунад, ки нафрат ва кинашон ба ҷанг водошт ва саргузашти онҳо ибрате шуд барои онҳое, ки ҷуз ҳикояти меҳру вафо чизи дигаре низ дар дил доранд. Агар аҳволи мулки Дороро дар ҷоми Ҷамшед ҷустуҷӯ мекунад, аз он руст, ки дар тамошои оинаи ҷом, ки ба назари ӯ аз оинаи Сикандар ҳам аҳволи ҷаҳонро равшантар нишон медиҳад. Метавонад ҳам худи Дороро фаромӯш кунад ва ҳам Сикандарро, ки мулки Дороро бо тамоми шавкат ва ҷалолаш ба дасти ӯ дар оташи ғурур ва ҳавас сӯхт. Шоир мехоҳад ин қиссаи пурғамро аз ёд бубарад, ки агар иддао кунад, ки асло чунон қиссаро нахондааст, низ газзоф набошад. Бо ин ҳама, ӯ ин қиссаро хондааст ва аз саргузашти шоҳони гузашта ва таърихи рафтагон, бар хилофи он чӣ худаш аз рӯйи фурӯтанӣ мегӯяд, ба хубӣ хабар дорад. Ҳофиз дар шеъри зерин рамзи шукӯҳи барбодрафтаи подшоҳони гузаштаро нишон додааст:

**Сипеҳри баршуда парвеза нест хунафшон,**
**Ки резааш сари Кисрову тоҷи Парвез аст (28)**

Таъсири фарҳанги ниёгон дар адабиёти ҳазорсолаи тоҷику форс ҳамеша ба чашм мехӯрад, зеро ки ин сарзамин бо нажод ва фарҳанги худ дар идомаи гузашти таърих мавҷудияти худро собит кардааст.

Ҳофиз як шоири мутафаккири озодандеш аст, ки аз ҳуввияти мардуми худ, таърихи худ, шукӯҳи тамаддуну фарҳанги Эрон ҳимоят мекунад. Дар ин замина мегӯяд:

Шавкати пури Пашангу теғи оламгири ӯ,
Дар ҳама «Шоҳнома»-ҳо шуд достони анҷуман (227).

Дар ҷойи дигар ишора ба Рустам дорад:

**Шоҳи Туркон чу писандиду ба чоҳам андохт,**
**Дастгир ар нашавад лутфи Таҳамтан чӣ кунам? (202).**

Ҳофиз ишора ба ин достон мутаваччеҳи ҷанги Эрон ва Турон низ мешавад, ки бар асари кушта шудани Сиёвуш дар гирифт. Ҳофиз ин риштаи пайвандро бо гузаштаи хеш аз даст нододааст. Аз асотири дерини худ ёд кардааст:

Шоҳи туркон сухани муддаиён мешунавад,
**Шарме аз мазлимаи хуни Сиёвушаш бод! (64)**

Дар «Соқинома» (169 байт) ва «Муғанниномa» (69 байт) манбаи илҳоми Ҳофиз осори бостон ва асотири таърихи куҳан ва сарчашмаҳои гаронбаҳои эронӣ буд. Дар «Соқинома» номи ҷанговарон, далерон, қаҳрамонон ва бузургони Эрони бостон оварда шудааст. Ин нишон медиҳад, ки гузаштаи пеш аз ислом барои вай арзиш ва ҷанбаи ҳунарӣ дорад ва тобеи аҳдофи ҳунарии ӯ мебошад. Ҳофиз дар зинда кардани мероси миллати худ маҳорати аҷибе зоҳир карда буд. Гӯяндагоне муқтадир ва тавоно мехоҳанд ғурури миллиро аз нав бедор кунанд ва таваҷҷуҳи ононро нисбат ба мафохири гузашта ва тамаддуну фарҳанги бостонӣ ҷалб кунанд. Аз ин ҷост, ки Ҳофиз аз фарҳанги ориёӣ ҷонибдорӣ мекунад ва аз бузургию ҳашамати он фахр карда, онро ситоиш мекунад:

Равони бузургон зи худ шод кун,
Зи Парвизу аз Борбад ёд кун (315).

Ҳофиз афкори фалсафии Юнони қадимро низ дар як ҳадди муайяне медонистааст, аз ҳамин сабаб ӯ аз асрори ҳикмати Афлотун низ бохабар буда ва баҳра доштааст, ба ин далел ки дар шеъри худ инчунин ишора мекунад:

Ҷуз Фалотуни хумнишини шароб,
Сирри ҳикмат ба мо кӣ гӯяд боз? (154).

Хулоса, хидмати Ҳофиз аз он иборат буд, ки дар муҳити асримиёнагии ҷомеаи исломӣ тавонист фарҳанги ориёитаборонро ба арзишҳои арзандаи ратсионалии пешазисломӣ дар сатҳи хеле баланд ошно намояд. Ҳофиз бо фарҳанги ниёгони худ ва унсурҳои созандаи он аз гузашта то рӯзгори хеш ошноӣ ва пайванди доимӣ дошта, ниёзҳо ва заруриёти иҷтимоии мардуми худро ба хубӣ медонад ва пайванди худро бо фарҳанги гузашта ҳамеша нигоҳ доштааст. Дар ин маврид чунин ишора мекунад:

Дам аз сайри ойини дерина зан,
Салое ба шоҳони пешина зан (313).

Бо таваҷҷуҳ бо шеърҳои Ҳофиз фаҳмида мешавад, ки вай огоҳии системанок аз тамоми ҷараёноти фикрӣ, ва андешаҳои ирфонӣ ва фалсафии гузаштагони мо бохабар будааст. Бар ҳамин асос, ӯ таъкид мекунад, ки насли мавҷуда ва оянда бояд ин ҷараёноти фалсафӣ, ирфонии гузаштагонро дастовез қарор дода ва бо ҳурмати комил аз онҳо ёд кунанд. Аз ин ҷост, ки вай таъкид бар эҳёи фарҳанги қадимаи ориёӣ дорад. Шояд Ҳофиз дар фаҳмиши худ ҳадафҳо ва арзишҳои инсониро дар ойин ва фарҳанги ниёгони худ дуруст дарк карда бошад. Дар асри миёна дар фарҳанги форсу тоҷик касе ба андозаи Ҳофиз аз фарҳанги худ ба ин шаҳомат ва дарки таърихӣ дифоъ накардааст. Ҳофиз андешаи халқи худро ба сӯйи андешаи ориёӣ моил сохт, яъне ба инсонмеҳварӣ кашид, ки ҳама чиз дар хидмати инсон бояд бошад ва ченаки арзиш инсон дониста шавад. Ҳофиз инсонро ба воқеияти реалии зиндагӣ даъват кард, ки ба ҷаҳону инсон бо назари холисона бингаранд. Ба зиндагӣ чеҳраи дурӯғу хурофот напӯшонанд, зиндагиро табиӣ қабул кунанд. Аз ин ҷост, ки Ҳофиз аз фарҳанги ориёӣ ҷонибдорӣ мекунад ва аз бузургию ҳашамати он фахр карда, онро ситоиш мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Аббос Қадёнӣ. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон / Аббос Қадёнӣ. --Теҳрон, 2009. 436 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Теҳрон, 1375.
3. Дастғайб Абдуалӣ. Ҳофизшинохт / Дастғайб Абдуалӣ. –Теҳрон, Нашри улум, 1379. 263с.
4. Кумондт Франс. Ойини пуррамзу рози митроӣ / Кумондт Франс. -Теҳрон, 1380. -324 с.
5. Ҷалили Назарӣ. Муғбачагони бодафурӯш дар шеъри Ҳофиз / Ҷалили Назарӣ. –Теҳрон, 1386. -162 с.
6. Манучеҳри Муртазавӣ. Мактаби Ҳофиз / Манучеҳри Муртазавӣ. -Теҳрон, 1313. 278с.
7. Ниёзи Кирмонӣ Саид. Ҳофизшиносӣ / Ниёзи Кирмонӣ Саид. -Теҳрон, 1367. 473с.
8. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ. –Душанбе, 2001.356.
9. Разӣ Ҳошим. Ҳикмати Хусравонӣ / Разӣ Ҳошим. –Теҳрон, 1378. 265с.
10. Рукниддини Ҳумоюнфаррух. Ҳофизи ориф / Рукниддини Ҳумоюнфаррух. -Теҳрон, 1363. Ҷ.2. 800 с.
11. Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон / Саид Муртазо Ровандӣ. -Теҳрон, 1369. 247с.
12. Саидати Муҳаммад. Митраизм / Саидати Муҳаммад. -Теҳрон, 1370. -238с.
13. Сарфарози Ғазнӣ. Сайри ахтарон дар девони Ҳофиз / Сарфарози Ғазнӣ. –Теҳрон, 1363. 162с.
14. Фарҳоди Ободонӣ. Ҳофиз ва адабиёти Маздаясно / Фарҳоди Ободонӣ // Мақолоте дар бораи зиндагӣ ва Шеъри Ҳофиз. Мансури Растагор. -Теҳрон, 1350. 468с.
15. Ҳазратқулов А. Меҳрпарастӣ / А. Ҳазратқулов. Таърихи фалсафаи тоҷик. -Душанбе, 2011. 582с.


## ВЛИЯНИЕ ДОИСЛАМСКИХ ТРАДИЦИЙ НА ВОЗЗРЕНИЯ ХАФИЗА


Заслуга Хафиза заключается в том, что он сумел в условиях исламского средневековья ознакомить людей с лучшими образцами доисламских традиций иранских народов. Именно Хафизу принадлежит честь развивать иранскую гордость после Фирдоуси, он прекрасно владел знанием древности, а также хорошо ориентировался в запросах и нуждах своего времени. Все богатство и разнообразие культуры древности он отразил в своей поэзии.



**Ключевые слова**: гностик, митраизм, кабак магов, сиянье Бога, душа, алтарь, старца магов, любовь, суруш.

**PRE-ISLAMIC TRADITION ACCORDING TO THE TEACHING OF HAFIS**

The role of Hafiz in the history of Iranian culture is very important. He was able in condition of middle ages to introduce the best example of pre-Islamic Iranian culture, mainly the rationalistic tradition. It was the Hafiz who was able to preserve and develop national idea and proud during the middle ages. The reason was that Hafiz had very deep knowledge about the past history of Iran, was higherly knowledgeable person, had good information about the contemporary time of Iranian history. All of these put Hafiz in the second place on propagating Iranian idea and Iranian national proud after Firdowsi. Hafiz's poetry reflected these mentioned aspects of Iranian culture in a very good manner.

**Key words**: gnostic, Mithraism, RUINS of magus, light, altar, the guide of magus, soroush, spirit, love.

**Сведения об авторе:** ***М. Махмадова*** – доцент кафедры онтологии и гносеологии ТНУ

# ҶОЙГОҲИ ИНСОН ДАР МАКТАБИ ФАЛСАФИИ ПРАГМАТИЗМ

***Ҷалолинасаб Муҳаммадризо Алиасгар***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Прагматизм (анг. pragmatism) мактаби фалсафии асолати амал ва амалгароӣ аст. Ин мактаби фалсафӣ, ки зодгоҳаш кишвари Амрико мебошад, ба назариёти фалсафии маъмулии давраи худ, ки ҳақиқати афкор ва назариётро амри ҷудо аз таҷрибаи инсонӣ медонистанд, мухолиф буд.

Заминаи зуҳур ва пайдоиши ин мактаби амалгаро ба поёни ҷангҳои дохилии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (1861-1865) бармегардад. То он замон мутафаккирони амрикоӣ мутаассир аз мактабҳо ва файласуфони аврупоӣ буданд ва дидгоҳи фалсафии мустақиле дар он кишвар матраҳ набуд. То ҷое ки Алекс де Токвил (Alexis de Tocqueville) таърихнигор ва ҷомеашиноси фаронсавӣ, ки мутолиоти густардае дар заминаи иттифоқоти сиёсии кишвари Амрико дорад, мегӯяд:"Дар ҳеҷ кишваре дар олами мутамаддин ба андозаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико фалсафа камтар ҷиддӣ гирифта нашудааст"[1]. Бо поён ёфтани ҷангҳои дохилӣ дар кишвари Амрико кам-кам истеъдодҳои фарҳангии ин кишвари навзуҳур бо ҳузур ва пайдоиши як таҷаддуди фалсафӣ, ки қоидаҳои академикии аврупоиро рад ва инкор мекард, намоён шуд. Дар ин замон муҳоҷирон ва фирориёни инқилоби соли 1848-и Олмон, ки аз шогирдони Гегел дар миёни онҳо низ дида мешуд, таҳти таъсири пайомадҳои назарияи "инқилоб" равнақбахши ин таҷаддудгароӣ буданд ва бо интишори нахустин нашрияи фалсафӣ таҳти унвони "Маҷаллаи фалсафаи назарӣ", ки бозхонди назариёти фалсафии аврупоӣ буд, роҳро барои мутафаккирони амрикоӣ, ҳамчун Чарлз Сандерс Пирс ва Вилям Ҷеймс ҳамвор намуд, то мактаби фалсафии асолати маслиҳати амалӣ ё прогмотистиро бунёд диҳанд.

Бузургони ин мактаб бар он боваранд, ки танҳо далеле, ки метавон ба воситаи он назар ва идеяеро дурусту ҳақ ва дигареро хатову ботил номид, ин аст ки дар марҳалаи аввал як таҷрибаи инсонии коромад ва муассири ин назарияро тасдиқ ва ё рад кунад. Дар марҳалаи дувум танҳо асосе барои доварӣ кардан дар бораи ҳақиқатҳои мутлақе, ки аз Афлотун то Декарт ва дигар файласуфони ақлгаро онҳоро қабул доштанд, ҳамоно таъйини арзиш ва натиҷаи онҳо дар зиндагии амалии инсон мебошад.

Вилям Ҷеймс таъкид мекард:"Танҳо далел барои ин, ки бигӯем, чизе ҳақиқӣ аст, ин аст, ки он коромад ва муассир бошад. То он ҷое, ки метавонем ба воситаи таҷрибаи доварихои худ ҳукм кунем: ҳар иддаое дар бораи ҳақиқати мустақил ва айниву мутлақ бемаъност"[1]. Бар асоси ин мактаби фалсафӣ тамоми тасаввурҳо, назарҳо, таъбиру қазоватҳои мо далелҳое барои амали мо ҳастанд, аммо ҳақиқати онҳо дар судмандии онҳо барои зиндагии башар нуҳуфта аст. Дар натиҷа, меъёри ҳақиқат иборат аз судмандии фоида ва натиҷа аст, на баробарии онҳо бо воқеият. Ба таъбири дигар, ҳақиқати ҳар чиз дар прагматизм дар натиҷаи он нуҳуфта аст. Бо ин баён, шинохти ашё ба айният ва ҳақиқати он вобастагӣ надорад, балки ашё бо асаре, ки аз худ ба ҷой мегузорад, шинохта мешавад. Ба ибораи дақиқтар, прагматизм фалсафае аст, ки натиҷаҳои амалии ақидаҳо ва идеяҳоро асоси содиқ будани онҳо ва меъёри таъйини арзиши онҳо медонад. Бар ҳамин асос, Вилям Ҷеймс прагматизмро ин гуна таъриф мекунад: "Прагматизм дидгоҳест, ки оғози ашё, усул ва мавзӯъҳоро канор мегузорад ва ба ғояти ашё, натиҷаҳову воқеиятҳои амалӣ таваҷҷуҳ менамояд"[2].

Бо ин васф, дар прагматизм, фикру амали наздик ва қарин бо ҳам пайванд буда, байни онҳо фосила набояд бошад. Чаро ки натиҷаи фикр аст, ки ба фикр ҳуввият мебахшад, на худи фикр. Пас фикр ҳангоме вуҷуди хориҷӣ ба худ мегираду ҳуввият пайдо мекунад, ки натиҷаи амалӣ аз он ба даст ояд. Бо вуҷуди ин, яке аз дигар натиҷаҳои прагматизм инкори айният ва ҳақиқат мебошад, ки муҷиби ривоҷ ёфтану таъкид бар нисбигароӣ мешавад. Ба ин маънӣ, ки мумкин аст, як ҳақиқат дар

шароити воҳид барои афроди мухталиф натиҷаи мутафовите ба бор биёварад, ки бо ин васф прагматизм ба таҷрибагароии Дэвид Хейм бисёр наздик мешавад, то ҷое ки Вилям Ҷеймс мегӯяд:"Бидуни шак, мелок ва яқини айнӣ, ормонҳои зебое барои бозӣ-бозӣ кардан ҳастанд, аммо дар ин сайёраи моҳтобида ва рӯъёӣ пиндошташуда, куҷо мешавад онҳоро ёфт? Ба ҳамин далел, ман худ то он ҷо ки ба назарияам дар бораи шинохт марбут мешавад, як таҷрибагарой комил ҳастам».

Собиқаи калимаи прагматизм на ба унвони як мактаби фалсафӣ, балки ба унвони қоидаҳои мубтанӣ бар таҷрибаи инсонӣ дар ҳавзаи ахлоқи амалӣ хеле пештар тавассути Эммануил Кант[3] мавриди истифода қарор гирифт ва аз он ҷое, ки ғоят ва ҳадафи феъл дар ин мабоҳис мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, Кант онҳоро прагматик номидааст.

Инсони прагматик, ба назари Ҷон Дюи прагматизм мактаби абзорангорӣ аст ва бар асоси ин нигоҳ, олам ҳамон аст, ки инсон таҷриба мекунад. Яъне, олами айнии ҷудо аз инсон маънӣ надорад ва инсон меъёри ҳама чиз аст. Ӯ поро аз ин ҳам фаротар гузошта, муддаӣ мешавад, ки инсон на танҳо меъёри ҳамаи олам, балки меъёри Худо ва ҳақиқат низ мебошад. Ӯ дар китоби "Имони муштарак" ривояти комилан гуманистӣ аз прагматизмро ироа медиҳад[4].

Фердинанд Скот Шиллер, аз бузургони ин мактаб, ба ин бовар аст, ки мантиқи шинохти ҳақиқатҳо инсон аст. Ӯ қаламрави фалсафаро инсон медонад ва бар ин бовар аст, ки таҷрибаи инсонро бояд дар ин маҳдуда арзёбӣ кард ва бояд ба ҷойи прагматизм калимаи гуманизмро мавриди истифода қарор бидиҳем. Чаро ки вазифаи фалсафа ва ба пайравии он прагматизм баррасии ҳақиқатҳои марбут ба инсон аст. Ӯ дар мақолаи "Афлотун ё Протагориус" сареҳан ҷониби Протагориусро мегирад ва ин сухани машҳури ӯро сухани худ мешуморад, ки:"Инсон мизони ҳама чиз аст"[5].

**Ҷаҳонбинии прагматикӣ**: Прагматизм бovарӣ ба вуҷуди неруҳо ва мавҷудҳои фавқуттабиӣ набуда, ҳаёту зиндагии башар ва ҳамчунин табиатро натиҷаи як амали физикӣ ва химиявӣ медонад, ки ба унвони падидаи хос дар марҳалае аз олам ошкор шудааст ва ҳар гуна ҷустуҷӯ дар бораи маншаи пайдоиши он ва Худои фавқуттабиӣ беҳуда мебошад. Дар ҷаҳонбинии хеш прагматики аз панҷ асли худ намоиш мекунад: табиат ҷойгоҳ ва қаламрави инсон аст, на таҷаллои Худо ва ҳеҷ чиз бидуни табиин вуҷуд надорад; арзиши ҳаёт ва зиндагии инсон маҳсули равобити инсонӣ аст; инсон маншаи арзишҳо ва ҳақиқат аст; инсон вазифа дорад, ки бо баҳрагирӣ аз имконоте, ки илм дар ихтиёри ӯ мегузорад, зиндагии беҳтарро дар рӯйи замин фароҳам намояд; озодӣ аз усули прагматизм ба шумор меравад, чи озодӣ дар интихоби ақида ва чи интихоби иҷтимоӣ. Прагматизм толиби як ҳаёти муштарак дар олами муштарак аст[6].

Прагматиктҳо барои инсон сифоту вижагиҳое қоил ҳастанд, ки ба воситаи онҳо мешавад, ки ин дидгоҳро мавриди арзёбӣ қарор дод:

**1.Инсони табиатгаро.** Ҳамаи прагматиктҳо бар рӯйи инкори умури фавқуттабиӣ ва ё дахолати нерӯҳо ё мавҷудоти фавқуттабиӣ, иштироки назар доранд ва табиатро баробар бо вуҷуд медонанд. Аз он ҷое, ки таҷриба маҳсули амали инсон аст ва табиатро фақат бо таҷриба ва озмун метавон шинохт, пас инсони прагматик як инсони комилан табиӣ буда, ки ҳамаи вуҷудаш ба кумаки таҷриба шинохта мешавад ва дарвоқеъ ба ҷуз ҷанбаҳои инсонӣ, ки қобили таҷриба ҳастанд, ҷанбаи дигаре дар инсон ёфт намешавад.

**2.Инсони илмӣ.** Инсон бо кумаки тафаккур ва рушди фазояндаи ақлии худ ва бо истифода аз таҷриба, марзҳои донишро яке баъд аз дигарӣ пушти сар гузошта, шакли ҷадиде ба зиндагии худ дода ва дигар мавҷудотро таҳти тасаллути худ медароварад. Аз он ҷое ки таҷриба яке аз василаҳои дастрасӣ ба илм аст ва таҷриба маҳсули амали инсон аст, пас таҷриба бидуни инсон бемаънӣ аст. Аз тарафи дигар чун чизе ғайр аз умури табиӣ низ дар мактаби прагматизм вуҷуди хориҷӣ надорад, дар натиҷа ҳар он чӣ ки ба унвони илм матраҳ мешавад, дар дараҷаи аввал дониши табиӣ ва дар дараҷаи дуюм дониши инсонмеҳвар аст, яъне инсон меъёри тамоми улум мебошад.

**3.Инсони абзоргаро.** Тафаккур ва назарияҳои илмӣ васила ва абзоре ҳастанд, барои татбиқи як мавҷуди зинда ба номи Инсон, ки бо муҳити атрофи худаш ба кор меравад. Ин ҷо тафаккур мутааллиқ ба инсон мебошад ва чун ин тафаккур барои татбиқи худи инсон бо перомуни худаш ба кор бурда мешавад ва инсон худ дар як зарфи замонии хос барои беҳбуди вазъияти зиндагии худ тавлиди фикр ва андеша мекунад, пас, боз ҳам меҳвари ҳамаи васоил ва абзорҳо худи инсон аст. Ба таъбири дигар, инсон ҳамаи мавҷудоти дар дастрас ва мумкинро барои расидан ба хостҳои худаш мавриди баҳрабардорӣ қарор медиҳад.

**4.Инсони манфиатталаб ё инсони натиҷаҷӯ**. Манфиатмадорӣ ва натиҷамеҳварӣ аз усули мусалламу аввалия ва собити мактаби прагматизм мебошад. Бо ин тавзеҳ, ки ҳар назару дидгоҳ ва ё амале ҳангоме метавонад мавриди арзёбӣ қарор гирад, ки

дар дараҷаи аввал дорои натиҷаи тасаввуршавандае бошад ва дар дараҷаи дуюм, ин натиҷа дорои фоида ва суде барои инсон бошад. Дар ин ҷо назарияпардоз ва довари ин назария боз худи инсон аст. Яъне, ин инсон аст, ки тавлиди фикр ва амал мекунад ва худаш низ ин фикр ва амалро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад, то муфид ё ғайримуфид будани он мушаххас гардад. Ҳақиқат дар натиҷа ва амали инсон нуҳуфта аст. Ин натиҷа ва амалро инсон месозад. Пас, инсон ҳақиқатро месозад ва ҳақиқате хориҷ аз вуҷуди инсон ва мустақил аз ӯ вуҷуд надорад, чун шумори зиёди дидгоҳҳои инсонӣ амри табиӣ мебошад, пас ҳақиқат амри комилан нисбӣ хоҳад буд. Аз ҳаминҷост, ки садои пойи плюрализм шунида шуда, прагматизм ҷанбаи инсонмеҳварӣ ва касратгароии худро ба намоиш мегузорад.

**5. Инсони динӣ дар прагматизм**: Дар инсонгароии прагматистӣ дин ба маънии суннатии он рад шудааст ва ин эътиқоди зотии башарро дар қолаби инсонгароии прогмотистӣ таъриф карда, ибораи "роҳи гуманистии ҳаёт"-ро халқ карда, манзур аз онро арзишҳои зиндагию ҳаёти башар ва кумак ба ҳамдигар барои ҳаёти беҳтар баён кардаанд[5]. Ҷон Дюи мегӯяд:"Ҳар амале, ки сабаби воқеъ шудани як идеал ё рафъи монеаҳои ҳаёти башарӣ бошад, таҷрибҳои зебои шинохтӣ аст, ки дар дидгоҳи ӯ таҷрибаи динӣ гуфта мешавад"[6]. Дар ин таъриф аз дин, шахсияти инсону идеалҳои ӯст, ки пояҳои динии инсонгароии прагматизмро поярезӣ мекунад. Ин дин дини бехудоӣ мебошад. Коркарди ин дин коркарди равонӣ аст ва талош дорад оромиши равонӣ барои инсонро фароҳам намояд.

Натиҷа ин, ки дар ин доираи баста, ки ҳама чиз аз инсон сарчашма гирифта, инсон ҳам хатм мешавад, муҳандисии ин бинои фикрӣ тамоман дар атрофи меҳварияти инсон мечархад ва ҳақиқати мустақиле таҳти унвони Худо ва худоборӣ ҷойгоҳ ва маъное пайдо намекунад ва зиндагии инсонҳо дорои ҷанбае ба номи ҷанбаи илоҳӣ нахоҳад буд. Дар ин мактаб мавҷуде ва неруи фавқуттабиӣ, вуҷуди хориҷӣ надорад. Бо ин баён, се унсур - инсон, табиат ва таҷрибаи ҳиссӣ, тамоми умури қобили тасаввури ин ҷаҳони ҳастӣ хоҳад буд. Ба иборати дигар инсон бар асоси дониши таҷрибии худ пуле байни худ ва табиати атрофи худ мезанад, то битавонад барои аҳдофи ҳолнигар ва ояндапажӯҳона, худ бар асоси аслҳои зерин барномарезӣ кунад:

1.Ин мактаб талош дорад, ки ба ҷойи тарҳи масоили сирфан назарӣ ва зеҳнӣ ба баҳсҳое бипардозад, ки сабабгори амал мешаванд.

2.Натиҷаи амал дар ин мактаб мадди назар буда, идеяҳое мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд, ки натиҷа дошта, ин натиҷа судманд ва фоидаманд бошанд.

3.Дар ин мактаб инсон ҳамакора мебошад. Ҳам идеяпардозӣ мекунад, ҳам идеяҳоро ба амал табдил мекунаду ҳам судмандии онҳоро месанҷад ва аз он баҳра мебарад.

4.Бар асоси боварҳои прагматистӣ воқеиятҳову ҳақиқатҳо фақат аз равзанаи дидгоҳи инсонӣ муҳаққақ мешаванд ва на чизи дигар.

5.Дар ин мактаб байни фикру амал ҳеҷ фосилае нест, зеро амре фикр маҳсуб мешавад, ки натиҷа ва фоидаи амалӣ дошта бошад.

6.Чун расидани ҳақиқатҳо фақат аз нигоҳи инсон сурат мепазирад, ба далели бисёр будани дидгоҳҳои инсонӣ дар мавзӯоти мухталиф, ҳақиқатҳои мутафовит ва баъзан мутазоде тавлид мешавад, ки бо ин шароит афтодан дар нисбигароӣ ва плоролизм ҳатмӣ мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Попкин Ричорд. Куллиёти фалсафа / Попкин Ричорд, Эстерол Оварум. Саидҷалолиддин Муҷтабо. Ҳикмат. -Теҳрон: Рамазонӣ, 1408. Чопи чаҳорум. -450 С.
2. James William. Pragmatism.newyork / James William. –Longman, 1907. –P. 54-55.
3. James William. The William To Believe in Gateway / James William. To the Great. Books Vol 10 Encyclopaedia Britannica INC. 1963p 47.
4. Хотамӣ Маҳмуд. Мадхали фалсафаи ғарбии муосир / Хотамӣ Маҳмуд. Нашри илмӣ.–Теҳрон, Чопи аввал. 1386. - 894с.
5. Копелстун Фредерик. Таърихи фалсафа / Копелстун Фредерик. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Илми фарҳангӣ ва Суруш. -Теҳрон. 1370.Ҷ.8, - 647с.
6. Huxely J. The new religion of humanism / J.Huxely. The humanist 22. winter 1962 –С.3-6.
7. Палмер Доналд. Нигоҳе ба фалсафа / Палмер Доналд. Аббоси Мухбир. -Теҳрон: Марказ, 1388. –С.379.



**МЕСТО ЧЕЛОВЕКА В ФИЛОСОФСКОЙ ШКОЛЕ ПРАГМАТИЗМА**

В данной статье автор рассматривает место и значение человека в философской школе прагматизма. Среди философских школ XX века одной из самых известных является прагматизм или инструментализм, который часто называется философией делового человека. Прагматизм оказал огромное влияние на общественное сознание. Философия прагматизма проявляет повышенный интерес к изучению поведения человека. С их точки зрения оно детерминировано верой, привычкой или убеждением. Универсальным способом изменения социума и человека является изменение привычек.

**Ключевые слова:** прагматизм, философия прагматизма, прагматики, истоки философии прагматизма, способы философствования, сторонники прагматизма, основание прагматизма субъективное мнение.

"THE PLACE OF MAN IN THE PHILOSOPHICAL SCHOOL OF PRAGMATISM

In this article the author examines the place and importance of man in the philosophical school of pragmatism. Among the philosophical schools of the twentieth century one of the most famous is pragmatism or instrumentalism, which is often called the philosophy of a business person. Pragmatism has had a huge impact on public consciousness. The philosophy of pragmatism showing increased interest in the study of human behavior. From their point of view it is determined by belief, habit or belief. Universal method of changing society and man is changing eating habits.

**Key words:** pragmatism, philosophy of pragmatism, pragmatics, the origins of the philosophy of pragmatism, methods of philosophizing, the proponents of pragmatism, the basis of pragmatism subjective opinion.

**Сведения об авторе:** ***Джалолинасаб Мухаммадризо Алиасгар*** - аспирант Таджикского национального университета. Телефон: **919-70-30-98; +9989128971937.** E-mail: **MRJN46@yahoo.com**

## ТАЪЛИМОТИ МУҲАММАД ИҚБОЛ ДАР БОРАИ ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ИНСОН

***З.И.Зиёева***
**Пажўҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аз бузургтарин шоирони форсизабони қораи Ҳинд буда, ўро «Меъмори Покистон», «Пири маънавии Покистон», «Ситораи дурахшони Шарқ», «Файласуфи Шарқ», «Шоири фардо», «Донои роз» ва ғ. ном мебаранд, ки дар воқеъ ҳам ў инқилоби азимеро дар зеҳни шарқиён поягузорӣ намудааст. Дар заминаи таълимоти ислом ва ғояҳои пешқадами аврупоӣ фалсафаеро тарҳрезӣ намуд, ки он бо номи «Фалсафаи худӣ» машҳур мебошад. Дар миёни масоили аз ҷиҳати шумора зиёд ва аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво дорои ғояҳои амиқи фалсафӣ - масъалаи шахсияти инсон, ташаккулёбӣ ва марҳалаҳои сайри камолоти инсонӣ, омилҳои мусоидаткунандаи ташаккулёбии шахсият, ҳаллу фасли масоили иқтисодӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ, олами ботинии инсон, имконот ва истеъдодҳои нуҳуфтаи инсон, нақш ва мақоми инсон ва ғ. масъалаи табиат ва моҳияти инсон дар маркази андешаи Иқбол қарор дорад. Иқбол саъй намудааст, ки тамоми масоили марбут ба инсонро дар раванди тағйиротҳои қатъии сиёсӣ-иҷтимоии аввали асри Х1Х, ҷавобгўйи тақозои муҳити нави сиёсӣ ва рўҳияи аср мавриди назар қарор диҳад. Барои ў дар ҳалли ин проблема масоили ҷузъӣ ва дувумдараҷа аслан вуҷуд надоранд, барои ў ҳама масоили марбут ба инсон муҳим, аввалиндараҷа ва асосианд: ҳам омилҳои инкишоф ва ҳам омилҳои заъфи шахсият. Далели гуфтаҳои боло маснавиҳои динӣ-фалсафии ў мебошанд, ки қариб ба тамоми забонҳои дунё борҳо тарҷума ва нашр шуда, маҳбубияти хосае пайдо намудаанд. Дар мақола сухан дар бораи таълимоти Иқбол дар бораи табиат ва моҳияти инсон меравад, ки ҷузъи ногусастании «фалсафаи худи»-и ўро ташкил медиҳанд.

Иқбол масъалаи моҳият ва табиати одамиро мавриди баррасӣ қарор дода, онро хеле муфассал дар ҷанбаҳои гуногун шарҳу баён намудааст. Ў шарҳи худро аз ҷаҳоне, ки дар рў ба рўйи ў қарор дорад, оғоз намуда, табиат ва моҳияти инсонро мавриди назар қарор додааст. Аз ҷумла ў қайд намуда, ки «Одамӣ, ки бо неру ва истеъдод ва созгор кардани қуввои мухталиф муҷаҳҳаз аст, худро дар силсилаи дараҷоти зиндагӣ бисёр поин меёбад ва аз ҳар тараф қуввои мухолиф ва монеъ вайро иҳота кардааст» [1]. Аз навиштаи аллома ошкор аст, ки ҷаҳони дар муқобили инсон қарордошта, ўро аз ҳар тараф иҳота кардааст, ҳарчанд инсон дорои неруҳои муқовиматкунанда (дар маънои созгор шудан, мутобиқат кардан) бошад ҳам, ба андешаи Иқбол, инсон дорои «неру», «истеъдод» ва барои созгор кардани ин қувваҳо «муҷаҳҳаз» (яъне, омода) аст ва бояд ба онҳо муқовимату мутобиқат намояд. Аз ин гуфтаи аллома, дар зеҳн чунин андешае низ тавлид мегардад, ки вазифаи инсон низ аз ҳамин иборат аст, ки ба онҳо на танҳо муқовимату мутобиқат намояд, балки бар онҳо пирўз гардад ва онҳоро ба манфиати худ истифода намояд.

Поинтар аллома назди худ суоле мегузорад, ки «Оё ин одамиро дар муҳити худ чӣ гуна меёбем?» ва худ посухи суоли хешро дар чунин шакл пешниҳод кардааст: «Мавҷуди «беороме» аст, ки ба андешаҳои худ чунон маҷзуб ва машғуд шуда, ки ҳар чизи дигарро фаромўш карда ва метавонад дар ҷустуҷўйи пайвастаи хеш барои даст ёфтан ба манзараҳои тозае, ки дар онҳо битавонад арзи вуҷуд кунад, ҳар гуна ранҷу роҳате барои худ фароҳам оварад. Аммо инсон ба андешаи аллома, «**Бо ҳамаи нуқсҳо ва заъфҳояш бар табиат бартарӣ дорад**, чун **дар даруни худ хомили амонати бузурге аст** (таъкиди ман - З.И.), ки ба гуфтаи Қуръон «осмонҳо ва замин ва кўҳҳо аз кашидани он сар боз задаанд» [1].

Акнун бубинем, ки «**бартарии инсон»** дар баробари ин қадар **«нуқсонҳову заъфҳо»** чӣ гуна бар табиат бартарӣ дорад ва он чизе, ки аллома онро **«амонати бузург»** ном мебарад, чист? Иқбол барои нишон додани рисолати хоссаи инсон дар замин рў ба Қуръон оварда, ояти 71-уми сураи «Аҳзоб»-ро ёдовар мешавад: **«Мо амонатро ба осмон ва замин ва кўҳҳо арза доштем, ки аз кашидани он сар боз заданд**

**ва аз он тарсиданд ва одамӣ онро бардошт, ки ӯ ситамгори нодон аст».** Албатта, андешаҳои гуногуни муҳаққиқонро сари ин оят наметавон истисно кард, вале бояд ҳадди ақал манзур аз «амонат»-ро барои худ тасаввур карда бошем. Пас маълум мешавад, ки аллома халқи инсонро аз халқи дигар мавҷудот болотар мегузорад, зеро худи сиришти одамиро «ҳомили» амонате медонад, ки Худованд дар сиришташ гузоштааст. Ин чунин маъно дорад, ки инсон дар халқи худ **дорои рисолат ва вазифаи хос** мебошад, аз ин рӯ, хасоиси халқи ӯро аз халқи дигар офаридаҳои Худованд бояд фарқ кард, яъне чӣ фарқу тафовуте миёни халқи «инсон» ва дигар ашёи олами моддӣ вуҷуд дорад.

Иқбол андешаашро идома дода, қайд мекунад, ки «Шак нест, ки **вазифаи вай** оғозе дошта, вале **шояд сарнавишти ӯ** он бошад, ки дар **сохтмони ҳастӣ унсури ҷовидонӣ** шавад» [1]. Аммо ҳадафи Аллома бо овардани ин суханҳо чист? Сухан дар бораи кадом **«вазифа»** меравад? Маънои **«Дар сохтмони ҳастӣ унсури ҷовидонӣ шудан»** чист ва чаро: «**шояд!!!**»? Дар назари аввал чунин менамояд, ки андешаҳои аллома қатъшуда ва то ба охир нарасонида шудаанд. Чаро ӯ дар парда сухан мегӯяд? Магар маснавиҳои ӯ кифоя набуданд, ки ҳама дар пардаи асрор шарҳу тавзеҳ меёфт? Вале ин ҷо иқтибосҳои зикршуда аз китоби «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» оварда шудаанд, ки он асари насрист. Суолҳое, ки ба зеҳн меояд, зиёд аст, вале ҳоло чӣ кор бояд кард?

Иқбол боз ба Қуръон рӯй меоварад, ки дар асоси оятҳои 36-40 сураи «Қиёмат» таъкид мекунад, ки инсон **«чунин напиндорад, ки ӯро беҳосил раҳо мекунем»** Поинтар Иқбол андешаашро хеле равшану возеҳ баён намудааст, ки моро аз «муаммои сарбаста» раҳо месозад. Ӯ менависад: «Ҳангоме ки одамӣ маҷзуби неруҳое мешавад, ки вайро иҳота кардаанд, **қудрати онро дорад, ки ба ин неруҳо шакл диҳад ва онҳоро роҳбарӣ кунад;** ҳар вақт ки он неруҳо садди роҳи вай шаванд, **қобилияти онро дорад, ки ҷаҳони васеътаре дар жарфнои вуҷуди дарунии хеш бисозад ва дар ин ҷаҳон сарчашмаҳои шодӣ ва илҳоми бепоёнро иктишоф кунад.** Сарнавиште сахт ва вуҷуде ҳамчу барги гул заифу зудшикан дорад, **вале ҳеҷ шакле аз воқеият ба андозаи нафси одамӣ неруманд ва илҳомбахш ва зебо нест!** Ва чунон аст, ки ба таъбири Қуръон, **одамӣ дар самими вуҷуди хеш фаъолияте халлоқ ва рӯҳе тасоудталаб (баландгаро) аст, ки дар сайр ба тарафи боло аз як ҳолат вуҷуди таолӣ пайдо мекунад ва ба ҳолати дигар мерасад**» [1].

Хулосаи мо аз иқтибоси болоӣ тақрибан чунин аст: Қисмати одамӣ, ба андешаи Иқбол, ин аст, ки дар жарфтарин баландпарвозиҳои ҷаҳони атрофи хеш ширкат ҷӯяд; ба сарнавишти хеш шакл диҳад ва ин корро гоҳ бо ҳамсоз кардани худ бо неруҳои табиат ва гоҳ аз тариқи ба кор андохтани ҳама нерумандии хеш барои ба қолиб рехтани табиат бино бар ҳадаф ва ғаразе, ки худ дорад, ба анҷом бирасонад. Ва дар фароянди тағйири тадриҷӣ Худо ёру мададгори одамӣ хоҳад буд, ба шарти ин ки аз ҷониби худи ӯ иқдоме бишавад: **«Худо авзоъ ва аҳволи мардумро тағйир намедиҳад, магар он ки худи эшон он чиро, ки дар худ доранд, тағйир дода бошанд».**

Агар нуктаҳои асосиеро, ки дар боло зикр намудем, ба тартиб мавриди андеша қарор диҳем, мазмуни умумии онро тахминан дар чунин шакл метавонем тасаввур намоем: ҳар инсон вазифадор аст, ки бо ҷомеа буда дар равандҳои ҳаётии он фаъолона ширкат намояд. Сарнавишти худашро ба даст гирад: ё аз роҳи мутобиқ сохтани худ ба неруҳои табиат ё аз роҳи истифодаи неруҳои зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, дунболаи иҷрои ҳадафҳои хеш буда, худаш ташаббускор бошад. **Яъне, иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа, мақсаднокӣ ва саъю талош барои амалӣ намудани ҳадафҳои пешгузошта,** нуктаҳои маркази фалсафаи Иқбол мебошанд.

Қабл аз он ки андешаи Иқболро дар ин масъалаи мавриди баҳс дунболагирӣ намоем, ба хотир овардани сайри камолоти «худӣ», ки аллома онро аз се марҳалаи камол: итоат, забти нафс ва ниёбати илоҳӣ иборат медонист ва онҳо дар «асрори худӣ» шарҳ ёфтаанд, ба манфиати кор аст. Ба тафсили марҳилаҳои камолёбӣ ва ташаккулёбии «худӣ» напардохта, ин ҷо, ҳамин нуктаро бояд хотиррасон кард, ки аллома рисолати заминии инсонро, ҳамчунон ки зикр шуд, «амонат» номида буд, маҳз дар иҷрои нақши «ноибии инсон аз Худованд дар корҳои заминӣ» шарҳу баён намудааст. Ин суханро дар он маънӣ метавон шарҳу тавзеҳ дод, ки рисолати инсон дар замин анҷом додан ва ё идома додани халлоқият ва созандагии Худованд аст, яъне Худо такмили амали халлоқиятро ба дасти инсон супоридааст ва ё бовар кардааст. Аз ин мебарояд, ки рисолати инсон дар анҷом додани «ниёбати илоҳист», яъне «инсон» вазифадор шудааст, ки онро анҷом диҳад, пас хулосаи муҳокимаҳои болоӣ чунин аст, ки инсон дар халлоқият ва созандагӣ «ноиби Худованд»(ҷойнишини Худованд) аст.

Дар ҳақиқат ҳам, ин андешаи Иқбол, андешаи инқилобиест, ки дархури тақозои давру замони нав аст, яъне ӯ саъй намудааст, ки аз ин роҳ тамоми тасаввуроти анъанавии таолими зиёди каломӣ, сӯфиёна ва фалсафиро, ки инсонро як бозичаи дасти тақдир, побанди қазову қадар, беҳаракативу навмедиҳо, ҳаловату оромиши сӯфиёнаи таолими бақо ва фано намуда, он қадар ҷуръату неруи халлоқи ӯро паст задаанд, ки ӯ дигар на ба неруи халлоқона умед баста метавонаду на аз касе интизори беҳтар намудани вазъи зиндагии пасту поини худ мебошад. Фоҷиаи мардуми Машриқзаминро ӯ дар он дидааст, ки тамоми таолими сӯфиёнаву каломӣ ва фалсафии пешин баҳри он талош намудаанд, ки неруи халлоқона ва созандаи инсонро маҳв, нобуд, хомӯш ва ё ҳадди ақал сард гардонад.

Илова бар ин, ба онҳо зиёда аз 500 сол талқин шудааст, ки дар зиндагии худ кореро анҷом дода наметавонанд ва дар самти тағйиру табдил додани он, коре кардан наметавонанд. Аз ин рӯ, Иқбол тамоми кудрату неруи худро баҳри он равона кардааст, ки инсони шарқиро аз ин «хоби гарон»-и сунъӣ бедор намояд.

Тибқи андешаи Иқбол инкор кардани шахсияти инсон, бузургтарин ҷурмест, ки инсони шарқиро шоирону сӯфиён ва махсусан пайравони шарқии навафлотуния тӯли садсолаҳо ба сӯйи он тела додаанд. Илова бар ин, аллома Афлотунро ба он гунаҳкор кардааст, ки дар тасаввуф ва адабиёти ақвоми исломия таъсири бузург гузоштааст ва маслаки ӯро «маслаки гӯсфандӣ» номида, аз он дурӣ карданро зарур донистааст [2]. Ба хотири ҳамин рисолат Иқбол ҷанги беамонеро алайҳи тасаввуроти нодурусти шарҳу баёни мақому нақш ва рисолати инсон эълон намуда, то лаҳзаҳои вопасини зиндагӣ ҳамчун мубаризи «озоди»-и инсон чи дар соҳаи сиёсӣ ва чи дар соҳаи маънавиёт ба идеалҳои ҳаётии худ содиқу вафодор боқӣ мондааст.

Иқбол дар роҳи пайдо кардани сабабу иллатҳои ақибмонии мардуми Шарқ дар олами андеша ғарқ гашта, онҳоро яке паси дигар ошкор мекард. Яке аз иллатҳои асосии чунин вазъи ногуворро Иқбол дар интишор ёфтани фалсафаи Юнон ва бахусус интишори шакли таҳрифёфтаи ғояҳои навафлотунӣ, ки асоси тасаввуфро ташкил медоданд, эҳсос намуда, дар дебочаи «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» ҳадафи хешро ошкоро навиштааст: «…саъй кардам, ки бо таваҷҷуҳ ба суннати фалсафии ислом ва дар назар гирифтани тараққиёти ахири риштаҳои ҷадиди илм ва маърифат, фалсафаи дини исломро эҳё ва навсозӣ кунам» [1]. Ҳамин тавр, ӯ ба муқобили фалсафаи Юнон мебароияд, вале дар зеҳн саволе тавлид меёбад, ки чаро? Наход, ки Иқбол ин қадар бераҳму сангиндил бошад, ки нақш ва мақоми онро дар тамаддуни ҷаҳонӣ эҳсос накарда бошад? Шумораи ин «находҳо…»-ро метавон идома дод. Посухи «чаро»-ро дар китоби Иқбол бояд пайдо кард, то аз ин силсилаи беохири «находҳо…» раҳоӣ ёбем.

Дар хитобаи «Маърифат ва таҷрибаи динӣ» аллома сари ин масъала ошкоро гуфтааст: «Чунонки ҳамагон медонем, фалсафаи юнонӣ неруи фарҳангии бузурге дар таърихи ислом будааст. Вале таҳқиқи дақиқ дар Қуръон ва мактибҳи каломи мадрасӣ, ки ба илҳоми андешаи юнонӣ тулӯъ кард, ин воқеияти қобили таваҷҷуҳро ошкор месозад, ки дар айни он ки фалсафаи юнонӣ ба доманаи диди мутафаккирони исломӣ вусъат бахшид, ба таври куллӣ биниши инсонро дар бораи Қуръон дучори торикӣ кард» [1]. Ба шарҳу тафсили масъалаҳои ҷузъӣ напардохта, бояд қайд кард, ки то замони Иқбол касе чунин ҷуръатеро накарда, ки фалсафаи Юнонро чунин танқид карда бошад.Хулосаи Иқбол аз таъсири фалсафаи юнонӣ ниҳоят фоҷианок аст: «Дар зарфи муддати понсад соли ахир фикри динӣ дар ислом амалан дар ҳолати рукуд (шахшуда, беҷон, беҳаракат) қарор доштааст» [1].

Бе шакку шубҳа, ҳадафи Иқбол аз он иборат аст, ки вазифаи инсон иштирок кардан дар ҷараёнҳои корҳои заминӣ, ба даст гирифтани сарнавишти хеш ва олам бо роҳи ҳамсоз кардани худ бо неруҳои табиат; мутамарказ гардонидани қувваҳои ботинӣ ва истифодаи тамоми неруҳои хеш барои расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошта; Дар раванди ин тағйирёбиҳо инсон ба марҳалае хоҳад расид, ки неруи халлоқият ва эҷодкории ӯ комилан бедор мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки инсон ба иҷрои рисолати худ «ниёбати илоҳӣ» - ҷойнишинии Худованд дар замин оғоз мекунад. Ба қавли дигар, Иқбол инсонро дар дуроҳае қарор медиҳад, ки интихоби он бевосита аз худи ӯ вобаста мебошад.

Иқбол ба таври ошкору возеҳ гуфтааст, ки «агар аз тарафи ӯ (яъне инсон – З.И.) **иқдом нашавад** ва **сарвати дарунии хешро ошкор насозад** ва **фишори рӯ ба дохилро, ки зиндагии дар ҳоли пешрафт ворид меоварад, эҳсос накунад**, он гоҳ **рӯҳе, ки дар даруни ӯст, чун санг сахт мешавад ва худ ба сурати моддаи беҷоне дармеояд**. Вале зиндагии ӯ ва ҳаракати рӯ ба пеши нафси ӯ баста ба ин аст, ки бо воқеияте, ки рӯ ба рӯйи ӯст, иртибот барқарор созад. Ва он чи ин иртиботро барқарор мекунад, маърифат аст ва маърифат ҳамон идроки ҳиссӣ аст, ки ба василаи фаҳм ҳолати камол ва пухтагӣ пайдо карда бошад» [1].

Фикр дорам аз ин возеҳтар баён кардани калом, аслан номумкин аст, вале ба хотири содатар намудани фаҳму дарки фалсафаи Иқбол барои хонандагон, мо сари чанд нуктаҳои Иқбол таваққуф хоҳем кард. Хулоса, агар **«инсон иқдом накунад»** ва **«сарвати дарунии худро ошкор насозад»** ва **«фишору набзи зиндагиро эҳсос накунад»** рӯҳи инсон дар вуҷудаш «ба мисли санг сахт ва ба мисли чизи беҷон дармеояд»! Иқбол ҳамчунин нуктаи муҳимеро илова менамояд, ки «зиндагӣ» ва «ҳаракати рӯ ба пеши нафси» инсон бевосита аз робитаи ӯ бо «воқеият»-ест, ки бо инсон рӯ ба рӯ аст! Ин чунин маъно дорад, ки ҳам «зиндагӣ» ва ҳам «камолот»-и инсон аз «воқеият» вобастагии комил дорад, яъне то замоне ки онҳо (яъне, зиндагӣ ва камолот) бо воқеият рӯ ба рӯ нашаванд, ҳар ду ба камолоти худ нахоҳанд расид. Ва ин иртиботро маърифат, яъне идроки ҳиссӣ, таъмин менамояд.

Аллома тӯли умр чи дар осори назмӣ ва чӣ дар осори насрӣ андешаҳои худро дар бораи инсон ва мақому манзалати он дар олам иброз намудааст. Равиши баҳси мо танҳо ба он хотир чунин интихоб гардид, ки дар шарҳу баёни шоиронаи Иқбол шояд суханпардозиҳо ва кажфаҳмиҳои субъективӣ имкони онро фароҳам оварда натавонанд, ки мо ба мақсад ва ҳадафи аслии Иқбол сарфаҳм рафта бошем, аммо аз сабаби он ки андешаҳои аллома дар китоби «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» берун аз эҳсосоти шоирона баён гардидаанд, мо маҳз ба он рӯ овардем. Акнун бо мақсади

таквияти даъвои худ оид ба устувории мавқеи андешаи Иқбол ба олами шоиронаи Иқбол рӯ хоҳем овард, то собит созем, ки нуктаҳои дар боло овардашуда дар тӯли эҷодиёти ӯ ҳамеша риоя гардидаанд. Қабл аз оғози иқтибосҳо аз ашъори Иқбол ҳамин нуктаро низ бояд тазаккур дод, ки дар назари ӯ, «доманаи парвози дин баландтар аз фалсафа» медонад, аз ин рӯ, ӯ бештар ба манбаъҳои динӣ таваҷҷуҳи бештар додааст. «Ҳикояти навҷавоне аз Марв, ки пеши ҳазрати Сайид Махдум Алии Ҳуҷвирӣ омада аз ситами аъдо фарёд кард» дар «Асрори худӣ» қариб посух ба ҳама он суолҳоест, ки дар боло зикр шудаанд:

Санг чун бар худ гумони шиша кард,
Шиша гардиду шикастан пеша кард.
Гар фано хоҳӣ зи худ озод шав,
Гар бақо хоҳӣ ба худ обод шав.

Чист мурдан? Аз худӣ ғофил шудан!
Ту чӣ пиндорӣ фироқи ҷону тан?
Дар худӣ кун сурати Юсуф мақом,
Аз асирӣ сӯйи шаҳаншоҳӣ хиром.
Аз худӣ андешу марди ор шав,
Марди ҳақ шав ҳомили асрор шав [2].

Ё ки дар «Ҳикояти Алмос ва Зуғол» омадааст:
Гуфт алмос, эй рафиқи нуктабин,
Тирахок аз пухтагӣ гардад нигин.
То ба пиромуни худ дар ҷанг шуд,
Пухта аз пайкор мисли санг шуд.
Пайкарам аз пухтагӣ зуннур шуд,
Синаам аз ҷилваҳо маъмур шуд.
Хор гаштӣ аз вуҷуди хоми хеш,
Сӯхтӣ аз нармии андоми хеш.
Фориғ аз хавфу ғаму васвос бош,
Пухта мисли санг шав, алмос бош.
Мешавад аз ду олам мустанир,
Ҳар кӣ бошад сахткӯшу сахтгир.
...Дар салобат обрӯи зиндагист,
Нотавонӣ, нокасӣ, нопухтагист [2].

Мурд чун шамъи худӣ андар вуҷуд,
Аз хаёли осмонпаймо чӣ суд?

Аз мақоми худ надорӣ огаҳӣ,
Бар зиёни хеш нозӣ, аблаҳӣ.

Зиндагӣ бар ҷойи худ болидан аст,
Аз хиёбони худӣ гулчидан аст.

Душманат тарсон, агар бинад туро,
Аз хиёбонат чу гул чинад туро [2].

Булбул астӣ дар чаман парвоз кун,
Нағмае бо ҳамнавоён соз кун.
В-ар уқоб астӣ таҳи дарё мазӣ,
Ҷуз ба хилватхонаи саҳро мазӣ.
Кавкабӣ? Метоб бар гардуни хеш,
По манеҳ берун зи перомуни хеш.
Қатраи обе гар аз найсон барӣ,
Дар фазои бӯстонаш парварӣ [2].

Ғунчаӣ? Аз худ чаман таъбир кун,
Шабнамӣ? Хуршедро тасхир кун.
Аз ту меояд агар кори шигарф,
Аз дами гармӣ гудоз ин ширбарф.
Хезу во кун дидаи махмурро,
Дун махон ин олами маҷбурро,
Ғояташ тавсеи зоти муслим аст,
Имтиҳони мумкиноти муслим аст.
Мезанад шамшери даврон бар танат,
То бубинӣ ҳаст хун андар танат.
Синаро аз санг зӯри хеш кун,
Имтиҳони устухони хеш кун.
Ҳақ ҷаҳонро қисмати некон шумурд,
Ҷилвааш бо дидаи муъмин супурд.
Корвонро раҳгузар аст ин ҷаҳон,

Накди муъминро иёр аст ин ҷаҳон [2].

Пушти по зан тахти Кайковусро,
Сар бидеҳ аз каф мадеҳ номусро!

Ҳамчунон ки аз иқтибосҳои болоӣ дида мешавад, мавқеи Иқбол дар ҳалли масъалаи табиат ва моҳияти инсон бо эътирофи он ки инсон аз ду мабдаи асосӣ: ҷисм ва рӯҳ иборат мебошад ва тавассути афзалият додан ба неруҳо ва истеъдодҳои беохири ботинии инсон тарҳрезӣ шудааст. Аллома муътақид аст, ки бо роҳи дуруст истифода бурдани он неруҳои ботинӣ, ки дар инсон дар шакли «билқувва» қарор доранд, танҳо саъю талошҳое лозим аст, ки онҳо ба ҳолати «билфеъл» гузарад. Маҳз дар ҳамин гузариш инсон қодир аст ба иҷрои бевоситаи «ниёбати илоҳӣ» оғоз намояд.


**АДАБИЁТ**

1. Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом / Муҳаммад Иқбол. -Душанбе, 2008. –С.28.
2. Иқболи Лоҳурӣ. Асрор ва рамуз / Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. -Теҳрон, 1369. –С.28, 19, 23,30, 29.



**УЧЕНИЕ ИКБАЛА О ПРИОРОДЕ И СУШНОСТИ ЧЕЛОВЕКА**

Автор в данной статье показывает учение Икбала о природе и сущности человека. Мусульманский поэт-философ Мухаммад Икбал занимает особое место в истории современной исламской философии. С одной стороны, он является представителем реформаторского движения в исламе, в частности, его возрожденческого ответвления. Человек в исламе является исполнителем божественной воли на Земле.



**Ключевое слово:** человек, природа, сущность, личность,



**THE TEACHING OF IQBAL ABOUT HUMAN NATURE AND ESSENCE**

The author tries to show the teaching of Iqbal about human nature and essence. The Muslim poet and philosophy Muhammad Iqbal have special place in the history of modern Muslim philosophy. From the one side he is a representative reform movement in Islam. By his consideration human Man in Islam is the executor of the divine will on earth.



**Key words:** man, personality, essence, nature



**Сведения об авторе:** ***З.И.Зиёева*** – соискатель Института философии, политологии и права АН РТ


# ЗАХИРАҲОИ ОБИ ТОҶИКИСТОН: ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ ОН


***М. С.Сафоева***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Об радифи ҷудонашавандаи инсон дар тамоми ҳаёт аз рӯзи пайдоиш то рӯзи вопасинаш мебошад. Имрӯзҳо соҳае ба чашм намерасад, ки инсон дар он аз об истифода набарад. Ягон соҳаи саноат ва кишоварзиро дучор омадан мушкил аст, ки дар он об ҳамчун омили истеҳсолот, истифода нашавад. Ҳанӯз дар соли 1980 О. Александрович дар китоби худ «Слово о воде» чунин қайд намудааст: «Об барои инсон нисбат ба нафт, газ, оҳан, ангишт, бойигарии табиии арзишмандтар мебошад, чунки об ивазнашаванда аст». Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ягон шарти стандартии рушди энергетика маҳдуд нест ва ҳар кадом кишвар онро бо таври худ инкишоф медиҳад, яъне яке истеҳсоли энергияи обии барқӣ, дигаре ба атом ва ғайра такя мекунад.

Бояд қайд намуд, ки ду намуди истифодабарии обро фарқ мекунанд: обистеъмолкунанда ва обистифодабаранда. Истифодабарандаи об онро аз манбаъҳои об (дарёҳо, кӯлҳо) намегирад, бинобар ҳамин, ин манбаъҳо камоб намешаванд. Об дар соҳаи гидроэнергетика дар неругоҳҳои обӣ-барқӣ аслан бе талафот истифода мешавад. Зиёда аз 70% -и оби дар ҷаҳон истифодашаванда барои обёрии заминҳо сарф мешавад. Захираҳои обҳои нӯшокии дар замин буда 2,5%-и миқдори умумии обҳои табииро ташкил медиҳанд [1; 143].

Дар Осиёи Марказӣ тибқи низомномаи ягона оид ба тақсими об миёни Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон, ки ҳанӯз аз давраҳои Шӯравӣ ба тартиб дароварда шуда буд, 48% захираҳои оби Осиёи Марказӣ ба Ӯзбекистон ва Туркманистон дода мешуд. Зеро ин кишварҳо заминҳои бештареро дар водиҳо доро буданд. Ба Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки соҳиби асосии захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ буд, танҳо 15,5% захираҳои обӣ рост меомад.

Бештар аз 60% захираҳои обии Осиёи Марказӣ аз пиряххо ва обҳои зеризаминии Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Вале ба ин нигоҳ накарда, кишвар аз лиҳози таъмини хоҷагии қишлоқ ва аҳолӣ бо об танқисӣ мекашад [2; 67]. Бехатарии озуқаворӣ дар мамлакат бо бехатарии оби нӯшокӣ зич пайваста аст, зеро об на танҳо унсури асосии маводи хӯрока, балки манбаи ҳаёт, сарчашмаи зиндагӣ дар ҳамаи замонҳо буд ва боқӣ мемонад. Барои таъмини талаботҳои асосии ҳар як инсон дар як шабонарӯз камаш 20 литр об лозим аст. Тавре ки дар конфронси илмию амалии «Стратегияи истифодабарии захираҳои обию энергетикии Тоҷикистон» зикр гардид,

сифати оби нӯшокӣ барои таъмини саломатии аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ мебошад. Дар бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадани бемориҳои вазнини сироятии меъдаю рӯда маҳз ба сифати об вобастагӣ дорад. Дар конфронс қайд карда шуд, ки зиёда аз 40% обе, ки соли 2002 аз 390 манбаъ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон барои озмоиш ҷамъ оварда шуда буданд, аз рӯйи натиҷаҳои санҷишҳои санитарию бактериологияшон барои ошомидан номувофиқ буданд [3; 97].

Аз ин рӯ, ҳифзи об аз ифлосшавӣ, таъмини бехатарии об яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҳифзи табиат ва сарватҳои миллии кишвар мебошад. Дар қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна солона 51,2 млрд м3 об мегузарад, аз ҷумла аз дарёи Аму 50,5 млрд м3, дарёи Сир – 0,7 млрд м3. Аз ҳаҷми умумии оби дар қаламрави кишвар тавлидшаванда 20% -аш дар дохили мамлакат истифода шавад, 80% берун аз қаламрави мамлакат ба давлатҳои ҳамсоя меравад. Дар ҳудуди Тоҷикистон 947 дарёи дарозиашон аз даҳ км боло мавҷуд буда, ҳамаи онҳо кӯҳиянд. Дарозии умумии ин дарёҳо 30 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Дар давоми як сол аз дарёҳои Тоҷикистон 64 млрд метри мукааб об ҷорӣ мешавад, аз ҷумла ба воситаи дарёи Аму наздик 53 млрд м3 [4; 5].

Дар ҳудуди Тоҷикистон 8492 пирях мавҷуд аст, ки масоҳаташ 8476,2 км2 ё ин ки 6% масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Пиряххо дар худ 400 млрд м3 об дошта, ҳиссаи оби аз пиряххо ҳосилшуда 10-12% мебошанд. Ба пиряхи Федченко наздик 100 пирях дохил мешавад, ки 26 – тояш шохобҳои пиряхи Федченко мебошад. Пиряхи Федченко калонтарин пиряхи ҷаҳон буда, дар китоби «Рекорди замин» сабт шудааст.

Теъдоди умумии кӯлҳои Тоҷикистон: 1300 адад буда, 43,3 км3 (ё ин ки 43,3 млрд м3) об доранд. Кӯли калонтарин Қарокӯл мебошад, ки дар обанбораш 26,6 млрд м3 об дорад. Кӯлҳои ширинoби) Тоҷикистон: Сарез – масоҳаташ 88 км2, ҳаҷми обаш 17 млрд м3, Зӯркӯл – масоҳаташ 39 км2, Яшилкӯл – 35,6 км2, ҳаҷми обаш 0,45 млрд м3, Искандаркӯл масоҳаташ 3,4 км2. буда, ҳаҷми обаш 0,25 млрд м3 –ро ташкил медиҳад мебошанд. Ғайр аз ин обанборҳо мавҷуданд, ки теъдоди онҳо наздик 200 адад мебошад. Ҳаҷми обҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ақидаи олимон ба 18,7 млрд м3 баробар мебошад. Аз ин миқдор қисме ба тариқи чоҳканӣ ба мақсадҳои нӯшокӣ ва эҳтиёҷоти маишию техникӣ ба қадри 2,8 млрд м3 ҳоло истифода мешавад. Шумораи чашмаҳои шифобахш ва обҳои минералӣ дар кишвар 150 адад мебошад [5; 15].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои об нисбатан бой аст. Чи хеле ки маълум аст, зиёда аз 50 %-и ҳаҷми солонаи сарчашмагирии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Тоҷикистон рост омада, ин захираҳо бо пиряххо, ки 8 %-и ҳудуди ҷумҳуриро фаро гирифтаанд, захираҳои калони обҳои нӯшокиро ташкил медиҳанд (дар маҷмӯъ 845 млрд м3). Нишондиҳандаҳои ҷадвали поёнӣ аз захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал гувоҳӣ медиҳад (нигаред ба нишондиҳандаҳои ҷадв.1)

**Ҷадвали 1.Захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал (ҲБА)**

| Ҷумҳуриҳо | Ҳавзаи Аму-дарё (км3/сол) | Ҳавзаи Сир-дарё (км3/сол) | Ҳамагӣ дар ҲБА | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км3/сол | бо % |
| Қазоқистон | - | 4,5 | 4,5 | 3,9 |
| Қирғизистон | 1,9 | 27,4 | 29,3 | 25,3 |
| Тоҷикистон | 62,9 | 1,1 | 64,0 | 55,4 |
| Туркманистон (якҷоягӣ бо Эрон) | 2,78 | - | 2,78 | 2,4 |
| Узбекистон | 4,7 | 4,14 | 8,84 | 7,6 |
| Афғонистон | 6,18 | - | 6,18 | 5,4 |
| Ҳамагӣ | 78,46 | 37,14 | 115,6 | 100 |

Нишондиҳандаҳои ҷадвали №1 гувоҳӣ медиҳанд, ки 55,4 %, ё ин ки 64,0 км3 захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар миқёси давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои об дар миқёси ИДМ баъди Россия ҷойи дуюм ва аз ҳисоби сифати обҳои ширин дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд [6; 45]. Масъалаи оби тоза ва мушкилоти вобаста ба он аз зумраи он масоили мубраме мебошад, ки вобаста ба аҳамияти гуногунпаҳлӯи худ дар ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мадди назари доимии сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо назардошти маҷмӯи масъалаҳо, ки тайи чанд соли охир дар иртибот ба коҳиши захираҳои обӣ, афзоиши истеъмоли он, тағйироти иқлим, дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мушоҳида мегарданд, ки сарвари Тоҷикистон кӯшиш менамояд таваҷҷуҳи ҷомеаи

ҷаҳониро ҷиҳати ҳалли саривақтии онҳо ҷалб созад. Қобили тазаккур аст, ки ин ибтикорҳо дар доираи созмонҳо ва ҳамоишҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ ҳамовозии самимона пайдо намудаанд. Хусусан аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани қатъномаҳо оид ба эълони «Соли байналмилалии оби тоза» соли 2003, «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013» аз таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва истиқболи комили ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббусҳои Сарвари Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар ҳақиқат масъалаи норасоии об алҳол барои аксари минтақаҳои сайёра, алалхусус барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ба масъалаи мубрамтарин табдил ёфтааст. Дар баробари ин, масъалаи мазкур барои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ торафт аҳамияти доғ пайдо менамояд. Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2009 дар форуми панҷуми байналмилалии об муаррифӣ шуда буд, истеъмоли оби тоза дар давоми 50 соли охир 3 баробар зиёд шудааст. Дар минтақаҳои васеи ҷаҳони рушдёбанда то ҳол ба оби нӯшокии безарар дастрасии нобаробар боқӣ монда, имкониятҳои технологии поксозии об барои истеҳсоли маҳсулоти озуқа, инчунин коркарди оби истифодашуда маҳдуд мебошанд. Дар сурати наандешидани тадбирҳои фаврӣ қариб 5 млрд одам, ки тахминан 67 % аҳолии сайёраро ташкил медиҳанд, аллакай то соли 2030 аз оби тоза маҳрум хоҳанд шуд.

Мувофиқи маълумоти Институти захираҳои ҷаҳонӣ (World Resources Institute) захираҳои солонаи оби тоза дар Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ 293 млрд м3 ва ба сари ҳар як нафар аҳолӣ 6100 м3 ташкил медиҳад. Ҳаҷми миёнаи истифодаи оби тоза ба сари ҳар як нафар аҳолӣ аз 2000 м3 дар Тоҷикистон то 4900 м3 дар Туркманистонро ташкил медиҳад. Зимни ин, тибқи маълумотҳои омории солонаи кишварҳои минтақа ин нишондод дар Тоҷикистон–1,96ҳаз.м3, Қазоқистон-2,35ҳаз.м3, Қирғизистон-2,38ҳаз.м3, Ўзбекистон-3,42ҳаз.м3 ва Туркманистон-4900 ҳаз. м3 -ро ташкил медиҳанд [7].

Тибқи ҳисобҳои Институти захираҳои ҷаҳонӣ норасоии об дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки истифодаи он ба сари аҳолӣ камтар аз 1700 метри мукааб бошад. Сабаби асосии норасоии об дар Осиёи Марказӣ ба он вобаста аст, ки кишварҳои поёноб 70 % захираҳои обии мавҷударо асосан барои талаботи соҳаи кишоварзӣ истифода мебаранд. Қайд кардан зарур аст, ки истеъмоли асосии об дар минтақа ба Ўзбекистон (59200 млн. м3 /сол), ки он дар маҷмӯъ ба истеъмоли муштараки Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон (68930млн.м3/сол) баробар аст. Ўзбекистон 88,5% ҳаҷми обро барои талаботи соҳаи кишоварзӣ сарф месозад. Талаботи иқтисодии истифодаи ноқилонаи захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ тибқи маълумоти Барномаи рушди СММ (ПРООН) ҳамасола 1,7 миллиард доллари америкоиро ташкил медиҳад. Чи тавре, ки маълум аст, яке аз масъалаҳои доғ дар минтақа масъалаи хушкшавии баҳри Арал мебошад. Вале масъалаи мазкур низ пеш аз ҳама, натиҷаи азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва исрофи об дар ин соҳа мебошад. Зиёд гардидани теъдоди аҳолӣ низ ба кам шудани вуруди об ба баҳри Арал мусоидат намудааст. Теъдоди аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки соли 1956 тақрибан 20 миллион нафарро ташкил медод, имрӯз ба 63 миллион нафар расидааст.

Дар чунин шароит танзими истифодаи захираҳои об дар сатҳи байнидавлатӣ, бешубҳа, ҳамчун василаи асосии ҳалли масъалаҳои зикршуда дар минтақа мебошад. Вале кӯшишҳои кишварҳои болооб ҷиҳати дар минтақа таъсис додани консорсиуми обӣ-энергетикӣ, ки метавонад ба ҳамкории иқтисодии минтақавӣ замина гузошта, ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ мусоидат намояд, бар асари мавқеи ғайриконструктивии баъзе кишварҳои поёноб то ҳол ба натиҷаи мусбат нарасидааст.

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки дар он захираҳои об нисбатан фаровонанд. Ҳар сол дар қаламрави он 64 млрд м3 оби равон ташаккул меёбад, ки қариб 60 % -захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Аз чунин ҳаҷми бузурги об камтар аз 10% он барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ сарф шуда, ҳаҷми боқимондаи он ба кишварҳои поёноб ҷорӣ мегардад. Бо вуҷуди захираҳои фаровони об таъмини як қатор ноҳияҳои мамлакат бо оби тоза ба масъалаи душвор табдил ёфтааст ва беш аз 40 % аҳолии Тоҷикистон ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасии маҳдуд доранд. Ҷумҳурӣ айни ҳол аз рӯйи нишондиҳандаҳои қиёсии замини кишт ва истифодаи об ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойи охиринро ишғол менамояд.Аз ҳамин лиҳоз, ҳалли масъалаҳои марбут ба об чун ҷузъи ҷудонашавандаи Барномаи миллии стратегияи рушд ва Барномаи стратегияи кам кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шудаанд [8; 207].

Соли 2013 ҷомеаи байналмилалӣ, бино бар қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ 65/154, ки муаллифаш кишвари мост, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро қайд намуд. Маросими оғози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар

қароргоҳи ЮНЕСКО дар Париж 11 феврали соли 2013 баргузор гардид, ки дар он Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуд.

Илова бар ин, соли 2013 ва боз бо ташаббуси Тоҷикистон Маҷмаи Умумии СММ дар иҷлосияи 67-уми худ дар чаҳорчӯбаи банди 20-уми рӯзнома («Рушди устувор») қатъномаеро (67/204) таҳти унвони "Татбиқи Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об" бо иттифоқи оро қабул намуд. Дар маҷмӯъ 48 кишвар, ки минтақаҳои гуногуни ҷаҳонро намояндагӣ мекунанд (Австралия, Арманистон, Афғонистон, Африқои Ҷанубӣ, Баҳрайн, Бангладеш, Беларус, Бенин, Ветнам, Гайана, Гурҷистон, Ҷумҳурии Доминикан, Ироқ, Қазоқистон, Қирғизистон, Коста-Рика, Ҷумҳурии Корея, Кувайт, Люксембург, Маврикий, Мағриб, Маҷористон, Мексика, Молдова, Монтенегро, Муғулистон, Науру, Непал, Покистон, Папуа-Гвинеяи Нав, Федератсияи Русия, Сербия, Суринам, Таиланд, Тимор-Лешти, Туркманистон, Украина, Фиҷи, Финляндия, Ҳиндустон, Чин, Ҳондурас, Шри-Ланка, Эритрея, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ямайка ва Япония), ба рӯйхати бониёни қатъномаи мо пайваст шуданд.

Баргузоркунандагони Конфронси Душанбе Ҳукумати Тоҷикистон ва СММ буд. Ҳадафи баргузории Конфронси Душанбе мусоидат ба беҳбуди ҳамкорӣ дар соҳаи об, аз ҷумла ҳамкории фаромарзӣ, аз тариқи таблиғи таҷрибаҳои беҳтарин, иштироки ҳамаи тарафҳои манфиатдор, ташвиқ ба ҳамкорӣ дар соҳаи об дар тамоми сатҳҳо барои мусоидат ба ноил шудан ба ҳадафҳое, ки дар сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи об ҳамоҳанг шудаанд, мебошад. Конфронси мазкур имкон дод, ки раванди татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (2005-2015) дар мавриди захираҳои обӣ ва тавсияҳову пешниҳодҳо бобати тарҳрезии Ҳадафҳои рушди устувор (SDGs) барои давраи рушди пас аз соли 2015 муҳокима ва баррасӣ гарданд [9; 88].

Сарфакорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об солҳои охир барои бақои ҳаёти инсоният аҳамияти ҷиддӣ пайдо менамояд. Бисёр мамлакатҳо ва минтақаҳои калонтарини сайёра имрӯзҳо гирифтори камобию обхезӣ гардидаанд, ки зарари онҳо сол то сол афзунтар мегардад. Маълум аст, ки захираҳои табиии об хеле маҳдуданд. Дар баробари ин, об на танҳо асоси мавҷудиёти ҳаёт дар сайёра мебошад, балки ҷузъи муҳимтарини фаъолияти истеҳсолии инсониятро ташкил медиҳад. Имрӯз нарасидани оби тоза аз бисёр ҷиҳат натиҷаи фаъолияти ғайриоқилонаи инсоният аст. Дар ин робита муқаррар намудани нақшаҳои самарабахши стратегияи истифодаи об дар миқёси ҷаҳон, қитъаҳои алоҳида, минтақаҳо ва мамлакатҳо бо мақсади муддати тӯлонӣ ҳифз намудани захираҳои оби тоза дар сайёра аҳамияти ҳаётан муҳим дорад.

Бояд гуфт, ки маҷрои бештар аз нисфи тамоми захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар мамлакати мо ташаккул меёбад ва ин барои таъмини мавҷудияти ҳаёти зинда ва тараққиёти муттасили иқтисодиёти на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақа аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ба ақидаи мо муваффақ шудан ба рушди устувор дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ вазифаи аввалиндараҷа аст ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳад, то барои ҳалли ин масъала дар асри XX1 тадбирҳои ҷиддӣ ва муассир андешида шаванд. Кишвари мо, ҳарчанд ки дар саргаҳи ташаккулёбии захираҳои оби тоза қарор дорад ва соҳиби беш аз 60 % захираҳои оби Осиёи Марказӣ аст, аз масъалаи глобалии танқисии оби тоза худро канор гирифта наметавонад. Зеро, бо вуҷуди доштани сарчашма ва манбаъҳои бузурги оби тоза, мо низ бо ин проблема рӯ ба рӯ ҳастем. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои ҷиддӣ, ки Тоҷикистон дар назди худ гузоштааст, дар доираи муносибатҳои интегратсионӣ ҷалб намудани таваҷҷуҳи кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба проблемаи таъминот бо оби тоза ва ҳифзи муҳити зист, ба масъалаи захираҳои об, истифода ва танзими оқилонаи онҳо мебошад. Сабаби асосии соли байналмилалии оби тоза эълон шудани соли 2003-юм, ки ташаббускораш Тоҷикистон мебошад, ҳамин аст [10; 90]. Хуллас, дар миқёси ҷаҳон бехатарии об ва захираҳои он маънои сулҳ, пешравӣ ва суботро дар кишварҳо дорад. Амалан мо ба дараҷаи кофӣ об дорем, то ин ки бехатарӣ ва дигар масоили марбут ба таъминоти обро таъмин намоем.Вале муваффақият дар ин самт танҳо дар сурате даст медиҳад, ки мо шакл ва усулҳои маъмулии танзиму истифодабарии захираҳои оби тоза ва инкишофи онҳоро пурсамар гардонем.

**АДАБИЁТ**


1. Нуриддинов Р.Ш. Основы геополитики / Р.Ш. Нуриддинов. - Новосибирск: САУМК, 2008. -216с.
2. Нуриддинов Р.Ш. Геополитические проблемы национальной безопасности в условиях глобализации: региональная история в глобальном измерении / Р.Ш. Нуриддинов //Межрегиональная научно -практическая конференция. 28.12.2009 г. Новосибирск: Параллель. - С.148-160.
3. Устойчивое развитие и водные ресурсы. –М.: Проспект, 2005. - 207 с. (Сборник).
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар. 30 майи соли 2005 // Ҷумҳурият, 31 майи соли 2005.

5. Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ /А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. -143 с.
6. Аширбеков У. Арал: история исчезающего моря / У. Аширбеков, И. Зонн. - Душанбе: 2003. -86с.
7. [Захираи электронӣ]. http: //www.mfa.tj./
8. Эмомалӣ Раҳмон –бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон; зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Ирфон, 2012. – 272 с.
9. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. -Душанбе: Ирфон,2005.–Ҷ. 5.-560 с.
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар анҷумани сеюми ҷаҳонӣ бахшида ба проблемаҳои об. Киото (Япония), 18 марти соли 2003.
11. [Захираи электронӣ]. http: //www.khovar.tj./

**ВОДНЫЕ РЕСУРСЫ ТАДЖИКИСТАНА : ФОРМИРОВАНИЕ И ЕЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ**

Научная статья включает значение, формирование и разумное использование воды, потому что вода – это источник жизни. Поэтому основное внимание уделено вопросам разумного использования водных ресурсов Центральной Азии, особенно Таджикистан и энергетических ресурсов страны.

**Ключевые слова:** Вода, водные ресурсы, безопасность питьевой воды, экономичность и разумное использование воды.

**WATER RESOURCES OF TAJIKISTAN: FORMATION AND ITS USE**

Scientific article includes the value, the formation and the wise use of water, because the water – is the source of life. Therefore, the main attention is paid to the issues of reasonable use of water resources in Central Asia, especially Tajikistan and the country's energy resources.

**Key words:** Water, water resources, drinking water safety, efficiency and wise use of water.

**Сведения об авторе:** ***Сафоева М.С.*** - аспирантка кафедры международных отношений Таджикского национального университета. Телефон:**918-57-36-11**. E-mail: **m.safoeva.90@mail.ru**

## ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ САРВАР ВА ХУСУСИЯТҲОИ БЕВОСИТАИ ОН

***М.Ш. Сафарова***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ, омӯзишу таҳлили рафтори сарвари сиёсӣ мебошад. Хусусан дар давраи тағйиротҳои сиёсии ҷомеа, рафтори сарвар дар мустаҳкамии системаи сиёсӣ, муттаҳид намудани гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ нақши барҷаста дорад. Зеро, маҳз сарвар дар саҳнаи сиёсӣ ҳамчун инъикосгари манфиатҳои умум баромад намуда, ҳамчун ташаббускори ислоҳот муаррифӣ мегардад. Дар чунин шароит сарварон ба унсурҳои асосии системаи сиёсии ҷомеа такя намуда, роҳи инкишофи ҷомеа ва воситаҳои амалишавии ҳокимиятро муайян менамоянд.

Дар баробари ин, қабули қарору ҳалномаҳои сиёсӣ, ки сарвар дар раванди ҷараёнҳои сиёсӣ амалӣ менамояд, рафтори сиёсии ӯро нишон медиҳад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми рафтори сиёсии сарвар дар замони муосир такя ба халқ намудан мебошад. Сарвари сиёсӣ бештар манфиатҳои гурӯҳҳо, ҳизбҳо, ташкилотҳо ва давлатро ҳимоя намуда, дар ташаккули алоқаҳои иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Сарвар маҳз бо чунин рафтори худ метавонад, аҳолиро муттаҳид намуда, таҳкурсии рушду инкишофи минбаъдаи давлатро мустаҳкам намояд.

Маълум аст, ки агар шахс дар режими мушаххас сарвари сиёсӣ шавад, бояд соҳиби сифатҳое бошад, ки ба режими мазкур ҷавобгар бошанд. Агар барои системаи сиёсии Тоҷикистони солҳои 60-90 уми асри XX сарвари иҷроӣ аз боло талаб карда мешуд, ҳоло бошад, ин масъала тамоман тағйир ёфтааст. Дар айни замон аз сарвари сиёсӣ ташаббускорӣ, зиракии сиёсӣ, омодагии назариявӣ, боварикунонии мардум, мантиқи қавӣ доштан, бо рақибон қобилияти муколама доштан, маданияти баланди сиёсӣ ва ахлоқи хуб, дар ҳалли қабули масъалаҳо мустақил будан талаб карда мешавад [1, с.114].

Дар замони муосир сарвар маҳз ба воситаи рафтори боадолатонаи хеш, ҳамкорӣ бо пайравон ва ифодаи манфиатҳои онҳо дар фаъолияти худ, метавонад мавқеи хешро мустаҳкам намояд. Агар ҷомеаи демократӣ аз як ҷониб ба интихоби озодонаи сарвари сиёсӣ имконияти мусоид фароҳам орад, аз ҷониби дигар ӯро водор менамояд, ки дар фаъолияти худ рафтори боадолатона, бошуурона ва судмандро амалӣ намояд. Муҳаққиқи точик, М.У. Хидирова қайд менамояд, ки сарвари сиёсӣ ҳамчун шахсият ва ҳамчун арбоби ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷомеа нақши дутарафа мебозад: якум, маҳсули ҷомеа ба шумор меравад, дар тобеияти қувваҳои муайяни иҷтимоӣ-синфӣ қарор дорад. Дуюм, ҳамчун дигаргунсозандаи фаъоли ҷомеа, ки ба инкишоф, ё ин ки инқирози ҷомеа вобаста аст, баромад менамояд [2, с.23-24]. Воқеан сарвари сиёсӣ дар вақти муайяни таърихӣ, вобаста ба талаботи ҷомеа ба вуҷуд меояд. Ё ин ки, чуноне пештар қайд гардид, дар сохтори демократӣ аз ҷониби аҳолӣ интихоб мегардад. Вале фаъолияти ӯ метавонад боиси инкишоф ё инқирози ҷомеа гардад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки сарварони сиёсии шинохта ва қудратманд бештар дар давраи гузариш аз як система ба системаи дигар пайдо мешаванд. Масалан, бо барқарор гардидани сохтори нави сиёсӣ, дар як муддати муайян сарварони сиёсии замони шӯравӣ ба истеъфо рафтанд. Ин аз саҳнаи сиёсӣ баромадани сарварон-коммунистҳо аз ноуҳдабароии элитаи сиёсии «кӯҳна» дар

шароити нави сиёсӣ шаҳодат медиҳад. Барои мутобиқ гардидани рафтори сиёсии сарварони шӯравӣ ба замони нав вақти муайян лозим буд, вале ба миён омадани сарварони ғайрирасмӣ мавқеи онҳоро дар саҳнаи сиёсӣ маҳдуд намуд. Рафтори сарварони шӯравӣ, ки ба мафкураи ягона асос ёфта буд, натавонист сохтори навро идора намояд.

Сарварони ғайрирасмӣ – ин сарварони ҳизбу ҳаракатҳои гуногун буданд, ки ҳар як зери шиори демократия баромад намуда, манфиатҳои худро ҳимоя менамуданд. Рафтори онҳо, аслан рафтори зиддиҳокимиятӣ, тамаъкорона ва мансабпарастона буд. Бо чунин рафтори хеш мехостанд, ҳокимияти қонуниро ба даст оварда, иродаи худро дар давлат ҳукмрон намоянд. Вале таърих гувоҳ аст, ки чунин рафтор ба ҷуз низоъҳои дохилию парокандагии миллату давлат ҳеҷ минфиате намеорад.

Бояд гуфт, ки хавфи парокандагии миллат дар замони ҷанги шаҳрвандӣ сарварони сиёсиро водор намуд, ки манфиатҳои шахсиро як тараф монда, манфиатҳои умумимиллиро ҳимоя намоянд.Сохтори нави сиёсӣ сарваронеро талаб менамояд, ки қонуниятҳои системаи нави сиёсиро дарк карда тавонанд, ва дар рафтори сиёсии худ онро таҷассум карда тавонанд. Намунаи чунин сарварон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз давраи аввали фаъолияти сарварии худ дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ ва минбаъд Президенти ҷумҳурӣ, рафтори бошуурона зоҳир намуда, дар муттаҳидии аҳолии мамлакат, таъмини сулҳу ризоияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ саҳми арзанда гузошта, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол муаррифӣ намуда тавонист. Маҳз маҳорати сарварии ӯ дар давраи буҳрони сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандии байни тоҷикон аз некбинӣ, дурандешӣ, қобилияти дарки вазъияти бааамаломада ва оянд асозии вай шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, Ҷаноби олиро ҳамчун сарвари барҷаста, ки дар замони буҳрон бо рафтори шоистаи худ тавонист давлатро аз парокандагӣ нигоҳ дорад, бояд эҳтиром ва эътироф кард. Рафтори бошууронаи ӯ дар ин самт намунаи ибрати сарварӣ ва беҳтарин рафтори сиёсии муваффақиятнок аст.

Сарвари сиёсӣ ҳамчун субъекти ҳокимият, пеш аз ҳама ба сифати шахс баромад менамояд. Фаъолнокии сиёсӣ ва таъсири сиёсии шахсони алоҳида хеле гуногун аст. Пеш аз ҳама ин маънои онро дорад, ки ҷалби одамон ба сиёсат ин идора намудани худ мувофиқи хусусият ва ақидаҳои шахсӣ мебошад. Бинобар ин, яке фаъолтар дигаре ғайри фаъол, яке бошуурона дигаре бешуурона амал менамоянд.

Бояд гуфт, ки дараҷаи иштироки шахс дар сиёсат васеъ буда, онро ба чунин қисмҳо тақсим намудан мумкин аст: 1) шаҳрвандоне, ки дар ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дохиланд, аъзоёни қаторӣ; 2) кормандони ҷамъиятӣ, маҳз сиёсӣ; з) сиёсатшиносони касбӣ; 4) сарвари сиёсӣ (мафкуравӣ, расмӣ, ғайрирасмӣ). Ҳамин тавр, сарвари сиёсӣ амали фаъолонаи шахсро дар сиёсат таҷассум менамояд. Бояд қайд намуд, ки сарвари сиёсӣ дар як вақт субъект ва объекти ҷараёнҳои сиёсӣ мебошад. Субъект будани сарвар дар он ифода меёбад, ки ба хислати фавқулодаи худ ва дар натиҷаи интихоботи ихтиёрӣ ба мақсади амалӣ намудани манфиатҳои ҷомеа роҳбари ин ё он ҳаракати иҷтимоӣ мегардад. Аз ин рӯ, салоҳияти ҳокимиятӣ дорад. Ҳамзамон, сарвари сиёсӣ дар як вақт объекти сиёсат аст. Вай миқёси иҷтимоӣ ва замонавии худро дар асоси як меъёри доимоамалкунанда доро мебошад, ки таъсирнокии фаъолияти он, барои таъмин намудани талабот ва манфиатҳои ҷомеа равона гардидааст. Сарвари сиёсӣ бе дастгирӣ ва алоқаи доимӣ бо одамон маънӣ надорад. Ба ғайр аз ин, дар ҳалли ин ё он масъала вай доимо таъсир ва фишори гурӯҳҳои манфиатдорро аз сар мегузаронад ва бояд ба ҳалли пешниҳоду дархостҳои онҳо бо роҳи созиш омода бошад.

Хислатҳои шахсӣ, ки сарвар бояд дошта бошад, инҳоянд: имконияти кории бузург, дониши баланди сиёсӣ, ифодаи возеҳи шавқу рағбат ба фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, устувории принсипу ақидаҳо, қобилият ба дарки алтернатива ва ҷустуҷӯйи маҳорати бовар кунондан ва ба худ ҷалб намудани одамон, некбинӣ, диққат ба инсон.Сарвари сиёсӣ бояд дорои аломатҳои муайян бошад. Чунончи:

1. Қобилияти сарвариро нигоҳ дошта тавонистан, баъди аз мансаб озод гардидан.
2. Шуҳрат. Сарвари ҳақиқӣ бояд қобилияти оммаро ба худ ҷалб намудан дошта бошад.
3. Сарвар бояд на танҳо барномаи сиёсии худро иҷро намояд, балки роҳҳои амалишавии онро ба назар гирад.

Режими демократӣ – барои инкишофи сарварони сиёсӣ беҳтарин «шароити сиёсӣ» аст, ё ин ки барои рақобати роҳбарони сиёсӣ, инчунин назорати ҷамъиятии фаъолияти онҳо интихоби озодро пешниҳод менамояд.

Барои навъбандии сарвари сиёсӣ лозим аст меъёрҳои зеринро ба назар гирем: сифати шахсӣ, услуби махсус, шакл, усулҳои фаъолияти сарвар, мавқеъ, мартаба, ҳолати сарвар дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ; миқёси фаъолият, хусусият ва дараҷаи мураккабии вазифаҳои иҷро намудаи сарвар; параметрҳои иҷтимоӣ-сиёсии фазои ҷамъиятие, ки ин ё он сарвар фаъолият менамояд.

Яке аз аввалин навъбандиҳоро сотсиологи немис М. Вебер пешниҳод намудааст. М. Вебер онҳоро ба се навъ ҷудо менамояд: сарварии анъанавӣ, сарварии ақлгароӣ-қонунӣ, сарварии харизматикӣ [1, с.114].

1.Сарвари анъанавӣ, ба эътиқоди анъанаҳои гузаштагони худ (масалан, писари калони монарх баъди марги ӯ қонунан монарх таъйин мегардад) асос ёфтааст. Мартабаи сарвари анъанавӣ ба ақидаи М. Вебер ба одату анъанаҳои чандинсола вобаста аст. Ҳуқуқи сарвар шуданро шахсоне соҳибанд, ки аз оилаи сарвар бошанд. Яъне, падару бобоҳои ӯ дар он сарзамин ҳукмронӣ карда бошанд.

2. Сарварии ақлгароӣ-қонунӣ, сарвароне мебошанд, ки бо роҳи демократӣ интихоб шудаанд. Чунин навъи сарварӣ ба қонунияти тартиботи мавҷуда ва «шуурнокӣ»-и он асос меёбад. Дар он сарвар, мансабдор на ҳамчун шахс, балки ҳамчун вакили вазифаи муайяни давлатӣ дониста мешавад.

3. Сарвари харизматикӣ, ба қобилияти ғайриодии роҳбар, парастиши шахсияти он асос меёбад. Чунин сарвар дар назари ҷонибдорони худ шахси фавқулода, баъзан бо қувваи муъҷизакорона менамояд. Сарвари харизматикӣ ба вазифаи худ ҳамчун «аз боло эътирофшуда» назар менамояд. Барои чунин навъи сарварӣ садоқати мутаассибонаи тарафдорон ба сарвар хос аст, ҳар гуна нобоварӣ ба хислати харизматикии ӯ ҳамчун таҳқир дониста мешавад. Ин гуна сарварӣ ба ақидаи М. Вебер дар вазъияти мушкил авҷ мегирад. Аслан, сарварии харизматикӣ хусусияти муваққатӣ дошта, вобаста ба мустаҳкамии низоми сиёсӣ метавонад ё ба шакли анъанавӣ ё қонунӣ ташаккул ёбад.

Дар сиёсат сарвари харизматикӣ обрӯи худро ба воситаи сифатҳои фавқулодаи шахсӣ ба даст меоварад ва аз ҳама муҳим, замоне ки пайравон ва садоқатмандони пешво ба ин сифатҳо боварии комил дошта бошанд ва донанд, ки пешвои онҳо дорои чунин сифатҳои ғайриодӣ аст, обрӯи ӯ боз ҳам ташаккул меёбад [1, с.35].

Дар адабиёти сиёсии муосир оиди таснифоти сарварӣ якчанд нуқтаи назар вуҷуд дорад. Вобаста ба мазмун: сарвар-илҳомбахш, барномаи рафторро коркард ва пешниҳод менамояд; сарвар-иҷрокунанда, ташкилотчӣ, иҷрокунандаи барномаи пешниҳодшуда; сарваре, ки дар як вақт ҳам илҳомбахш ва ҳам монеа мебошад.

Вобаста ба услуб: авторитарӣ, демократӣ. Вобаста бо хусусияти фаъолият ҳаматарафа, яъне ҳама вақт сифати сарвариро доро мебошад; вазъиятӣ, сифати сарварро маҳз дар вазъияти муайян доро мебошад. Дар назарияи сиёсӣ одатан мафҳуми «сарвари сиёсӣ» ва «роҳбари сиёсӣ»-ро фарқ мекунанд. Ҳокимияти сарвари сиёсӣ ба мартабаи шахсӣ, нуфуз, ба дастгирии ҷомеа ё гурӯҳи иҷтимоӣ равона гардидааст. Роҳбар вазъияти ҳокимиятиро дар натиҷаи ба ин ё он вазифа таъйин гардидан соҳиб мегардад. Сарварӣ одатан ноустувор аст, он доимо исбот талаб манамояд. Роҳбарӣ бошад, устувор аст, зеро вай ба қонун, доираи ҳуқуқ ва ухдадориҳо равона гардидааст. Барои ҷомеа дар чеҳраи як шахс ифода ёфтани сарвар ва роҳбар мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҳолат боварие, ки халқ ба ӯ дорад, салоҳияти мушаххаси ҳокимиятиро илова менамояд.

Ҳаёти сиёсии ҷомеа нишон медиҳад, ки ҳокимият ҳамчун шакли асосии муносибати одамон ба ҳамаи ҷараёнҳои сиёсӣ асар намуда, қисмати ногузири фаъолияти сиёсӣ мебошад. Ҳамин тавр, фаъолияти сиёсии сарвар, навъбандиҳои он ва дигар хусусиятҳои бевоситаи он, водор менамоянд, ки барои омӯзиш ва таҳлили ин падидаи иҷтимоию сиёсӣ мақом ва нақши сарварони ҳизбу ҳаракатҳои гуногуну дигар шахсони баргузиданд ҷомеа аз мади назар дур нагарданд. Фаъолияти сиёсӣ ин пешравӣ ва расидан ба муваффақиятҳо барои дастовардҳои давлат аст.

### АДАБИЁТ


1. Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / А.Н. Маҳмадов. –Душанбе: Ирфон, 2010. –442 с.
2. Хидирова М.У. Институт лидерства в контексте трансформационного общества (на материалах Республики Таджикистан) / М.У. Хидирова. – Душанбе, 2008. – 185 с.
3. Маҳмадов А.Н. Назарияҳои сиёсии муосир / А.Н. Маҳмадов, Х.С. Қудусов. – Душанбе, 2014 –320 с.


### ПОЛИТИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ЛИДЕРА И ЕЕ СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ


В данной статье автор, рассматривая политическую деятельность лидера и ее специфических особенностей, предлагает различные анализы и суждений о типологии их политических деятельностей. Данная статья имеет важное значение для изучения и обобщения политической деятельности лидера.



**Ключевые слова:** политический лидер, лидер – вдохновитель, политическая деятельность, авторитаризм, демократия, лидер- исполнитель, традиционные лидеры, харизматические лидеры, рационально-легальные лидеры, новая политическая структура, поведение лидера.


### POLITICAL ACTIVITIES OF THE LEADER AND ITS SPECIFIC FEATURES


In this article the author considering the political activities of the leader and its specific features, offers a variety of analyzes and judgments of the typology of their political activities. This article is important for learning and generalization of political activity leader.



**Key words:** political leader, the leader - the mastermind, political activities, authoritarianism, democracy leader - performer, traditional leaders, charismatic leaders, rational-legal leaders, a new political structure, the behavior of the leader.



**Сведения об авторе:** ***Сафарова М.Ш.*** – аспирантка Таджикского национального университета.
Телефон: **+992 98 884 93 88.**

# ИСТОРИЧЕСКИЕ ТРАДИЦИИ В МЕСТНОМ САМОУПРАВЛЕНИИ

*Шарифзода Мухаммади Шариф*
**Институт философии, политологии и права АН РТ**

Задачи, которые рассматривались на конференции, подверженные исследованию и анализу, были очень важными. Так как сама жизнь доказывает, что развитие и продвижение каждого общества, сегодня зависит от способа организации жизни. Именно поэтому упорядочение традиций и обрядов для развития общества играет значительную роль.

Традиция является совокупностью материальных ценностей и духовного наследия социально-культурного общества или же отдельных групп общества, и передаётся из поколения в поколение. Обряд–это совокупность ритуальных элементов, которые устанавливают отношения между социальными группами и важными событиями культурной жизни. Торжество–празднование событий или же исторических, культурных, общественных, профессиональных, семейных дат.

К сожалению, до принятия закона Республики Таджикистан «Об упорядочении традиций, торжеств и обрядов в Республике Таджикистан» в Хатлонской области при проведении торжеств и обрядов допускались большие расходы и излишества, тратились большие деньги, что всё это отрицательно влияло на уровень жизни людей. Исходя из этого, Глава Республики, как заботливый руководитель, провёл беседу с интеллигенцией и представителями религиозных объединений, а также с передовиками страны, и единогласно пришли к выводу, что принятие закона является неизбежным выходом, освобождением народа от искусственно придуманных проблем.

Задачи сохраненияисторических традиций и преобразования в местном самоуправлении имеют серьёзную связь в принятии закона Республики Таджикистан «Об упорядочении традиций, торжеств и обрядов в Республике Таджикистан». Это задачи, имеющие разнообразные формы решения на основании древних национальных традиций наглядно показывали, что наши предки тоже считались со своим социально – экономическим положением, принимались необходимые меры по предотвращению излишеств, но так как не имелось законного основания, они не реализовывались.

Отрадно, что закон Республики Таджикистан «Об упорядочении традиций, торжеств и обрядов в Республике Таджикистан» был наконец-то принят. Теперь необходимым делом была организация необходимых учреждений в центральном аппарате, в местных исполнительных учреждениях, в местных исполнительних комитетах, областей, городов и районов.

Сегодня время, как великий судья, доказало, что принятие этого закона являлось благородной инициативой, которая привела не только к снижению уровня бедности, но также в условиях ускоренной глобализации и финансового кризиса были защищены интересы народа в рамках национальных, религиозных и светских ценностей, и тем самым дано ему исцеление. Национальные традиции народа вынуждали горожан с большими расходами проводить обряды.

Инициатива принятая закона не появилась на голом месте, а скорее, было требованием времени. Существовала трудность проведения траурных обрядов, мероприятий, расточительных увеселений, которые приводили к задолженности, снижению уровня жизни семей и даже к их распаду. Правительство убедилось и убедило народ, что усовершенствовать обряды и традиций - это право народа, традиции и обряды как важные элементы живого общества должны служить процветанию и развитию его членов, а не обременять их. Трудность была в том, что тысячи молодых людей из-за дороговизны свадебных обрядов и традиций не могли жениться. Отцы и матери, чтобы выйти из неудобного положения и упрёков перед соседями, придумывали разные причины откладывать свадебы детей. Поэтому Президент страны в поисках решения проблемы народа, в рамках свободы гражданского общества и права народа на достойную жизнь, принятие национального закона считал важным элементом социальной реформы современного общества.

Данный закон не только в Таджикистане, но и в зарубежных ближних и дальних странах является первым опытом. С самого начала было известно, что необходимо с помощью закона упорядочить одну из чувствительных точек и уязвимую социально-традиционную сторону жизни. Осознание значимости нового закона и широта его действия были главной задачей как законодательства, так и правоприменителей страны.

Конечно, каждое новшество и каждая перемена имеет свои трудности и мы это хорошо чувствовали. Не все группы желали, что бы было упорядочение, так как они имели выгоду от роскошных мероприятий.

10. Во всех отношениях и ситуациях вести себя спокойно и хладнокровно.

Такие качества проявляются лишь после того, как путник проникает в сущность духовных путешествий: сайр-ил-Аллах (путешествие к Богу), сайр-фил-Аллах (путешествие к Богу) и начинает путешествие «С Богом к людям», после которого начинается 4–е путешествие «С людьми к Богу».

Человек, овладевший йогическими или суфийскими приёмами, в состоянии многое понять в себе, как в биологическом организме и, тем самым, регулировать физиологические и психологические процессы в нем.

Таким образом, задача познания самого себя, которое служит главным стержнем духовного самосовершенствования человека, кажется бесконечной, но при абсолютно ясном взгляде новейшем и в ежедневном использовании простых, но точных законов человеческой природы, жизнь становится не только захватывающим приключением, но и удивительной радостью. Каждому из нас нужно следовать этому жизненному курсу здоровья.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Александров И.А. Космический феномен человека: человек в антропном мире / И.А. Александров. - М., 1999.
2. Геродот. История / Геродот. В 9 кн.: Кн. 5. - М., 1972.
3. Йога: физические упражнения или нечто больше//Сторожевая башня, 2002, 1августа.
4. Маркс К. Энгельс Ф. - Соч., т. 14.
5. Карлфрид граф Дюркхайм. О двойственном происхождении человека. - СПб., 1992.
6. Рукая Максуд. Религии мира. Ислам. - М., 2001.
7. Э. Руссель. Духовное совершенствование в современном даосизме / Э. Руссель. - М., 1983.
8. Саидов А.С. Нация как субъект социального действия / А.С. Саидов.– Минск. -Душанбе, 1999.
9. Сатпрем. Шри Ауробиндо или путешествие сознания / Сатпрем. – Ленинград, 1989.
10. Юрчук В.В. Будда / В.В. Юрчук. – Минск, 2002.


### САМОСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЧЕЛОВЕКА: ОСНОВНЫЕ ФОРМЫ И МЕТОДЫ


В статье рассмотрены основные формы и методы самосовершенствования в процессе жизнедеятельности человека, в различных культурах разных эпох и народов, в различных мировоззренческих системах.



**Ключевые слова:** самосовершенствование, духовное и физическое самосовершенствование, философская антропология, медитация, йога, физиологические и психологические процессы.

**ELF PERFECTION OF HUMAN: FORMS AND METHODS**

In the article were regarded the main forms and methods of human self perfection in the process of his life activity in the various cultures of different epoch and people in the framework of various worldoutlooking systems

**Key words:** Self perfection, spiritual and physical self perfection, philosophical anthropology, meditation, yoga, physiological and psychological processes

**Сведения об авторах:** ***А.С. Саидов*** – доктор философских наук, профессор кафедры общественных дисциплин ТГМУ им. Абуали ибни Сино. Телефон: **(+992) 907-73-46-03**

***М.М. Азимова*** – кандидат философских наук, кафедра общественных дисциплин ТГМУ им. Абуали ибни Сино

***А.А.Гулов*** – соискатель кафедры общественных дисциплин ТГМУ им. Абуали ибни Сино

# ФАЪОЛИЯТ ВА ОСОРИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ

***Б.Сулаймонов***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихи афкори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафии гузаштагони форсу тоҷик агарчи дар сатҳи баланд ҷойгузин буд, вале дар доманаи таърих хеле кам мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари интишор ва вусъатёбии фалсафаи Юнон, афкори фалсафиро дар Шарқи Наздик ва Миёна дар мактабҳои фалсафӣ-динии Зардуштия, Монавия, Маздакия ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Чуноне ки Гундишопур дар фарҳангистонаш қайд мекунад, муҳимтарин масоили фарҳангие, ки дар сохтори давлатдории Сосониён байни ҷамъият нуфузи бештарро пайдо кардааст, аз ҷониби мутафаккирони мактабҳои фалсафӣ пешниҳод гардидаанд.

Баъд аз интишор ва ташаккули фарҳанги исломӣ дар сарзамини Шарқ мактабҳое чун машшоия, тасаввуф, калом, исмоилия, фалсафаи асҳоби ҳаюло, ихвон-ус-сафо, ҳикмати ишроқ ва ғ. ба вуҷуд омадаанд, ки пайравони онҳо бо истифода аз сиёсати фарҳангии Аббосиён афкор ва ақоиди юнониёнро ба забони арабӣ тарҷума кардаанд. Яке аз ин мактабҳои бузурге, ки дар тарҷума, таҳлил ва эҷоди китобҳои фалсафӣ хидмати арзанда намудааст, мактаби машшоия ба ҳисоб меравад. Баъд аз он ки ал-Киндӣ андешаҳои юнониёнро ликои шарқиёна пӯшонид, пайравони ин мактаб Абӯнасри Форобӣ (870-950), Ибни Сино (980-1037), Ибни Туфайл (1106-1185), Ибни Рушд(1126-1198), Насируддини Тӯсӣ (1207-1273) ва ғ. хидматҳои қобили мулоҳиза ба ҷо гузоштаанд. Вале, дар ин ҷо мо хостем танҳо атрофи ҳаёт ва эҷодиёти яке аз он хирадмандон Абӯнасри Форобӣ сухан ронем. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои муътамади таърихӣ соли таваллуди Абӯнаср Муҳаммад ибн Муҳаммад ибн Тархон ибн Узалағи Форобӣ ба тартиби муайян дарҷ нагардидааст. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Умар Фаррух чунин қайд кардааст: «Соли 874 Абӯнасри Форобӣ дар шаҳраки Фороб ба дунё омадааст» [9,352].

Аммо бештари мутафаккирон, муҳаққиқон ва таърихнигорон аз қабили Адамчик Мирослав дар асараш «Восточная философия», Закариё Башир дар «Торих-ул-фалсафат-ал-исломия», ал-Қифтӣ дар «Торих-ул-ҳукамо» валодати ӯро ба соли 870 мувофиқ донистаанд. Маҷид Фахрӣ ақидаҳояшро дар хусуси сол ва ҷойи таваллуди Абӯнасри Форобӣ чунин баён кардааст: «Абӯнасри Форобӣ соли 870 дар шаҳраки Фороб, яке аз марказҳои фарҳангии Мовароуннаҳр дар оилаи фармондеҳи ҳарбӣ ба дунё омадааст. Ба ақидаи ӯ Фороб ва ё (Фарёб-Форёб), яке аз марказҳои шаҳрнишин буда, имрӯз ин сарзаминро Ӯтрар гӯянд, ки Фороб дар як қисмати хурди он ҷойгир аст» [7,124]. Ба ин монанд Ёқути Ҳамавӣ дар «Ал-муъҷам-ул-булдон» зодгоҳи Форобиро бад-ин тарз васф кардааст: «Фороб вилоятест зебо, пушти наҳри Сайҳуну ҳамҷавори Тахум. Аз Шош хело дур ҷой гирифта, ба Балосоғун наздик, дарозӣ ва паҳноияшро метавон дар як рӯз сайр кард» [3,27].

Дарвоқеъ ин сарзамин дар соҳили Сирдарё доман густурда, имрӯз дар қаламрави Қазоқистон ҷойгир аст. Падари Абӯнасри Форобӣ сипоҳсолори форсинажод буда, аз улуми ҳикмат, сиёсат ва риёзӣ бархурдор буд ва аввалин маълумотҳои зарурӣ- хондан ва навиштанро ба писараш омӯзонидааст. Дар баъзе сарчашмаҳо зикр шудааст, ки Форобӣ барои идомаи таҳсил мустақиман аз Фороб ба Бағдод сафар кардааст. Вале дуруст он аст, ки дар рисолаи саргузашт омадааст. Дӯстони падараш ӯро ба Бухоро - пойтахти Сомониён мебаранд ва дар он ҷо улуми шариат (Қуръон, суннат, тафсир, фиқҳ, ҳадис, ақида, балоғат, адаб)-ро назди бухориён хуб аз бар карда, ба синну соли ҷавониаш нигоҳ накарда, ӯро дар ин сарзамини фарҳангӣ қозӣ таъйин мекунанд.

Чуноне ки Закариё Башир ёдовар шудааст, Абӯнасри Форобӣ баъд аз таълим дар Бухоро муддате бо умури давлатдории Сомониён банд гашта, бо тавсияи дӯстон барои дарки амиқи қавоиди забони арабӣ ва усули ҳикмат бо волидонаш ба Бағдод сафар мекунанд, ки ин ҳиҷрати онҳо ба замони хилофати Аббосиён, халифа ал-Муқтадир (908-932) рост меояд. Дар ин сарзамини фарҳангӣ Форобӣ ором нанишаста, назди наҳвшиноси маъруфи он замон Ибн Сарроҷ (316ҳ.-929м.) дар кӯтоҳтарин муддат таълимоти ин саноатро аз бар мекунад. Баъд аз такмили қоидаҳои илми наҳв ва ошноии пурра пайдо кардан, бевосита бо мутуни арабӣ, Форобӣ ба хондани китобҳои фалсафӣ шурӯъ карда, барои касби ҳикмат ба шогирдии файласуфи машҳури он замон Юҳано Ибн Ҳайлон дохил мегардад ва

таълимоти фалсафиро назди ӯ аз бар мекунад. Баъд аз мутолиаи зиёди фалсафаи Юнон дарк мекунад, ки риштаи асосие, ки афкор ва ақоиди фалсафиро ба танзим меорад, аҷзои мантиқ аст. Ба ин хотир, дар назди Абӯбишр Мато Ибн Юнус (329ҳ.-941м.) саноати илми мантиқро аз бар мекунад.

Форобӣ на танҳо ба омӯзиш ва таҳқиқи илмҳои гуманитарӣ пардохтааст, балки илмҳои дақиқ (риёзиёт, ситорашиносӣ, кимиё, тиб, мусиқӣ ва ғ.) - ро назди донишмандони Бағдод хуб аз бар карда буд. То замони ба Бағдод расидан, ӯро дар Бухоро қозӣ Абӯнаср ва ё қозӣ Муҳаммад хитоб мекардаанд. Баъд аз омӯзиши зиёд ҳамчун шахси фарҳангӣ байни ироқиён маъруф гашт ва дар маҷлисҳои сиёсию маҳфилҳои илмӣ ба ӯ Абӯнасри Форобӣ хитоб мекардаанд, ки ин ном ба зодгоҳи ӯ «Фороб» мутааллиқ аст. Замони салтанати ад-Дайламӣ (329ҳ. -941м.) Абӯнасри Форобӣ аз Бағдод ба Димишқ сафар намуда, дар он сарзамин муддате иқомат карда, баъдан ба Ҳалаб ҳиҷрат мекунад. Чун толиби илм буд, ба хотири омӯзиши фалсафаи юнониён, ки тариқи тиҷорат ба сарзамини Миср расида буд, ба он ҷо сафар мекунад (337ҳ.-949м.). Муддате нагузашта бархӯрди ақидаҳояш бо пайравони ин хонадон бештар мегардад, аз ин муҳит дилгир шуда (338ҳ.-950м.), ба Ҳалаб - шимоли Димишқ бармегардад ва дар охири моҳи раҷаби ҳамон сол (950м.) вафот мекунад.

Атрофи шахсияти Форобӣ кофист бигӯем, порсо ва парҳезгортарин марди замони хеш буд, ба мисле ки Мустафо Абдурразоқ васф кардааст: «Абӯнасри Форобӣ марди пуртааммулу ботадбир буда, ҳаёташро бо муҳаббат ба омӯзиши фалсафа оғоз бахшида, дар даврони камолот ҳамчун нобиғаи замон шинохта шуда, дунёро сӯфиёна падруд гуфтааст» [8,52]. Дар ин ҷода Сайфиддин Абӯҳасан низ қайд кардааст, ки Абӯнасри Форобӣ дар даврони камолоти ҳаёташ дар Димишқ посбонии боғеро ба уҳда дошта, рӯзона зери сояи дарахтон ба хондан ва муҳокимаи ҳикмати Юнон машғул гашта, сарфи назар аз бенавоӣ, шабона хониши хешро зери фонуси дарбон идома мебахшидааст.

Баъзе муҳаққиқон ба Ибни Халликон эрод гирифтаанд, ки дар китобаш «Вафиёт-ул-аъён ва анбоу абно-аз-замон» нисбати шахсияти Абӯнасри Форобӣ ба ифротгароӣ роҳ додааст, мо аз ин гуна гуфтаҳо фосила гирифта қайд мекунем, ки агарчи дар баъзе сарчашмаҳо забондонии ӯро ба 70 мерасонанд, вале назди мо муҳим он бувад, ки Абӯнасри Форобӣ аз забонҳои юнонӣ, сурёнӣ, ҳиндӣ, туркӣ, суғдӣ хабардор буда, арабӣ, форсиро хуб медонист ва дар таълифу таснифоташ истифода мекард. Ба ин тартиб, метавон заковати забондонии ӯро мисол овард. Рӯзе дар асвои маҷлис Сайф-ад-Давла аз мушовираш, ки ба ӯ забони хос омӯзонида буд, чизеро пурсон шуд, мушовир дар посух чизи дигарро ишорат кард, Абӯнасри Форобӣ дар зиҳоми ин маҷлис буд ва посухи дурустро ба амир бигуфт. Амир бо ҳайронӣ аз забондонии ӯ пурсид, чунин ҷавоб гуфт: Ман ҳафтод забон медонам. Ба овардани ин гуна далоили қатъӣ бидуни тардид гуфта метавонем, ки Абӯнасри Форобӣ умрашро дар роҳи хониш ва таснифи қисматҳои ҳикмат сарф кардааст, то баъдинагон, сарфи назар аз хушунати мавқеи таълимӣ, таълифоти ӯро пурмуҳтаво арзёбӣ кардаанд. Чуноне ки Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ дар ин ҷода қайд кардааст: «Абӯнасри Форобӣ шахсияти нотакрор, соҳибхирад ва закиест, ки тавонист ҳикмати Юнонро дар Шарқ мустақар (побарҷо) созад» [9,354-355].

Ал- Киндӣ пештар аз Абӯнасри Форобӣ ба фалсафаи Юнон ворид гашта бошад, вале ӯ дар фалсафаи исломӣ аз аввалин андешамандонест, ки мантиқи юнониёнро шарҳу тафсир карда, ботакя ба онҳо асарҳои асил китобат кардааст. Аз файласуфони юнонӣ бештар ба Арасту эътимод бахшид ва ба китобҳояш шарҳу тавзеҳот навишта, гиреҳҳои мураккаб ва нофаҳмои онҳоро боз кардааст. Дар ин бобат худи Абӯнасри Форобӣ қайд мекунад: ««Китоб-ул-нафс»-и Арастуро сад маротиба ва «Китоб-ул-самоъ-ал-табиъа»-ро чиҳил маротиба мутолиа кардам, то он ҷое ки аксари порчаҳояшро ҳифз карда, жарфтар маонӣ бардоштам» [2,27].

Наҳвнигор Ибни Сарроҷ, ки ба мутафаккир сарфу наҳв омӯзонида, аз ӯ саноати мантиқ меомӯхт, рӯзе аз Абӯнасри Форобӣ пурсид, ки дар шинохти улуми ҳикмат ва аҷзои он худро донотар меҳисобӣ ва ё Арастуро? Форобӣ бо тааммул чунин гуфт: «Агар ҳикмати Арастуро дарк мекардам, худро аз бузургтарин шогирдони ӯ мепиндоштам» [3,7].Бо сабаби муҳаббат ба осори Арасту «Муаллими аввал» ва тафаккури густурдаи он дар фалсафаи исломӣ ба ӯ кунияи «Муаллими сонӣ»-ро додаанд. Ӯро барои хидматҳо дар илми мантиқ ва фалсафа дар шарқ «Муаллими аввал» бояд донист, зеро маҳз аввалин маротиба ӯ дар фалсафаи исломӣ асосҳои мантиқ ва фалсафаро тарҳрезӣ кардааст. Барои тақвияти ин гуфтаҳо мисоле аз эътирофи Абӯалӣ ибни Сино мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик оварда метавонем, ки қайд мекунад: «Дар илмҳои мантиқ, табиийёт ва риёзиёт тавоно шуда, ба илми илоҳиёт баргаштам ва китоби «Мо баъд-ут-табиа»-ро чиҳил маротиба ба такрор хондам, ағрози муаллиф бароям пӯшида монд ва ноумед гаштам. Рӯзе ҳангоми аср дар миёни саҳҳофон будам ва аз далоле китобе харида дидам, ки китоби Абӯнасри Форобӣ «Фи ағрози китоби мо баъд-ут- табиа» будааст. Пас ба хона баргашта, онро бошитоб хондам ва дарҳол ғаразҳои он китоб, ки дар дили ман маҳфуз буд, бар ман кушода шуданд» [1,18-19]. Мутафаккир усули ҳикматро аз бар карда, ба қисматҳои зиёди он асарҳо таълиф кардааст. Муҳаққиқон, таърихнигорон ва файласуфони Шарқу Ғарб (Байҳақӣ, Ибни Надим, Деххудо, ал-Қифтӣ, Ибни Халликон, Штейшнейдр ва Брокелмон) дар таълифоташон адади осори Абӯнасри Форобиро мухталиф аз 130 то 160 зикр кардаанд. Аҳмад Оташӣ соли 1950 ба

гирдоварии осори ӯ пардохта қайд мекунад, ки гарчанде қисмати зиёди таълифоти Форобӣ талаф ёфта бошанд, баъзе дастхатҳои он дар ҳолати нобудшавӣ бо забонҳои аврупоӣ ва лотинӣ дар китобхонаҳои Аврупо маҳфузанд. Сабаби аз байн рафтани китобҳои Абӯнасри Форобиро як самти мустақим фарогир нест. Аз як тараф, ҳуҷумҳои сулолавӣ байни хонадони шарқиён аз тарафи дигар, ҳуҷумҳои салибиён дар сарзамини Шарқ ва билохира ҳуҷуми кишварҳои тозатаъсис дар муқобили афкор ва ақоиди мактабҳои шарқӣ, нагузоштанд китобҳои фалсафӣ, динӣ, таърихӣ, адабии мутафаккирони ин сарзамин ба шакли пурра боқӣ монанд. М.М. Хайруллоев муҳаққиқи таълифоти Абӯнасри Форобӣ қайд мекунад: «Абӯнасри Форобӣ на танҳо шореҳи осори Арасту ва муаллифи баъзе таснифоти улуми фалсафӣ, балки яке аз файласуфони маъруфи Шарқ маҳсуб мешавад, ки танҳо дар илми мантиқ чиҳил асар таълиф кардааст» [4,3]. Ба хотири шинохти мавқеи таълифоти Абӯнасри Форобӣ осори ӯро, ки то замони мо боқӣ мондаанд ба се бахш тақсим кардаем:

1. Ба ин қисмат китобҳои боарзиши фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дохил мешаванд, ки ба забонҳои туркӣ, ҳиндӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ, немисӣ, фаронсавӣ ва ғ. тарҷума шудаанд: «Эҳсо-ул-улум», «Ороу аҳл-ал-мадинат-ал-фозила», «Мақола фи-ал-ақл», «Китобу таҳсил-ас-саъодат», «Фи-ас-сиёсат-ал-мадина», «Фи-ал-миллат-ал-фозила», «Фусул-ул-маданӣ», «Китоб-ат-танбиҳ ало сабили-ас-саъодат», «Фи-ал-воҳид ва-ал-воҳида», «Ҷавобот ли масоили суила анҳо» ва ғ.

2. Гурӯҳи дуюми таснифоти Абӯнасри Форобӣ он китобҳое мебошанд, ки ҳамчун шарҳ ба китобҳои Арасту навишта шудаанд: «Шарҳ фусус-ал-ҳикам», «Шарҳ китоб-ас-самоъ», «Шарҳ китоб-ал-бурҳон», «Шарҳ китоб-ал-мақулот», «Шарҳ китоб-ал-муғолата», «Шарҳ китоб-ал-хитоба», «Шарҳ китоб-ал-ибора», «Шарҳ китоб-ал-қиёс ва ҳува шарҳ-ал-кабир» ва ғ.

3. Қисмати сеюм, осори мантиқии Абӯнасри Форобӣ буда, теъдоди онҳо ба чиҳил адад мерасанд, ки мо танҳо бархе аз онҳоро зикр хоҳем кард:

«Ал-фусул-ул-хамса», «Ал-алфоз-ал-мустаъмала фи-ал-мантиқ», «Китоб исоғуҷӣ», «Китоб-ул-мақулот», «Китоб-ул-ибора», «Китоб-ул-қиёс», «Китоб-ул-қиёс-ас-сағир», «Китоб-ул-қиёс-ал-авсат», «Ҷавомиъ ли китоб-ал-мантиқ», «Китоб-ал-ҳуруф», «Китоб-ул-таҳлил», «Китоб-ул-бурҳон», «Китоб-ул-ҷадал», «Китоб-ул-хитоба», «Китоб-уш-шеър», «Эҳсо-ул-улум (боби дуюм)».

Абӯнасри Форобӣ асарҳои зиёде роҷеъ ба мантиқ иншо кардааст, вале дар миёни осори ӯ рисолаи мантиқии «Ал-алфоз-ал-мустаъмала фи-ал-мантиқ» ҷойгоҳи махсус дорад. Сарфи назар аз он, ки асарҳои Абӯнасри Форобӣ ба забонҳои гуногун тарҷума гаштаанд, аммо ин асари арзишманди ӯ дастраси алоқамандон ва муҳаққиқон нагашта буд. Мо ин рисолаи мантиқии ӯро, ки 65 банди истилоҳоти фалсафиро фарогир аст, бо забони тоҷикӣ ва русӣ тарҷума намуда, пешкаши муҳаққиқон намудем (Дар хусуси ҷобаҷогузории истилоҳоти мантиқӣ дар ин рисола ба шакли муфассал мақола пешниҳод намудаем, инчунин матни тарҷумашудаи ин рисоларо ҳамчун замима ба рисолаи дисертатсионии худ раво донистем).

Чуноне ки маълум гардид, Форобӣ яке аз аввалин поягузорони фалсафаи исломӣ ва махсусан бахши мантиқи он ба ҳисоб меравад. Бидуни ошноӣ ба осори гаронбаҳои ӯ, на танҳо ба фалсафа ва мантиқи ҷаҳони ислом шинос шудан имконнопазир аст, балки фалсафаи Юнон ва махсусан мантиқи Арастуро, ки фалсафаи исломӣ ба он такя мекунад, таҳқиқ ва баррасӣ карда наметавонем.

## АДАБИЁТ


1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб / Абӯалӣ ибни Сино. -Душанбе, 1981. -Ҷ.1. -477с.
2. Ал-Форобӣ. Ороу аҳл-ал-мадинат-ал-фозила / Ал-Форобӣ. - Қоҳира, 2002. -272с.
3. Ал-Форобӣ. Тарҷумат Абинаср ал-Форобӣ / Ал-Форобӣ. -Қоҳира, 1973. -32с.
4. Аль-Фараби. О логическом учении / Аль-Фараби. -Алма-Ата: Наука, 1982 . -197 с.
5. Аль-Фараби. Философские трактаты / Аль-Фараби. -Алма-Ата, 1972. -495с.
6. Диноршоева З. М. Гражданская философия Аль-Фараби / З. М. Диноршоева. -Душанбе, 2006. -323с.
7. Маҷид Фахрӣ. Торих-ул-фалсафат-ал-исломиятӣ / Маҷид Фахрӣ. - Бейрут, 2000. -583с.
8. Мустафо Абдурразоқ. Файласуф-ал-араб ва-ал-Муаллим-ас-сонӣ / Мустафо Абдурразоқ. - Байрут,1981. -181с.
9. Умар Фаррух. Торих-ул-фикр-ул-арабӣ / Умар Фаррух. -Бейрут, 1966. -728с.


## ЖИЗНЬ И НАСЛЕДИЕ АЛЬ-ФАРАБИ


В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению жизнь и наследие Абунасра Аль-Фараби - философа, ученого-энциклопедиста, который является одним из главных представителей восточного аристотелизма и его философская деятельность многогранна.



**Ключевые слова:** Абунаср Аль-Фараби, жизнь и наследие Абунасра Аль-Фараби, ученый-энциклопедист, философская деятельность.


## THE LIFE AND LEGACY OF AL-FARABI


In this article, the author reviewed and the study of the life and legacy of al-Farabi - philosopher, polymath, which is one of the main representatives of the Eastern aristotelism and his philosophical activity is multifaceted.



**Key words:** al-Farabi, the life and legacy of al-Farabi, scholar and lexicographer, a philosophical activity.



**Сведения об авторе:** ***Б.Сулаймонов*** – ассистент кафедры онтологии и гнесиологии философского факультета Таджикского национального университета. Телефон: **938-38-43-45**

# РАВОБИТИ МУТАҚОБИЛАИ ФИҚҲ ВА АХЛОҚ ДАР ҶАҲОНБИНИИ ИМОМИ АЪЗАМ-АБӮҲАНИФА

*Умаралӣ Назаров*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Қабл аз он ки дар бораи муҳтавои илми фиқҳ ва робитаи ахлоқро бо он баррасӣ намоем, бояд ёдовар гардем аз илми ахлоқ, ки чӣ гуна илм аст. Дар ин маврид, аз диди мо, таърифи зерин бештар муҳтавои онро инъикос менамояд: «Илми ахлоқ дар бораи хайру шар ва некию бадӣ баҳс мекунад ва баён медорад, ки инсонҳо чӣ гуна бояд бо ҳам рафтор намоянд ва фоида, ҳадаф ва бархӯрди ононро мушаххас месозад ва нишон медиҳад, ки ба чӣ шеваҳое ба саодат ва хушбахтӣ мерасанд»[2, 312].

Бояд қайд намуд, ки илми фиқҳи ҳанафӣ, пеш аз ҳама, аз сарчашмаҳои Қуръону суннат манша мегирад. Дар китоби муқаддаси мусулмонон ва равияи суннии ислом дар қатори масъалаҳои бунёди оламу одам ҷанбаҳои гуногуни ахлоқу маънавиёти инсон низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Пас, фиқҳ метавонад дар худ ҷанбаи адаб ва ахлоқро низ дар бар гирад.

Масалан, агар фиқҳи «Закот»-ро гирем, мебинем, ки дар он ҷанбаи ахлоқии кумак ба табақаи эҳтиёҷманди ҷомеа, даст ба хайру эҳсон задан, эҷоди меҳру муҳаббат миёни сарватмандон ва фақирон, пешгирӣ аз ҳар гуна зуҳуроти номатлубе, ки ба сабаби фақру тангдастӣ дар ҳаёти инсон зуҳур менамояд ва ғайра, пайдост.

«Закот» амали ҳатмие мебошад, ки ба хотири он соҳибаш аз гуноҳҳо пок мегардад. Дар ин маврид дар Қуръон фармуда шудааст: **«Хуз мин амволиҳим садақатан тутаҳҳирҳум ва тузаккиҳим** (Яъне, аз молҳои онон қисмате аз садақа бигир ва ба ин василаононро пок бигардон)»[4,222] .

Муаллифи китоби «Рӯҳи Ислом» - Афиф Абдулфаттоҳ Таббора адо намудани закотро амри иҷборӣ муаррифӣ намуда, онро ҳаққи фақирону ниёзмандон мешуморад. Чунончи мефармояд: «Ислом фаризаи закотро ба сурати амре қарор надодааст, ки ба ихтиёри шахс бошад, то агар майл дошта бошад, онро пардохт кунад ва агар орзу дошта бошад, аз пардохти он худдорӣ намояд, балки пардохти закот амре аст иҷборӣ, зеро закот ҳаққи фақирону ниёзмандон аст ва воҷиб» [2,229].

Ҳамчунин, дар фиқҳи «Рӯза» низ ҷанбаҳои ахлоқӣ арзи вуҷуд доранд ва тафсир гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки маънои калимаи «савм» (рӯза) дар луғат «имсоки мутлақ», яъне «истодан»-ро дорад. Аммо дар истилоҳ бошад, нахӯрдану наошомидан ва алоқаи ҷинсӣ накардан аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб бо ҳамроҳии ният аст, ки ин, бешубҳа, то як андоза мазмуни ахлоқиро дорост.

Фазилатҳои ин моҳи шариф аз назари фиқҳ ва ахлоқи исломӣ хело зиёданд ва вобаста ба ин якчанд нуктаҳои муҳимми онро қайд намудан зарур аст:

1. Дар моҳи муборакu Рамазон шахси рӯзадор бояд бар зидди нафс шикебоӣ варзад, зеро он аҷри ниҳоят бузург дорад ва ин моҳ айёмест, ки ризқи инсон дар ин муддат зиёда мегардад.

2. Яке аз фавоиди рӯза таваҷҷуҳ ба ҳоли бечорагон ва огоҳ шудан аз аҳволи фақирону мустамандон мебошад. Ногуфта намонад, ки худ меҳру муҳаббат аз ранҷ маншаъ мегирад. Ва ҳар вақте ки сарватмандон ба табақаи камбизоати ҷомеа меҳру муҳаббат ва бахшиш дошта бошанд, дар байни онҳо сафову самимият ба вуҷуд меояд.

3. Барқарории мусовоту баробарӣ байни сарватмандон ва фақирон, ки ин мусовот як низоми амалист ва аз беҳтарин мусовот ва адолат ба шумор меравад. Ислом рӯзаро бар ҳар мусалмони болиғу оқил фарз гардонидааст, то ҳама аз лиҳози нахӯрдан ва наошомидан баробар бошанд ва ин як иттиҳоди шууру эҳсосро ба вуҷуд меорад.

4. Дигар аз манофеи рӯза - ин қавӣ сохтани иродаи инсон аст. Як донишманди олмонӣ - Гаҳордит китоберо роҷеъ ба тақвияти ирода таълиф намудааст, ки асоси онро ба рӯза қарор додааст. Ин донишманд муътақид аст, ки рӯза танҳо василаи пурқудрат ва фаъолест, ки метавонад тасаллути рӯҳро бар ҷисм ба вуҷуд оварад. Аз ин роҳ инсон метавонад зимоми нафсашро дар ихтиёр дошта бошад ва аз асорати тамоюлоти моддӣ раҳоӣ ёбад.

Дар робита бо ин, қайд намудан бамаврид аст, ки умуман таърихи фалсафа ҳеҷ ҳакимеро ёд надорад, ки дар бораи нафс баҳс накарда бошад. Нафс аз давраҳои қадим то ба имрӯз мавзӯи ҳамешагии осори фалсафии ба инсон бахшидашуда мебошад. Барои Абӯҳанифа низ ин масъала бегона набуд. Вай дар ин хусус менигорад: «Касе кароматии инсонӣ ва қадри нафси худро бидонад, дунё дар назараш беарзиш бошад ва сахтиҳояш бар вай осон гарданд».

Саволе ба миён меояд, ки - худи нафс чист? Масалан, Хоҷаи Тӯсӣ дар таърифи ин мафҳум менигорад: «Нафси инсонӣ ҷавҳари басите аст, ки аз шаъне бувад идроки маъқулот ба зоти хеш ва тадбир ва тасарруф, ё дар ин бадани маҳсус, ки бештар мардум онро инсон мегӯянд ба тавассути қуввоӣ ва олот ва он на маҳсус ба яке аз ҳавос». Барои исботи мавҷудияти нафс ҳаминро бояд зикр намуд, ки зоҳиртарин ва возеҳтарин чиз барои инсон, ин моҳият ва зоту ҳақиқати вай мебошад. Ҳеҷ як шахс, ба қавли Ибни Сино, ки ақлаш пок, сиришташ рост, аз шитоб ва васвасаҳо дур ва назараш ба ҳақиқат ба чашми ризою сидқ аст, аз табиати худ, яъне моҳияти ботинии худ ғофил шуда наметавонад. Сабаби ҳастии инсон, мавҷудияти вай, ин нафси ӯ

мебошад. Дар худи фард, яъне дар моҳияти аслии вай нафс ниҳон аст, ки танҳо марбути худи вай мебошад.

Нафси ҳар як одам дорои ҷавҳари ба худ мустақил ва хос мебошад. Бар иловаи ҷавҳарият буданаш, нафси инсон тақсимнашаванда мебошад, зеро дар ҳеҷ ҳолат ва дар ҳеҷ фазову вақт нафси ӯ ҷисм шуда наметавонад, чунки ҳар ашё ва ҷисме, ки дар олами ҳастӣ вуҷуд дорад, тақсимшаванда мебошад, лекин нафс бошад, тақсимнашаванда буда, басит мебошад.

Дар бадани инсон қувваҳои хосе мавҷуданд, ки дар робита бо нафс ба идроки ҷисмӣ равона шудаанд. Масалан, қувваи босираи шахс ба ҷисму ашёҳои зебо тамоюл дорад, қувваи сомеа бошад, ба шунидани овозу нағмаҳои хушу дилрабо, қувваи шаҳвонияи инсон барои ба даст овардани лаззатҳои гуногуни физиологӣ равона шудаанд. Ҳар кадоми ин қувваҳо дар ҳолати ба даст овардани мақсади хеш мадад мерёбанд ва ҳамон қадар комилтар мешаванд. Вале нафси инсон бошад, аз пирӯз шудану ба даст овардани мадорики ҷисмонӣ тавассути қувваҳои зикршуда ҳамон қадар заиф ва ноқис мегардад. Ба ҳар андозае, ки майли шахс ба чизҳои маънавӣ равона гардад ва аз лаззату шаҳват дур бошад, ба ҳамон андоза нафси ӯ рушду инкишоф меёбад. Ба қавли Абӯҳанифа «Ҳамвора нафси худатро муроқабат кун ва ҳарис бош, ки дигарон низ дар шууни дунявӣ ва ухравӣ аз амалат истифода кунанд»[5,29]. Ба ибораи дигар, масалан, агар фард ҳар чӣ қадар ба майнӯшӣ дода шавад, рӯз то рӯз ҳолати ҷисмонию рӯҳии вай хароб гашта, кундзеҳн ва бефаҳм мегардад. Лекин, агар ӯ ба мутолиаву омӯзиш машғул гардад, ҳамон қадар закӣ ва дорои дарки олӣ мешавад.

*Дигар аз хислатҳои олии нафси инсон ин аст, ки ҳар қувваи ҳискунандаи вай, ба ҷуз ашёҳои ҳисшавандаи худ, ҳеҷ чизи дигарро дарк карда наметавонад, лекин нафс бошад, ҳама чизро ҳис мекунад ва дарк менамояд. Масалан, чашм фақат мебинад, вале шунида наметавонад. Биниши чашм биниши воқеӣ набуда, биниши ғалат аст. Агар офтоб чанд баробари замин бошад, чашми инсон онро ба андозаи кафи дасти худ мебинад. Нафс бошад, ҳамаро ба тафкик нишон медиҳад, ки ин овози чист, ин расми чист ва ғайра. Аз ин метавон хулоса баровард, ки нафс ҳискунандаи ҷисмонӣ набуда, дар идрок комилтар мебошад. Идроки нафс ба зоти ӯ вобаста буда, худро медонад ва медонад, ки худро медонад[1,293].*

Вобаста ба масъалаи таҳлилшаванда Қудурӣ низ борҳо таъкид кардааст, ки Абӯҳанифа воқеан дар фатво ва ҳукми фиқҳии содиркардаи хеш суннати ғайрисобитро дар баробари суннати собитшуда қабул надошт. Ин равиш ва воқеиятнигории Абӯҳанифаро дар асоси такя бар низоми мантиқӣ бадхоҳонаш аз зумраи асҳоби ҳадис дар радди ҳадис ва суннати Пайғамбар (с) бадном сохтанд, ки Абӯҳанифа аз ҳадис рӯй гардонда, ба қиёс такя кардааст. Дар радди ин гуфтаҳо Абӯҳанифа меорад: «Мо танҳо дар ҳолати зарурат ва эҳтиёҷи шадид ба қиёс рӯ меоварем ва аз он истифода мекунем. Зеро, мо далели масъаларо аз китобу суннат ё ҳукми саҳоба ҷустуҷӯ мекунем, агар далелро пайдо накардем, сипас қиёс менамоем».

Ҳатто, аз ҷумлаи ҳанафиён Абулҳасани Кархӣ ақидаи мутлақо будани хабарро нисбат ба қиёс дастигрӣ намуд, ки ин низ чандон ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро, дар ақоиди фиқҳи Абӯҳанифа мисолҳои зиёде ҳастанд, ки бартарии хабари воҳидро нисбат ба қиёс нишон медиҳанд. Масалан, бартарӣ нишон додани ҳадиси Абӯҳурайра дар масъалаи бурида намудани рӯза ҳангоми саҳван хӯрдани чизе, ки дар «Булуғ»-и Ибни Ҳаҷар таъкид гаштааст.

Агар ба моҳияти фиқҳи «Рӯза» баргардем, пас он талқин мекунад, ки шахси рӯзадор бояд худро аз рафтори зишт умуман нигоҳ дорад, яъне танҳо ба як нахӯрдану наошомидан басандагӣ накунад, зеро Пайғамбари ислом (с) мефармояд: ***"Шахсе, ки сухани дурӯғ ва амал кардан ба дурӯғро тарк накунад, пас Худованд ба нахӯрдан ва наошомидани ӯ эҳтиёҷе надорад"***[6,185].

Дар ин пайвастагӣ метавон фиқҳи иди Фитр ва Қурбонро низ мисол овард. Суннат аст, ки мусалмонон якдигарро табрику таҳният гӯянд, зеро ин аз ахлоқи писандида ба ҳисоб меравад. Дар ин айём зарур аст, ки бар аҳлу аёл дар хӯроку либос шароити хуб муҳайё кунад, ба ғайри исроф. Инчунин, зиёрати наздикон ва хешу табор аз ҷумлаи талаботи ин фиқҳ ба шумор меравад.

Ба ҳамин тариқ, ҳатто фатвоҳо дар худ насиҳату хайрхоҳиро доро мебошанд, ки он низ ахлоқро инъикос менамояд. Чунончи, Муҳаммад Абӯзаҳра ин матлабро ба таври зайл зикр кардааст: «Табиист, ки корҳои амалии Абӯҳанифа (р) ба фатво маҳдуд буд, на бар қиём ё ҳамли силоҳ. Вале фатво бояд ҳамроҳ бо насиҳат дар дин ва бидуни ишора ба ботил ва таҳсини фасод ва ҷонибдории ғайри ҳақ бошад. Тавре маълум гардид, фатвои Абӯҳанифа (р) фатвои муҷаррад набуд, балки аз муҳтавои ривоятҳо бармеояд, ки Абӯҳанифа ошкоро халифа ва рафтори ӯро нисбати Алавиҳо мавриди танқид қарор медод»[3,47].Алоқамадии фиқҳ ва ахлоқро дар ҷаҳонбинии Имом Абӯҳанифа, ки дар таълимоти мутафаккир мавқеи хосеро дорост, дар асарҳои навиштаи ӯ бе ягон мушкилӣ пайдо намудан мумкин аст. Пеш аз ҳама, дар ин бора мо аз рисолаҳои оламшумули Абӯҳанифа «ал-Фиқҳ ал-акбар» ва «ал-Олим ва-л-мутааллим» маълумоти зиёдеро гирифта метавонем.

Дар баробари ин, бояд таъкид намуд, ки ҳар як давру замон ва марҳилаи таърихӣ воқеаҳои мушаххасро дар бар гирифта, ба раванди ташаккули ҷомеа ва ҳар як фарди он таъсири хешро ворид месозад. Дуруст аст, ки падидаву воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа бо сарнавишти инсон печу тоб хӯрда, пойбанди раванд

ва сайру майлони худ сохта, ба ҷаҳонбиниву мақоми инсон ва пайвастагии онҳо бо наслҳои баъдӣ нақши муайянкунанда мегузорад. Дар робита ба ин, аз ақоиду андеша ва мақоми иҷтимоиву сиёсии Абӯҳанифа танҳо дар сурате иттилои зарурӣ ва амиқ дарёфт хоҳем намуд, ки ба моҳияти воқеаву падидаҳои замони ӯ ворид гардем ва инъикоси онҳоро дар осору ҷаҳонбиниаш ҷӯё шавем, то ба аслашон сарфаҳм равем.

Дар акси ҳол, бисёр ақоиди Абӯҳанифа аз мавқеи илмҳои қарни XXI барои мо нофаҳмову беасос ҷилвагар хоҳанд шуд. Имом Абӯҳанифа дар нимаи дувуми қарни I ва нимаи аввали қарни II ҳиҷрӣ (VII-VII м.) давраи ихтилофангезу носозгори хилофати араб, ҳамчун олими бузург, фақеҳу қонунгузор, мутакаллиму сиёсатмадор ва ахлоқшинос по ба арсаи таърих гузошта, масоили мухталифи улуми даврони хешро мутобиқ ба Қуръону суннат, ақли солим ва талаботи давру замон матраҳ намуд. Хусусияти ғайримаъмулии даврони мутафаккир аз он иборат буд, ки «аз як сӯ ҳамчун даврони тиллоӣ ва рушду нумӯи бемисли тамаддун ва ҷаҳиши андешаи исломӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ буда, аз ғарби Ҳиндустон то шимоли Африқо ва ҷануби Аврупо зери нигини ҳукмронии мусулмонон қарор дошт», аз тарафи дигар, «тавсеаталабӣ ва кашмакаши сиёсии доманадори байни ду сулола - Уммавиён ва Аббосиён, на танҳо садди роҳи иттиҳоду якпорчагии хилофат гардид, балки боиси носозгорӣ ва шиддат бахшидани муносиботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мазҳабии ҷаҳони ислом шуд»[1,26]. Дар баробари воқеаҳои таърихӣ дар замони Абӯҳанифа дар ин минтақа пешрафтҳои илмиву фарҳангӣ низ ба чашм мехурд. Кӯфа, Ироқ Басра барои соир шаҳрҳои хилофат дар замони зиндагонии Абӯҳанифа марказҳо ва ҳавзаҳои фарҳангӣ ва илмӣ маҳсуб мегаштанд. Ин ҳавзаҳо ватани фирқаҳову мазҳаби гуногун буда, он ҷо гурӯҳҳои шиа, муътазила, ҷаҳмия, қадария, муҷрия ва ғайра фаъолият мекарданд. Онҳо зери таъсири андешаҳои зардуштия, Монӣ, Маздак, даҳрия, дайсония ва ғайра ба баҳсҳои зиёди илмиву динӣ ва фалсафию мазҳабӣ даст мезаданд. Ба ибораи дигар, дар ин ҳавзаҳои илмӣ андешаҳои қабл азисломӣ ва мазҳабу равияҳои исломӣ бо ҳам омехта шуда буданд[1,44].

Минтақае, ки Абӯҳанифа дар он ҷо зиндагӣ ва фаъолият дошт, дорои чунин хусусиятҳо низ буд. Барои ба вуҷуд наовардани низоъ байни фирқаҳову мазҳаби гуногуни дар ин минтақа фаъолият дошта, мутафаккирони рӯшанфикри он замон таълимоти фиқҳӣ ва ахлоқии ба манфиати аксарият ҷавобгӯро талқин менамуданд, ки Имоми Аъзам аз ҷумлаи онҳо буд. Ӯ, бешубҳа, хуб дарк менамуд, ки ахлоқи инсонӣ пояи устуворӣ ва пешравии ҳар як ҷомеа аст ва он дар тамоми қарну давраҳои таърихи инсоният барои халқу миллатҳо амри зарӯр ва муҳим буда, пайвасти но- гусастании наслҳоро таъмин менамояд. Ахлоқи наку ва кирдори хуб сабаби иззат ва обрӯмандии инсон, мояи оромии рӯҳ, кароmати нафс, адами озори инсонҳо, беҳбудии зиндагӣ, оромии ҷомеа, насли солим, оилаи хушбахт ва даврони беозор мебошад. Вобаста ба ин, ба дурустии чунин хулосаи муҳаққиқи шинохтаи таърихи фалсафаи тоҷик шубҳае нест: «Шояд дар таърихи фарҳанг ва адабиёти фалсафии ягон кишвар ин қадар ба масъалаи ахлоқи инсон даст назада бошанд, чунонки дар фалсафаву адабиёти пешгузаштагони халқамон. Ин муҷоҳидони роҳи ҳақ аз худ кардани илми ҳикмати амалиро, ки аз пояҳои асосии саодати инсонӣ ва иҷтимоӣ аст, нисбат ба дигар илмҳо муқаддам доштанд ва тавонистанд чунон илми асили ахлоқиро офаранд, ки бартарияти он аз мавқеи илми ҷаҳонӣ пазируфта шавад»[1,287].

*Ҳикмати амалӣ ва ё андешаҳои ахлоқие, ки Абӯҳанифа пешниҳод кардааст, барои дарки муносибатҳои иҷтимоӣ ва вазифаҳои ҷамъиятии ҳар шахс, барои фаҳмиш ва идроки қоидаҳои ахлоқиву ҳуқуқие, ки ҳаёти ҷамъиятӣ ба онҳо такя менамояд, инчунин танзими кирдору, рафтору гуфтори одамон ба мақсади расидан ба ҳадафи волои олии ахлоқӣ хидмат менамоянд. Илми ахлоқ дар ҷаҳонбинии вай ба ҳайси илми раҳбарикунанда буда, ҷой ва тамоюли фаъолияти инсонро дар ҷамъият ва олам муайян месозад. Абӯҳанифа хуб дарк карда буд, ки тавассути ин илм инсон ҳадафи аслии офариниши худро идрок намуда, ҷавҳари басити хешро дармеёбад.*

*Аз ин рӯ, ахлоқ дар низоми тафаккури Абӯҳанифа шахсро ба ҳаракатдиҳанда ва созандаи ҷомеа табдил медиҳад ва доир ба қоидаҳое, ки инсон чӣ гуна амал бояд намояд, бунёд мегузорад. Ба қавли Абӯҳанифа ахлоқ дар ҷараёни амали иҷтимоии мардум ба вуҷуд омада, ба ҳар як фард қоидаҳои амалии одобро омӯзонда, лекин махсуси як одам шуда наметавонад. Ахлоқ аз нигоҳи Абӯҳанифа шакли иҷтимоӣ дошта, кирдори касоне мебошад, ки бо якдигар муносибати фикрӣ, эътиқодӣ ва ихтисосии муайяне доранд. Аслан ахлоқ зодаи ҷамъияти инсонӣ буда, маънои хиради зиндагиро дар худ мегунҷонад. Ҳамин аст, ки дар андешаҳои Абӯҳанифа ахлоқ таълимотест дар бораи касб намудани сифатҳои иродиву рӯҳонии инсон, ки сараввал дар ҳаёти иҷтимоӣ ва баъдан дар ҳаёти шахсии ҳар фард зарур ва ногузир мебошад. Ба ҳамин тариқ, барои вай ахлоқ офаридаи мардум буда, василае барои таҳкими манфиатҳо ва амалкарди инсонҳо мебошад. Вай ба нерӯе табдил мешавад, ки гӯё бидуни дахолати одамон ба даст омада, шакли ахлоқи тамоми ҷомеаро, ки пуштибон ва муҳофизи он аст, ба худ мегирад.*

Чуноне ки гуфтем, ахлоқ дар таълимоти Абӯҳанифа бо воситаи ақли шахс ба вуҷуд меояд ва ба андешаву ҷаҳони ботинӣ ва фитрати вай робитаи мутақобила дорад. Ҳар як андешаи инсон ё барои фаъолияти амалии ӯ, ё барои эҷоди чизе ва ё барои фаъолияти назариявӣ равона гаштааст. Яъне, инсон тавассути мафкураи хеш дар фаъолияти худ роҳи дурустро интихоб менамояд, ки дар асоси дониш ва таҷриба сурат мегирад. Дар фарқият аз ҳикмати назарӣ, ки маърифати ҳақиқат ҳадафи

ниҳоии вай мебошад, илми ахлоқ донишу таҷрибаро барои ба даст овардани мақсади ахлоқии инсонӣ ҳамаҷониба истифода менамояд. Яъне, ҳадафи ниҳоии тафаккури инсон маърифати холӣ набуда, балки устуворандешӣ ва санҷидагии гуфтору рафтор дар шароити хосу муайян мебошад. Ба қавли Абӯҳанифа инсон на танҳо бояд дар бораи фазилат донад, балки худ дорои фазилатҳои хуби инсонӣ бошад ва тавассути онҳо бо разилатҳои нафсӣ мубориза намояд. «Одами тамаъҷӯ, дурӯғгӯ ва муғолатаандоз набош, - мегӯяд Абӯҳанифа, - балки мурувват ва ҷавонмардиро дар тамоми корҳо дар худ ҳифз намо». Ё ин ки «ҳамеша ғинои қалб дошта бош ва аз худ ҳирсу рағбати камтаре ба дунё нишон бидеҳ! Бо вуҷуди он ки нодор ҳастӣ, худро ҳамеша бониёз нишон деҳ ва фақру тангдастии худро барои касе зоҳир насоз!»[1,289].

Чуноне ки маълум аст, Имом Абӯҳанифа дар баробари он, ки фақеҳу донишманди машҳури даврони худ ба шумор мерафт, ҳамзамон ба тиҷорат шуғл меварзид. Ӯ дар касби тиҷорат бо ахлоқ ва авсофи намунавӣ мавсуф буда, дар муомала бо мардум онҳоро ба кор мебурд (аз қабили сабру тамкин ва ё хоксорию фурӯтанӣ, амонатдорӣ, ҷавонмардӣ ва худопарастӣ). Дар хариду фурӯш ӯ бар асоси меъёри амонат амал мекард, роҳу равишаш дар тиҷорат роҳи салаф ва барои дигарон мисли мазҳабаш сазовори пайравӣ ва таъкид аст. Ҳикоят шудааст, ки зане ба назди ӯ матои абрешимӣ оварда, барои фурӯхтан пешниҳод кард. Абӯҳанифа (р) аз он қиммати матоъро пурсид. Он зан гуфт: «Сад дирҳам». Абӯҳанифа (р) ба ӯ гуфт: «Қиматаш аз сад дирҳам зиёд аст, чӣ мегӯӣ?» Зан ҳар бор ба қимати матоъ сад дирҳам зиёд мекард, то ба чаҳорсад расид. Абӯҳанифа (р) гуфт: «Қиматаш аз чорсад ҳам зиёд аст». Он зан гуфт: «Магар ту маро масхара мекунӣ?» Имом гуфт: «Бирав мардеро биёр, то ин матоъро нархгузорӣ кунад». Пас, он зан мардеро овард, ӯ он матоъро панҷсад дирҳам нарх гузошт. Пас Абӯҳанифа (р) матои мазкурро ба ҳамон қимат харид.

Қобили қайд аст, ки Абӯҳанифа дар ҳоле ки харидор буд, манфиатҳои фурӯшандаро низ дар мадди аввал қарор медод. Ӯ аз ноогоҳии фурӯшанда сӯиистифода накарда, балки роҳнамоӣ мекард. Абӯҳанифа (р) ҳангоми фурӯхтани ашё ба шахсони камбизоат ва ё ба дӯстонаш аз онҳо фоида намегирифт, балки баръакс ба онҳо кумак менамуд[3,33]. Имоми Аъзам аз касоне, ки дар раъй мухолифаш буданд, озори бисёреро дид, зеро бадхоҳони ӯ ба сӯяш ҳарчи доштанд, андохтанд, аммо ӯ ҳамаро бо нафси орому мутмаин таҳаммул кард. Аз фуқаҳо, умаро ва халифаҳо озору азият дид, вале нафси сабураш дар баробари онҳо шикаст нахӯрд. Абӯҳанифа дар чунин навъи ҷиҳод қаҳрамони ғолиб, пирӯзи майдон ва дар иродааш қавию тавоно буд[3,64]. Яке аз шахсиятҳои бузург, маъруф ва муосири Имоми Аъзам Фузайл ибни Иёз, ки дар варау тақво машҳур буд, дар бораи мутафаккир чунин гуфтааст: «Абӯҳанифа марди фақеҳ, машҳур дар фиқҳ, сарватманд, машҳур ба караму сахо, пуртоқату сабур дар роҳи омӯхтани шабонарӯзии илм, ҳасан-ул-ҳайат, хомӯш, камсухану бовиқор буд. То масъалае дар баёни ҳарому ҳалол пеш наояд, сухан намегуфтанд ва бисёр аз он хуш мешуданд, ки ба ҳақ далолату раҳнамоӣ кунад. Эшон аз қабули ҳадяву силаи салотин бисёр метарсид»[3,67]. Дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ахлоқ дар андешаҳои Абӯҳанифа мавқеи муҳимеро доро буда, дар он назарияҳо ва ақидаҳо амалӣ гашта, барои идораи кирдор, рафтор ва гуфтори инсон матраҳ мегардад. Дар тафаккур ва ҷаҳонбинии Имоми Аъзам умуман фард аз ахлоқ ва ахлоқ аз фард ҷудо вуҷуд дошта наметавонад.

## АДАБИЁТ


1. Шамолов А. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам / А.Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2009. - 317 с.
2. Афиф Абдулфаттоҳ Таббора. Рӯҳи Ислом / Афиф Абдулфаттоҳ Таббора. – Душанбе: Ирфон, 2011. - 536 с.
3. Имом Муҳаммад Абӯзаҳра. Абӯҳанифа: зиндагӣ, рӯзгор, андеша ва фиқҳи ӯ. Тарҷума аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ / Имом Муҳаммад Абӯзаҳра. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 362 с.
4. Коран. Перевод смыслов и коментарии Валерии Пороховой. - М., 1998. (9,103).
5. Мавлоно Муҳаммад Ошиқуллоҳӣ Баландшаҳрӣ. Васоёи Имом Абӯҳанифа / Мавлоно Муҳаммад Ошиқуллоҳӣ Баландшаҳрӣ. – Душанбе, 2009. - 68 с.
6. Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. (http://www.islamic-council.com).


## ВЗАИМОСВЯЗЬ ИСЛАМСКОГО ПРАВА И МОРАЛИ В МИРОВОЗЗРЕНИИ ИМОМА АЪЗАМ-АБУХАНИФЫ


В статье подвергается анализу сущность исламского права суннитского толка, основоположником которого является Абӯханифа. Выявляется органическая взаимосвязь нравственных и правовых взглядов мыслителя в его мировоззрении. Указывается степень влияния воззрений Имома Аъзам-Абуханифы на его современников и других мыслителей Востока.



**Ключевые слова:** Ислам, Восток, фикх, мораль, Абӯханифа, фетва, кияс, верование, благородство, правдивость, истина, мировоззрение, этикет и др.


## INTERCONNECTION OF ISLAMIC LAW AND MORALITY IN THE WORLDVIEW OF IMOM ABU-HANIFA


In the article is analyzed the essence of Islamic law Sunnit persuasion, the founder of which Abu Hanifa. The organic relationship of moral and legal views of a thinker is detected in his outlook. The degree of influence views of Imom Abu-Hanifa is his contemporaries and other thinkers of the East



**Keywords:** Islam, East, fiqh, morality, Abu-Hanifa, fatwa, quays, Belief, generosity, Truthfulness, truth, worldview, etiquette and others.



**Сведения об авторе:** ***Умарали Назаров*** **–** соискатель Института философии, политологии и права АН РТ
**Телефон:907-62-43-64; 918-62-43-64;**

# РАДИКАЛИЗМ, ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ: ЗУҲУРОТ ВА ПАЁМАДҲО

*З.Ҷ. Раҳматова*
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Чуноне ки маълум аст, радикализм, экстремизм ва терроризм падидаҳои манфии иҷтимоӣ-сиёсӣ ба шумор рафта, ҷаҳони имрӯзаро нигарон намудааст. Табиист, ки аксарияти одамон нисбати ин падидаҳо муносибати манфӣ доранд. Чаро чунин аст ва алоқамандию фарқият байни ин се мафҳум чӣ гуна аст? Ҷавоб ба ин саволҳо имконият медиҳад, ба баъзе аз паҳлӯҳои ин падидаҳои зиддигуманистӣ рӯшани андозем. Худи калимаи «радикализм» маънои амали қатъӣ, каноραро дорад. Чуноне, ки дар китоби «Донишномаи сиёсӣ» оварда шудааст: «Радикализм … фаъолияти сиёсии гӯруҳ, ҳизби сиёсӣ буда, нисбат ба ҳалли ислоҳот ва тағйироти демократӣ амали устувор дошта, баҳри қонеъ гардонидани талаботи аъзоён мубориза мебарад. Аз мафҳуми радикализм категорияҳои дигар бармеояд: радикал - тарафдори амалҳои номбаршуда; радикалӣ - хосиятҳои номбаршуда, хосиятҳои сиёсатмадорон ва сиёсат». [1, 391]

Ё ин ки, мафҳуми «радикализм» аз калимаи «радиқас» аз забони лотинӣ гирифта шуда, он дар луғат ба маънии решагароӣ ё бунёдгароӣ аст. Аммо дар маънои истилоҳӣ «радикал» сифате ҳаст, ки ба гӯруҳҳо, афрод ё ҷараёнҳое, ки хоҳони тағйироти мабноӣ ва решаӣ ва фаврӣ дар авзои мавҷуд ҳастанд, итлоқ мегардад».[7]

Бешубҳа, дар асоси таҳлилҳои муҳаққиқон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки радикализм (ба истилоҳи имрӯза – «тундгароӣ») ин реша, сарчашма барои бавуҷудойии экстремизм ва терроризм шуда, замима барои ба амал баровардани ин амалҳои номатлуб боис мегардад. Бо ибораи дигар, радикализм сарчашма ва ниҳоде мебошад, ки аз он экстремизм ва терроризм пайдо мешаванд.

Дар тадқиқоти нашргаштаи олимон тундгароӣ ба якчанд намуд ҷудо карда мешавад ва асоситарини онҳо радикализми сиёсӣ, иқтисодӣ ва динӣ номбар карда шуданд. Воқеияти ҷаҳони муосир аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи инсонӣ имрӯз дар навбати аввал бо радикализми динӣ рӯ ба рӯ гашта, бештар ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Аз ин лиҳоз, вақте, ки мо радикализмро заминаи асосӣ барои пайдоиши экстремизму терроризм қайд намудем, асосан тундгароии диниро дар назар дорем.Қайд намудан ба маврид аст, ки радикализм - зинаи аввали инкишофи экстремизм, яъне ифротгароӣ, мебошад.

Экстремизм бошад (аз калимаи лотинӣ «extremus» гирифта шуда, маънои охирин, каноραро дорад), фаъолияти сиёсие ба шумор меравад, ки дар он гуруҳҳо ва ё ҳизбҳо барои амалӣ гардидани мақсадҳои авантюристӣ, моҷароҷӯии худ, зуригарии ҷисмонӣ услубҳои ҳарбӣ, террор ва фитнаро истифода мебарад. Ифротгароӣ самти осоиштагӣ, конститутсионии ҳалли зиддиятҳои сиёсиро мушкил гардонида, терроро васеъ истифода мебарад, ба тезу тундшавии зиддиятҳои байнимиллӣ кӯмак мерасонад ва вонамуд месозад, ки масъалаҳоро ҳал менамояд. [1, 553]

Дар мавриди дигар: «Дар шакли умумӣ ва оддӣ ифротгароӣ –пайравӣ ба ақида ва амалҳое, мебошад, ки тамоми арзишҳои дар ҷамъият бударо рад мекунад ё нодида мегирад. Ифротгароӣ дар кадом шакле, ки зуҳур накунад, агар вай характери сиёсӣ пайдо кунад, маълум аст, ки ё аз тарафи ягон давлате идора карда мешавад ва мақсади асосии вай ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ бо роҳи зӯрӣ ва бо роҳи маҷбурӣ бор кардани ақидаҳои ифротии худ бар дигар аъзои ҷомеа, ки он хеле хатарнок мебошад». [3, 47]

Чуноне, маълум гардид экстремизм, яъне ифротгароӣ – ин амали манфие мебошад, ки ба муқобили сиёсати давлат ва амнияти он буда, мақсади он бо роҳи зуроварӣ, моҷароҷӯӣ ба даст овардани ҳокимият аст.

Боиси таассуф ва нигаронӣ аст, ки ифротгароӣ дар якчанд даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, хело паҳн гаштааст. Аз ин рӯ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 29 «Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат» моддаҳои зерин илова карда шуд:

- моддаи $307^1$ «Даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)»;
- моддаи $307^2$ «Ташкили иттиҳоди эктремистӣ (ифротгароӣ)»;
- моддаи $307^3$ «Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ)».

Мувофиқи кфалификатсияи (бандубасти ) КҶ ҶТ намудҳои ҷазо ба монанди ҷарима, маҳрум кардан аз озодӣ бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, ҷазо дода мешавад. Ин маънои онро дорад, ки амалҳои номбаршуда барои ҷомеаи муосири тоҷикон бисёр хавфнок ва зараровар мебошанд. Аз ин рӯ, бо Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми марти соли 2006 ташкилотҳои «Ал қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ Ҳаракати исломии Узбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Ихвон-ул-муслимин», «Лашкари Тайиба», «Ҷамъияти исломии Покистон», «Ҷамъияти таблиғ» - ташкилоти динӣ-таблиғгароӣ, «Созмони Таблиғот» («Даъват ба ислом»), «Тоҷикистони озод» ҳамчун ташкилотҳои

террористӣ ва ифротгароӣ эътироф карда шуда, фаъолияти онҳо дар ҳудуди мамлакатамон манъ карда шуд.

Дар мавриди тафсири падидаи терроризм, пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки ин истилоҳ аз калимаи лотинӣ «terror» гирифта шуда, маънои тарсро дорад. Терроризм - ин сиёсати тарсонидан, ба даҳшат афкандан, пахш кардани рақибони сиёсӣ бо роҳи зӯрию фишор мебошад. Умуман, терроризм маҳсули кори ҷунбишу созмонҳои экстремистӣ мебошад. Мусаллам аст, ки равияҳои ифротиву тундрав, барои ба мақсадҳои сиёсии худ расидан бештар аз амалҳои террористӣ истифода мебаранд ва ин боиси ноороми ҷомеа ва марги одамони бегуноҳ мегардад.

Бештар амалҳои даҳшатангези террористӣ дар кишварҳои Ироқ, Сурия, Покистон, Афғонистон, Лубнон ва Ирландияи Шимолӣ ба мушоҳида мерасад.

Таҷрибаи иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки терроризм ба амнияти ҷомеа, ба таври муътадил фаъолият намудани мақомоти ҳокимият, инчунин ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хавфу хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Ин падидаи манфӣ имрӯз яке аз амалҳои бениҳоят хатарнок шинохта шуда, ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти байналмилалӣ эътироф карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳаракатҳои террористӣ дар миқёси олам гуногун буда, онҳоро асосан ду унсури умумӣ бо ҳам муттаҳид мекунад: аввалан, онҳо барои халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, суст намудани пояҳои ҳокимияти давлатӣ равона гардидаанд ва дигар ин, ки ин ҳаракатҳо дар аҳолӣ ҳиссиёти тарс, оҷизиро ба вуҷуд меоваранд.

Ёдрас намудан ба маврид аст, ки амалҳои террористӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаҳои 179, 179[1] ва 180 банду баст карда шудааст.

Тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мақсадҳои асосии терроризмро чунин шарҳ медиҳад: «Мақсади ибтидоии терроризм халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба воҳима ва таҳлука овардани аҳолӣ равона шуда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатист. Чунин ҳаракатҳо мақсади ниҳоии ҷинояткоронро чун маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳуқуқӣ, ки ба манфиати онҳост ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва манзалати мақомоти давлатист». [5, 345]

Аз ҷумлаи чунин амали террористӣ воқеаи 23-юми октябри соли 2002 дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия рух дода мебошад, ки гурӯҳи террористон, аз шумораи сепаратистҳои чечен, ки 53 нафари мусаллаҳро ташкил медод, ба маркази театрии «Норд-ост»-и шаҳри Маскави Федератсияи Русия, бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои ҷиноятии худ ҳуҷум намуда, тақрибан 700 нафарро гаравгон гирифтанд. Дар байни террористон 18 нафар занҳои худкуш мавҷуд буданд, ки дар бадани худ маводи тарканда доштанд. Талаботҳои асосии террористон хотима додани ҷанг ва баровардани қушунҳои Русия аз Чеченистон буд.

Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои оперативӣ аз ҷониби сохторҳои даххлдори Русия гурӯҳи террористон несту нобуд гардид. Вале, мутаассифона, дар раванди иҷрои ин амалиёт 129 нафар гаравгон, ки одамони бегуноҳ буданд, ба ҳалокат расиданд. [4, 24]

Амали мудҳиши дигари террористӣ - ин фоҷиаҳои 11-уми сентябри соли 2001, ки аз тарафи террористон равона кардани ҳавопаймоҳои рабудашуда ба биноҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат дар Ню-Йорк ва биноӣ Пентагон дар Вашингтон ва ҳамчунин инфиҷори ҳавопаймои сеюм дар Иёлоти Пенсилванияи Амрико мебошад. Бар асари ин амали фоҷеабор тақрибан 3 ҳазор нафар ба ҳалокат расиданд.

Бояд таъкид намуд, ки натиҷаи амалҳои террористӣ дар ин ва дигар мамлактҳо шумораи зиёди аҳолии бегуноҳ ба ҳалокат расида, нисбат ба дини мубини ислом ҳисси бадбинии мардуми ғайримусулмонро ба вуҷуд оварда, барои пешрафти давлатҳои мусулмонтабори ҷаҳон монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Паёмадҳои амалҳои тундгароӣ, ифротгароӣ ва террористӣ, бешубҳа, на ба манфиати башарият ва на ба манфиати халқҳои мусулмони дунё мебошад. Дар натиҷаи чунин амалҳо ҳазорон нафар одамони бегуноҳ аз ҳаёт маҳрум гашта ва чандин маротиба аз ин шумора зиёд маъюбу маслук мегарданд. Хисороти моддиву маънавӣ дар натиҷаи содир намудани амалҳои террористӣ низ беҳисоб аст. Бар хилофи амалҳои террористӣ, ки нафарони бефарҳанг зери ниқоби мазҳабӣ онҳоро содир менамоянд, дар китоби муқаддаси мусулмонон «Қуръони Карим» омадааст: «Боз намедорад шуморо Худо аз ононе, ки ҷанг бо шумо накарданд дар дин ва берун наронданд шуморо аз хонаҳои хеш, ки некӣ кунед бо онон ва аз дари додгарӣ бо онон дароед, ҳамоно Худо дуст дорад додгаронро» [2, 550]

Ба ақидаи мо, вазифаи ҳар як фарди ватанпараст, миллатдӯст ва мусулмон аз он иборат аст, ки ба чунин равияҳои номатлуби замони муосир ба монанди радикализм (тундгароӣ), экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм пайравӣ накарда, кӯшиш ба харҷ диҳад, ки ҷомеаи озоду мустақили тоҷиконро аз чунин амалҳои нангин ҳифз намояд ва барои наслҳои оянда ҳаёти осоишта ва зиндагии арзандаро муҳайё созад.

**АДАБИЁТ**


1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. – Душанбе, 2007. 391с., 553с.
2. Қуръони Карим (Сураи «Мумтаҳинаҳ» Ояти 8.) - Теҳрон, 1375. 550 с.
3. Маҷаллаи «Дин ва ҷомеа». - №2, феврали 2015. 47 с.
4. Назиров Д. Вопросы генезиса религиозно-политического экстремизма и терроризма. – Душанбе: Ирфон, 2006. 24 с.

5. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006. 345 с.
6. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. – Душанбе: Эр-граф, 2009. 614 с.
7. http://malek.fatehnet.net.

### РАДИКАЛИЗМ, ЭКСТРЕМИЗМ И РАДИКАЛИЗМ: ПРОЯВЛЕНИЕ И СУЩНОСТЬ

В статье осуществлена попытка рассмотреть сущность и формы проявления, распространенного в современном мире, таких негативных явлений, как радикализм, экстремизм и терроризм. Трагические последствия таких действий обязывает современную цивилизацию объединиться и предотвратить пути их распространения.

**Ключевые слова:** радикализм, экстремизм, терроризм, политика, религия ислам, Уголовный кодекс, таджикское общество и др.

### RADICALISM, EXTREMISM AND RADICALISM: THE MANIFESTATION AND NATURE

The article made an attempt to examine the nature and forms, common in the modern world, such negative phenomena as radicalism, extremism and terrorism. The tragic consequences of such action require modern civilization together and the way to prevent their spread.

**Keywords**: radicalism, extremism, terrorism, politics, the religion of Islam, the Criminal Code, Tajik society and others.

**Сведения об авторе:** ***З.Дж.Рахматова*** **-** аспирантка Института философии, политологии и права АН РТ. Телефон: **(+992) 987-33-83-57**

# МУҲОҶИРАТИ НУХБАГОН АЗ АФҒОНИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

***Ҳумоюн Фарзом***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҳоҷирати мағзҳо масъалаи ҷадид нест ва фақат марбут ба кишварҳои дар ҳоли тавсеа ҳам намебошад, балки ин падида дар даҳаи 1960 дар қолаби муҳоҷирати нухбагони фикрӣ ва мутахассисони фаннӣ аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба Амрико, Канада ва Аврупои Ғарбӣ оғоз шуд. Албатта, муҳоҷирати нухбагон аз кишварҳои пешрафта ба кишварҳои пешрафтаи дигар низ сурат гирифтааст. Масалан, Канада, Олмон, Англия ва давлатҳои дигар дар соли 1960 дар садри кишварҳое буданд, ки нерӯҳои мутахассиси онҳо ба хориҷ, бавижа Амрико муҳоҷират кардаанд.

Сармояҳои як кишвар сирфан ба об, хок ва маъдани он хулоса намешавад, зеро ин сармояҳо ба мурури замон дастхуши таҳаввулоти мухталифи иҷтимоӣ, сиёсию ҷуғрофиёӣ шуда, коҳиш меёбанд. Таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ ба унвони асоситарин навъи сармоягузорӣ аҳамияти фаровоне дорад ва ба назар чунин мерасад, ки пешрафти кишварҳои саноатӣ ба далели афзоиши сармояи пулию молӣ набудааст, балки ба сабаби беҳбуди заминаҳои маҳорати инсонӣ, кордонӣ ва мудирият будааст.

Таваҷҷуҳ ба падидаи муҳоҷирати нерӯҳои мутахассис, бавижа аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба кишварҳои тавсеаёфта бо назароти мутафовите аз тарафи муҳаққиқон, таҳлилгарон ва соҳибназарон рӯ ба рӯ шудааст. Медонем, ки дар бурузи падидаи муҳоҷирати нухбагон авомили мутааддиди иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва ғайра асаргузор мебошад, ки ҳар яке аз ин авомил низ зермаҷмӯаҳои кӯчактареро ба даст медиҳанд.

Падидаи муҳоҷирати нухбагон ё мағзҳо ба унвони як мушкили асосӣ дар солҳои охир дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон, бавижа кишварҳои дар ҳоли тавсеа мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва соҳибназарони улуми мухталиф қарор гирифт ва як падидаи тӯлонимуддат ва таърихӣ аст. Дар мавриди ин падида аз тарафи муҳаққиқон, ҷомеашиносону иқтисоддонон маъмулан, ду омили асосӣ ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Баъзе аз муҳаққиқон аз вожаи муҳоҷирати нухбагони воқеӣ истифода мекунанд, ки дар воқеъ, нухбагон таҳти таъсири мушкилоту масоили дохилӣ ва ҷаззобиятҳои хориҷӣ қарор мегиранд ва ба муҳоҷират аз кишвар мепардозанд. Аҳамияти нерӯи инсонӣ то ҳадде аст, ки назарияпардозон онро ба манзалаи сарвати аслии як ҷомеа медонанд, ки тавонмандии он оҳангу қобилияти тавсеаи ҷомеаро таъйин мекунад, зеро камбудии он муҷиби ақибмондагии ҷомеа мешавад. Ҳамчунин, бар асоси ёфтаҳои таҳқиқӣ муҳимтарин омили пешрафти саноати кишварҳо тарбияи нерӯи инсони мутахассис аст ва баъд аз он бар омили дувум, яъне таҳқиқот ва улум таъкид шудааст.

Вожаи «нухба» дар қарни XVII барои тавсифи маҳсулот бо марғубияти боло ба кор мерафт [1]. Каме дертар корбурди он барои ишора ба гурӯҳҳои иҷтимоии бартар, ба монанди воҳидҳои зарбаи низомӣ ба маротиб олитар аз ашрофият умумият пайдо кард. Қадимитарин корбурди он дар забони англисӣ тибқи навишти фарҳанги англисии Оксфорд дар соли 1382 барои ишора ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ будааст.

Аз даҳаи 1930 ба баъд, истилоҳи «нухба» мавриди таваҷҷуҳи ҷомеашиносон қарор гирифт. Шояд, битавон содатарин таърифи нухбаро афроди таҳсилкарда ва коргарони моҳир донист. Зеро муҳоҷирати нухбагон замоне мавриди истифода қарор мегирад, ки иртиботи як фарди мутахассис бо кишвари худ ба таври комил қатъ мешавад ва кишвари мабдаъ ба ҳеҷ унвон аз донишу муҳоҷирати фарди мавриди назар истифода наменамояд. Дар ҳар ҳол, падидаи муҳоҷирати нухбагон иборат аст аз муҳоҷирати афроди таҳсилкарда ва коргарони моҳир аз кишварҳои фақир ба кишварҳои сарватманд. Ҳамчунин, бояд ба ин нукта ишора намуд, ки истилоҳи

гардиши нухбагон замоне мавриди истифода қарор мегирад, ки нерӯҳои мутахассис ва ё нухбаи як кишвар ба кишвари дигар азимат карда ва дар он кишвар иқомат мегузинад.

Мавзӯи муҳоҷирати нухбагон низ аз ин мустасно ё ба истилоҳ фирори мағзҳо масъалае аст, ки аз он ба унвони як зойиаи миллӣ ёд шуда ва тақрибан аксари кишварҳо бо заъф ва шиддати мутафовите бо он мувоҷеҳ мебошанд.Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ин раванд башиддат бар зарари кишварҳои дар ҳоли тавсеа мебошанд.

Кишвари мо-Афғонистон низ аз ин мустаснӣ набуда ва аз чандин даҳаи қабл ин масъала дар он мавҷуд будааст. Дар байни нерӯҳои мутахассис, ки тамоюли бештар ба муҳоҷират доранд, афроди нухбаи ҷомеа ва таҳсилкардагон дар раддаи болотаре нисбат ба соири гурӯҳҳо қарор доранд. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти мавзӯъ ва хисороти ҷуброннопазир, ки аз ин раҳгузар ба кишвари мо ворид мешавад, бидуни шак, нерӯи инсонии нухба аз умдаи авомили муҳимми рушду тавсеаи ҳар кишваре мебошад, ба тавре, ки бо қотеият метавон гуфт, ки ин омил дар садри соири авомил қарор гирифта, ба кившарҳое, ки ба рушду тавсеаи воқеӣ даст ёфтаанд, дар канори соири манобеи табиӣ, аз нерӯи инсонии бо донишу маҳоратҳои лозима бархурдорбуда ва аз нухбагон ба шакли дуруст ва матлуб истифода ба амал омадааст.Масалаи таъсири мустақими нерӯи инсонӣ бар тавсеаи кишварҳо солҳост мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифта ва ба мувозот (рӯёрӯйӣ, муқобила) - и он ҳассосияти кишварҳо бар муҳоҷирати ин табақа фузунӣ ёфтааст.

Бо ин ҳол дар Афғонистон бо хуруҷи нерӯҳои хориҷӣ дар соли 2014 бисёре аз афроди кордон талош мекунанд, ки аз кишвари хориҷ шаванд.Дар остонаи хурӯҷи нерӯҳои хориҷӣ аз Афғонистон фирор аз кишвар барои паноҳҷӯйӣ бештар шудааст. Як гузориши тозаи гурӯҳи мушоварай ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамзамон, бо берун шудани низомиёни хориҷӣ аз Афғонистон мизони паноҳҷӯёни сиёсии Афғонистон ба кишварҳои ғарбӣ ва Австралия афзош ёфтааст. Пеш аз ин, комиссияи умури ҷаҳонӣ дар маҷлиси намояндагон низ гуфтааст, ки дар 8 соли гузашта бархе аз кормандони раёсати ҷумҳурӣ, дипломатҳо, рӯзноманигорон, варзишгарон ва донишҷӯёни афғон пас аз сафарҳои расмӣ аз бозгашт ба кишвар худдорӣ кардаанд. Фирор барои паноҳандагӣ вожаест, ки афғонон шояд бо он ошно набошанд, зеро солҳост, ки афғонҳо рақами баланди паноҳҷӯёнро ба худашон ихтисос додаанд.

Як гузориши тозаи гурӯҳи мушоварай ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамзамон, бо берун шудани нерӯҳои хориҷӣ аз Афғонистон бисёре аз афғонҳо мекӯшанд, то кишварҳои ғарбӣ ва ё ҳам дар Австралия паноҳандагии сиёсӣ дошта бошанд.

Ба гуфтаи Аббос Фаросӯ: «Мо ба камбудии кадр рӯ ба рӯ ҳастем, дар ҳоле ки рӯйи бисёриҳо барои афзоши зарфият масраф шуда ва агар онон аз кишвар фирор намоянд, дар ҳақиқат бо камбуди бештари кадр ва зарфият дар ниҳодҳои давлатӣ рӯ ба рӯ хоҳем шуд».

Паноҳҷӯйӣ акнун дар сатҳи бошандагони олии кишвар маҳдуд намондааст. Зоҳиран, имрӯз бисёр аз касоне, ки дар мақомоти давлатӣ кор мекунанд, дар талоши паноҳандагӣ баромадаанд. Ин дар ҳоле аст, ки то кунун ҷазо дар қавонини мо дар назар гирифта нашудааст. Маъмурони расмӣ- давлатӣ дар сурати фирор аз кишвар вазифаашонро аз даст медиҳанд ва дар сурати бозгашт ба ватан ҳеҷ гуна муҷозоти мабнӣ ҷиҳати фирор аз кишвар ва ё паноҳанда шудан намегиранд. Комиссияи умури байналмилалӣ, Маҷлиси намояндагони Афғонистон мегӯяд, ки аз 8 сол бад-ин сӯ теъдоди зиёде аз дипломатҳои афғон пас аз поёни маъмурияташон дубора ба кишвар барнагаштаанд ва акнун ҳам гурӯҳи мушовараи ҷаҳонӣ аз афзоиши дархости паноҳҷӯйӣ дар миёни афғонҳо гузоришро паҳн кардааст ва ин ношӣ аз адами итминон аз амнияти соли 2014 баъд дар Афғонистонро нишон медиҳад.

Бо вуҷуди ин ки аз соли 2001 ба ин сӯ шуморае аз муҳоҷирин дубора бо ҳамкории ниҳодҳои байналмилалӣ ба ватан баргаштанд, аммо намуди амният, кор ва зербиноҳои иқтисодӣ боис шуда, то муҳоҷирине, ки баргаштаанд, дубора роҳи кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Аврупо ва хусусан, Австралия шаванд, ки ин мояи нигаронӣ барои мардуми Афғонистон ва ниҳоди маданӣ дар Афғонистон аст.

Ҳарчанд, расидагӣ бар умури муҳоҷирину паноҳандагон ва эҷоди заминаҳои бозгашт аз вазифаву корҳои асосӣ ва муҳимми давлати Афғонистон ва ҷомеаи байналмилалӣ буда, аммо тавоноиҳо ва имконоти давлати Афғонистон ва авзои сиёсию амниятии кишвар ва печидагии масоиле, чун фасод ва набуди тааҳҳуди низоми ҳоким ба бозгардондани амният дар кишвар ҳанӯз мо шоҳиди мавҷи фирори мағзҳо аз Афғонистон ҳастем.

Чунончи, аз хушдорҳои бархе аз чеҳраҳои сиёсии Афғонистон дар мавриди фироре аз мағзҳо, нерӯҳои нухба ва мутахассиси кишвар дар моҳҳои охир бармеояд, ҳанӯз ҳам шоҳиди интишори бархе хабарҳо дар ин маврид будаем. Бархе расонаҳои афғонию хориҷӣ ба адами бозгашти 100 дипломати афғон ба кишвар, адами бозгашти шуморе аз муаллимони афғонӣ, ки аз тарафи ҳукумати Олмон даъват гардиданд ва, ҳатто, талоши бархе намояндагони ҳайати парлумонаш ва афсарони аршади артиш ва полис барои хуруҷи аъзои хонаводаи худ аз Афғонистон, ишора кардаанд. Ҷудо аз бадбиниҳои мавҷуд, дар мавриди ин ки ҳар фарде дар Афғонистон фурсати паноҳандагӣ ва муҳоҷират дошта бошад, лаҳзае диранг намекунад. Бояд зикр кард, ки баррасии авомили муҳоҷират ва паноҳандагӣ дар Афғонистони кунунӣ баёнкунандаи он аст, ки бо вуҷуди он ки дар даҳаи гузашта талошҳое аз сӯйи ҷомеаи байналмилалӣ ва давлати Афғонистон дар мавриди ҳалли масъалаи муҳоҷират

анҷом шудааст, ҳамчунон заминаи кору иштиғол дар бештари манотиқи Афғонистон вуҷуд надорад ва ҳанӯз таъмини мухориҷи зиндагии бахше аз мардум вобаста ба даромади коргарони муҳоҷир аст.

Дар канори ин амри муҳим бояд таваҷҷуҳ дошт, ки акнун Афғонистон дар остонаи соли хуруҷи нерӯҳои хориҷӣ ва бумисозии комили амният аст. Дар ин ҳол, ҳамчунон ба назар мерасад, ки баъд аз амният муҷиби бурузи нигаронӣ ва ҳароси умда дар муҳоҷирфиристӣ ва паноҳандафиристи худи афғонҳост. Чаро ки нигарониҳо аз бадтар шудани авзои амниятӣ пас аз соли 2014, густариши қудратгирии Толибон ва, ҳатто, вуқӯи даргириҳои қавмӣ ва дохилию мазҳабӣ пас аз хуруҷи нерӯҳои НАТО аз Афғонистон, ба навъе мӯҷиби афзоиши майл ва тамоюл ба муҳоҷират хоҳад шуд. Дар бӯдъи иқтисодӣ низ он ҷӣ мушаххас аст, давлати Афғонистон ба танҳоӣ наметавонад заминаҳои иқтисодии лозим барои ҷилавгирӣ аз муҳоҷирфиристиро анҷом диҳад. Чунончи, агар сармоягузориҳо ва кӯмакҳои хориҷӣ ва минтақавӣ дар Афғонистон анҷом нагирад, давлат дар ҳал ва бартараф кардани заминаҳои ин ҷолиш нотавон аст.

Дар паҳлӯи таҳдидҳое, чун бекорӣ ва коҳиши даромадҳо, он чи ки набуди умедворӣ ба як ояндаи рӯшанро дошта метавон, низ афғононеро, ки дар беш аз як даҳҳаи охир бо хориҷиҳо кор мекунанд, нигарон сохтааст. Натиҷаи таҳқиқи 2014 ба он оварда мерасонад, ки ҳазорон тан аз ин афрод дар талош ҳастанд, то бо гирифтани визаи иқоматии бархе аз кишварҳо Афғонистонро пеш аз фаро расидани соли 2014 тарк гӯянд.

Касоне, ки беш аз як даҳаи охирро ба унвони тарҷумон ва ё корманди идорӣ дар бахшҳои гуногун бо нерӯҳои хориҷӣ ҳамкорӣ доштаанд, бо ироаи дархост аз ин кишварҳо мехоҳанд Афғонистонро тарк намоянд. Дар ин миён, ибрози омодагии шуморае аз кишварҳо барои пазириши дархости паноҳандагии ин шаҳрвандони Афғонистон талошҳои онҳоро афзудааст. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар садри ин кишварҳо қарор дорад. Аз соли 2007 бад-ин сӯ, 2200 афғоне, ки бо низомиёни амрикоӣ ҳамкорӣ доштанд, тавонистаанд ба гирифтани визаи иқомат бо хонаводаҳояшон ба Амрико биравaнд. Бо ин ҳол, тақозо барои гирифтани визаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рӯз ба рӯз бештар мешавад, чунон ки дар моҳи нахусти соли равон 1000 нафар барои мусоҳиба ба сафорати ин кишвар дар Кобул ҳузур ёфта буданд.

«Мо медониситем, ки бо наздик шудани соли 2014 дархости виза бештар мешавад, аммо ба ин паймона ҳам интизор надоштем». Тавре ки дида мешавад, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ин амрро қаблан пешбинӣ карда буд.

Афзоиши тақозо барои гирифтани виза аз суръати раванди коста аст, ки бар бунёди он Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бояд дар як сол ба 1500 афғон визаи иқомат бидиҳад. Аз ин рӯ, дар як соли ахир танҳо 63 тан тавонистанд ба гирифтани виза бо хонаводаҳояшон Афғонистонро тарк гӯянд. Аз соли 2011 ин раванд дигаргун шуд, суръаташ, ба ҷойи ин, ки бештар шавад, коҳиш ёфт.

Яке аз тарҷумоне, ки ҳудуди 6 сол бо нерӯҳои амрикоӣ хамкор буд, акнун рӯзшуморӣ мекунад, ки чӣ замон метавонад Афғонистонро тарк бигӯяд. Ӯ мегӯяд: «Дар ин ҷо ҳатто, сифр дарсаде ҳам эҳсоси амниятӣ намекунад. Дар Покистон ва Эрон ҳам амнияте барои афғониҳое чун мо вуҷуд надорад. Ё бояд биравам Амрико, ё худамро ба Худованд биспорам, чун медонам, ки ё аз сӯйи Толибон кушта хоҳам шуд ва ё фармондеҳони дигар гурӯҳҳо маро мекушанд». Дар ин миён, духтарон ва заноне, ки дар ниҳодҳои хориҷӣ кор мекунанд, бештар нигаронӣ доранд. Мехоҳанд ба зудтарин фурсат Афғонистонро тарк карда, роҳи муҳоҷиратро пеш бигиранд.

Афзун ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кишварҳое, чун Олмон, Австарлия ва Зеландияи нав ҳам эъломи омодагӣ кардаанд, то ба ҳазорон афғоне, ки бо низомиёни ин кишварҳо дар Афғонистон хамкор будаанд, паноҳандагӣ бидиҳанд. касонеро, ки ба боварии ин кишварҳо эҳтимол меравад, пас аз соли 2014 ҷонҳояшонро ба хатар бигузоранд. Шумори касоне, ки дар ин муддат бо нерӯҳои олмонӣ дар ин кишвар кор кардаанд, ба 1600 нафар мерасанд ва аз ин миён беш аз 1300 танашон ҳамвора дар маъмуриятҳои низомӣ бо олмониҳо ҳузур доштанд.

Бо ин ҳам рӯшан нест, ки чӣ шумор аз онон хоҳанд тавонист, то берун шудани низомиёни олмонӣ аз Афғонистон кишвари худашонро тарк гӯянд. Дар миёни шумори касоне, ки аз Фаронса дархости визаи иқомат кардаанд, ҳудуди 700 тан гуфта шудааст, аммо интизор меравад, ки танҳо ҳудуди 170 нафар шомили ин раванд шаванд. Пеш аз ин Канада бо поён додан ба маъмурияти низомиаш дар Афғонистон дар соли 2011 ба ҳудуди 800 афғоне, ки бо низомиёни ин кишвар ҳамкорӣ доштанд, паноҳандагӣ додааст.

Вазорати корҳои умури иҷтимоӣ, шуҳадо ва масъулини Афғонистон ба он чи ки фирори мағзҳо аз Афғонистон пиндошта мешавад, вокуниш нишон дод ва ин равандро мояи нигаронии ҷиддӣ медонанд, чизе, ки шуморе аз ниҳодҳои дигари давлатӣ ҳам ба он нигаронанд.

Дар як даҳаи гузашта, бавижа дар як соли гузашта раванди муҳоҷират сареътар ва бо мабонии камтаре анҷом мепазирад. Дар ин миён, вазъияти нухбагони фарҳангӣ беҳтар аз дигар афроди ҷомеа аст. Дар тайи иттилоияе, ки аз сӯйи бархе кишварҳои аврупоӣ, монанди Британия, Англия, Канада барои нухбагони фарҳангии Афғонистон, бавижа касоне, ки ба забони англисӣ мусаллат ҳастанд ва дар тайи як даҳаи ахир ҳузури ин кишварҳо ҳадди ақал 1 сол ба нерӯҳои ғарбӣ хидмат кардаанд,

шароити беҳтаре барои зиндагиву иқомат фароҳам мекунад. Коршиносон ва огоҳон бад-ин боваранд, ки эҷоди тасҳилоти лозим барои муҳоҷирати осони нухбагони Афғонистон ба самти кишварҳои аврупоӣ дар вокеъ, як навъи фирор додани мағзҳо мебошад, ки ба яқинӣ, ин масъала пайомадҳои бисёр манфиеро дар солҳои оянда ба дунбол хоҳад дошт. Ғарб қасд дорад бо инқилоби нерӯҳои нухбаи мо ба хориҷ аз марзҳои кишвар саҳнаи сиёсиву иҷтимоии Афғонистонро аз шахсиятҳои фарҳангӣ холӣ кунад ва ба навъи ин афрод нухбаро ба хидмати худ даровардад.

Заминасозӣ барои фирори мағзҳо ба сурати ошкор анҷом мешавад, аммо дар ҳоли ҳозир арзишмандтарин иқдом пайгирӣ мешавад. Муҳоҷирату иқомат барои касоне, ки мусаллат ба забони англисӣ мебошанд, ҳадди ақал 1 сол ба хориҷиҳо хидмат кардаанд, бад-ин маъно аст, ки кишвар бояд аз афроде, ки тавони мудирият ва тавони бозсозии Афғонистонро доранд, холӣ гардад.

Бар касе пӯшида нест, ки вазъияти иқтисодиву маишатии номуносиби кившар боис шуд, то бисёре аз ҳамватанон чи мардуми одӣ ва чи шахсиятҳои фарҳангӣ ба дигар кишварҳо муҳоҷират кунанд, аммо ба гуфти огоҳони масоили сиёсӣ ин нақшае аст, ки Ғарб мехоҳад ин оби гилолудро ба нафъи худаш истифода кунад. Яъне, ғарбиён бо вуҷуди овардани авзои бади иқтисодию амниятӣ дар Афғонистон ва додани тасҳилот ба афрод бо таҳсилоти олӣ аввалан, аз нерӯҳои инсонии ин афрод дар кишварҳояшон истифода мекунанд. Сониян, фазои як кишварро як фазои орӣ аз рӯшанфикрону босаводон муҳайё месозанд, то дар солҳои оянда ҳеҷ кас барои муқобилат бо аҳдофи Ғарб дар Афғонистон вуҷуд надошта бошад.

Ҷойи нигаронӣ ин ҷост, ки нигаришҳои шахсиятҳои фарҳангӣ ба далели тарс азояндаи фарзандонашон мебошад. Чунин пешбинӣ мешавад, ки тайи солҳои оянда Афғонистон як кившаре хоҳад буд, ки тоҷирону сарватмандони он солҳое пеш рафтаанд, фарҳангиёну фаъолони иҷтимоиёни он ватанро тарк кардаанд ва дигар касе барои бозсозии Ватан дар арсаҳои мухталиф вуҷуд надорад ва ин матлабе аст, ки Ғарб ва бавижа, Амрико хостори он хастанд. Ҷаро ки пас аз муҳоҷират ва дидани шароити беҳтар, ба кишвари хеш бо шароити кунунӣ бозгаштан ғайримумкин хоҳад буд, то замоне ки амният эҳсос нашавад ва фасод дар кишвар аз байн наравад.

Муҳсин Шаҳидӣ, шоири афғон дар робита бо шароити муҳоҷирати афғонҳо, бахусус нухбагони фарҳангии кишвар ба аврупо эҷоди тасҳилот лозим барои муҳоҷирати осони нухбагони фарҳангиро навъе аз рабудани мағзҳо унвон кард ва гуфт: «Ин масъала аз муддатҳои пеш вуҷуд дошта, ки мусалламан табаоти манфиро дар солҳои оянда ба дунбол хоҳад дошт. Ба назари ӯ Ғарб дар талош аст, то бо интиқоли миллату нухбагони мо ба хориҷ аз марзҳои кишвар саҳнаро аз шахсиятҳои фарҳангӣ холӣ намояд ва нухбагонро ба навъе дар хидмати худаш даровcovarад».

Паноҳандагӣ ва иқомат барои касоне, ки таҳсилоти олӣ доранд ва дар баробари таҳсилот забони англисиро медонанд, дар шароити имрӯз бисёр содаву осон шуда, ки ин афрод баъди як соли хидмат ба нерӯҳои хориҷӣ дар Афғонистон дархости паноҳандагӣ медиҳанд ва дар натиҷа, пазируфта хоҳанд шуд. Ин ки вазъияти иқтисодию маишат дар афғонистон сабаб шудааст, то бисёре аз мардуми одӣ ва шахсиятҳои фарҳангӣ ба дигар кишварҳо муҳоҷират намоянд, дар оянда як мушкилии асосиро ба бор хоҳад овард. Феълан он кишварҳо дар Афғонистон ҳузури низомӣ доранд ва авзои бади иқтитсодию амниятӣ, ки сабаби аслии ин нобасомониҳост, то ҳаддӣ худи онҳо мебошад. Манфиати калонро ба даст меоваранд, тамоми ниёзмандиҳои кадрии худро марфӯъ хоҳанд кард, зеро бо вуҷуди чунин шароит ба роҳатӣ метавонанд аз нерӯҳои инсонӣ ба нафъи худашон баҳра бубаранд. Ногуфта набояд гузашт, ки буҳрони он ҳуввият барои кӯдакони афғон, ки дар Ғарб мутамаддид мешаванд, аз дигар мушкилоти муҳоҷирин ба шумор меравад. Фишори муҳити фарҳангии ҳоким дар Ғарб ба гунае аст, ки бархе аз шахсиятҳои фарҳангӣ нигарони чигунагии худашон ва муҳимтар аз он, фарзандонашон дар Ғарб ҳастанд. Бо он ҳам барои зинда мондан роҳи муҳоҷират ва паноҳанда шуданро дар пеш мегиранд.

Авомили зиёде дар муҳоҷирати нухбагон вуҷуд дорад, ки аз ҷумла, метавон ба авомили иқтисодӣ, амниятӣ, сиёсию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ишора кард. Муҳоҷирати нухбагони Афғонистон аз се иллати муҳимми ношӣ, ки иборат аз иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ мебошанд, дар шароити имрӯзи Афғонистон бештар мавзӯи амният матраҳи баҳс ва мояи нигаронӣ мебошад ва ҳарос аз ноороmии пас аз соли 2014 боис шуда, то нухбагони Афғонистон роҳҳои муҳоҷирату фирор аз Афғонистонро дар пеш бигиранд.

Муҳоҷирати мустақими нухбагон байни кишварҳои дар ҳоли тавсеаро ҷазб ва паноҳандагӣ бидиҳанд, дар айни ҳол кишварҳои дар ҳоли тавсеа дар талоши ҷиҳати тарбияту парвариши нухбагони худ буда, талош менамоянд бо қоил шудани имтиёзоти беҳтар онҳоро розӣ нигаҳ дошта, дар ҷиҳати тавсеаи кишвараш аз онҳо истифодаи муассир бикунад, ки ин бо сарфи сармояи ҳангуфт анҷом мепазирад. Дар сурати фирори мағзҳо аз ин раҳгузар, хисорони ворида ба кишварҳои дар ҳоли тавсеа амри ғайри қобили инкор ва ҷубронноpазир аст.

Мутаассифона, дар асри ноамнии иҷтимоӣ ва фасоди идории дастгоҳҳои давлатӣ заминаи танаффус барои нухбагони Афғонистон ба вуҷуд наёмад ва онҳо маҷбур шуданд, ба олами муҳоҷират паноҳ бурда, аз дур шоҳиди авзои нобасомони кишвар бошанд.

Албатта, падидаи муҳоҷират дар арсаи тавлиди нухбагони фарҳангию фикрӣ барои ҷомеаи Афғонистон дастовардҳои муҳим доштааст, бахусус таҳсилёфтагони муҳоҷир дар кишварҳои ҳамсояи рисонс тағйири шигарферо дар фазои омӯзиши кишвар ба вуҷуд овардаанд. Бо ин ҳама, агар ба муҳимтарин мутағайири кунунӣ дарояндаи муҳоҷирфиристии Афғонистон нигоҳе дошта бошем, бояд гуфт, агар Афғонистон битавонад пас аз соли 2014 давлати солим, мунзабит ва коромадро ҳамроҳ бо тазминҳои амнияти ва иқтисодӣ ба шаҳрвандони худ ба вуҷуд оварад, намудори майл ба паноҳандагӣ ва муҳоҷирати афғонҳо коҳиш хоҳад ёфт. Аммо агар таблиғи воқеӣ ва ё ғайривоқеии ноамнию адами суботи иқтисодӣ ва сиёсӣ ва, ҳатто, бурузи ҷанг ва бесуботӣ ҳамроҳ бо афзоиши хушунат дар кишвар густариш ёбад, бояд мунтазири тадовум ва, ҳатто, ва оғози мавҷи навине аз муҳоҷирати афғонҳо ба хориҷ аз кишвар хоҳад буд. Бо нигоҳе ба таҳаввулоти Афғонистон пас аз сарнагунии Толибон бояд гуфт, ки масъалае чун муҳоҷират ва паноҳандагӣ на танҳо амри ҳалнагардида дар Афғонистони кунунӣ нест, балки заминаҳову иллали гуногуне амалан муҷиб шудааст, то ҳамчунон паноҳандагиву муҳоҷирати афғонҳо ва масъалаву ҷолиши муҳимме барои давлату кишварҳои минтақа ва ҷаҳон бошад.

Умед меравад, ки масъулин ин муҳимро дар назар гирифта, роҳи ҳалли муносиброе барои ҷилавгирӣ аз берун шудани нухбаҳои кишвар амалӣ доранд, то ба заминаи рушд ва шукуфоии кишвар дарояндаҳои наздик садамаи ҷиддӣ ворид нагардад.


### АДАБИЁТ

1. Баширия Ҳусайн. Гузорише ба демократия. / Ҳ.Баширия. – Теҳрон: нашри нигоҳи муосир, 2006. – С.52.
2. Ботомур Т.Б. Нухбагон ва ҷомеа. Мутарҷим Алиризо Зийб. // Т.Б. Ботомур– Теҳрон, 1999. – 350 с.
3. Салҷуқӣ Ҳусрав. Муҳоҷирини нигаҳбон, иллалу роҳкорҳо. / Ҳ.Салҷуқӣ. –Теҳрон: Созмони мудирият ва барномарезии кишвари Эрон, 2002. – 360 с.
4. Аскарии Комингар. Фирори Мағзҳо. Мутарҷим Маҷид Муҳаммадӣ. / А. Комингар, Кобул: Инқилоби маъқуси технологӣ, 1998. – 320 с.
5. Муҳаммадии Асл Аббос. Муҳоҷирати мағзҳо, эҳдои кӯмак ба ивази мустакбирон. / М.А. Аббос. Кобул, 2002. – 345 с.



**МИГРАЦИЯ ИНТЕЛЛЕГЕНЦИИ ИЗ АФГАНИСТАНА И ЕЕ ОСОБЕННОСТИ**

В данной статье автор рассматривает специфические особенности миграции интеллигенции из Афганистана и анализирует различные стороны данной проблемы. Также, автор на основе анализа существующих литератур и источников показывает основные причины миграции интеллигенции из данной республики за пределы страны.



**Ключевые слова:** миграция, переселение, популяция, депопуляция, процесс миграции, метрополис, прием мигрантов, проблемы населения, социальные аспекты миграции.



**MIGRATION INTELLECTUALS FROM AFGHANISTAN AND ITS FEATURES**

*Humoyun Farzom - graduate student of TNU*

In this article the author examines the specific features of the migration of intellectuals from Afghanistan and analyzes various aspects of the problem. And also, the author of the review of existing literature and sources shows the main reasons for the migration of the intelligentsia of the republic abroad.



**Keywords:** migration, migration, population, depopulation, migration, Metropolis, reception of migrants, the problems of the population, the social aspects of migration.



**Сведения об авторе:** ***Хумоюн Фарзом*** – аспирант философского факультета Таджикского национального университета. **E-mail:** h.r.farzam@gmail.com; **Телефон: +992 917 718052.**


# МАСЪАЛАИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ ВА ТАЪЛИМОТИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ СИЁСӢ


***Н.С.Муродова***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Инкишофи сиёсат аз ибтидо то ба имрӯз ба худ тағйирпазирии сифатҳои одӣ ва мураккаб, муътадил ва пешқадам, анъанавӣ ва муосирро касб намуда, хосиятҳои мутобиқшавӣ ва одатнамоиро дар рушди низоми ҷамъиятӣ пайдо кардааст. Инкишофи сиёсӣ ё раванди сиёсӣ ҳамчун ҷараёни сиёсат, ки дар рафти ташаккули худ ба зиддиятҳо, бурдбориву нокомиҳо дучор гардида, хело гуногунҷабҳа ва пуртӯғён аст, дер боз диққати мутафаккиронро ба худ ҷалб намудааст.

Дар нигоҳи онҳо сиёсат ва рафти ташаккули он аз омилҳои гуногуни ҷамъиятӣ сарчашма гирифта, ба ҳолатҳои сиёсии кишварҳо ва минтақаҳои олам таъсир расондааст. То пайдоиши илм оид ба инкишофи сиёсӣ, ки дар шакли модернизатсияи сиёсӣ баромад намудааст, рушди сиёсӣ дар таълимоти мухталиф ва афкори сиёсӣ ба таври умумӣ матраҳ гардида, масъалаҳои омӯзиши он дар шакли пароканда ҷой дошт. Бо пайдоиши таълимоти модернизатсияи сиёсӣ масъалаи инкишоф дар чорчӯбаи он дарки илмии худро пайдо кард. Дар назарияи илмӣ масъалаи инкишофи сиёсӣ то замони пайдоиши таълимоти модернизатсияи сиёсӣ дар ҳолати хело доманадор ва бесарҳад таҳлил гашта, ба омилҳои зиёде вобаста буд. Масалан, дар афкори Шарқи қадим инкишофи сиёсӣ бо анъана, дин ва ахлоқ алоқамандӣ дошт.

Инкишофи сиёсат бо рушди ҳаёти иҷтимоӣ, ки саросар аз меъёрҳои ахлоқӣ ва диннӣ баҳравар буд, сарчашма гирифта, дар он талаботи дунявият ё муосиршавӣ ба назар намерасид. Мутафаккирони он замон низ рафти инкишофи сиёсӣ ва самаранокии онро бо ҷой доштани талаботи маънавӣ ва тартиботи ахлоқӣ комёб дониста, кӯшишҳо баҳри созиши ҷомеаи адолатнокро доштанд. Аз он ҷумла, Конфутсий мақсади аслии инкишофи сиёсиро дар мавҷуд будани манбаъҳои ахлоқии идоранамоии кишвар ва инчунин, бо фаъолияти сарвари оқил ва маърифатпазир донистааст. Дар таълимоти қадимаи ҳиндуӣ низ инкишофи сиёсӣ бо ахлоқи диннӣ, дар ибтидо бо браҳманизм ва баъдан, бо буддизм алоқаманд буд, ки ҳар дуи он тарғиби алоқамандии ҳаёти инсониро бо қонунҳои илоҳӣ вазифаи худ дониста, сиёсатро бо дин омехта менамуданд. Дар ин зумра сиёсат чун шакли муносибати иҷтимоӣ баромад намуда, мавқеи номаълумро соҳиб гашта буд. Унсурҳои асосии сиёсӣ чун ифодакунандагони тарс, ҳарос ва зулм аз ҷониби намояндагони ҳокимият истифода мегардиданд, ки ҳамчун воситаи ҷоришавии тартиботи сиёсӣ маълум мешавад. Дар афкори қадимаи Европа масъалаи омӯзиши сиёсат ва ҷараёни тағйирпазирии он дар шакли муносибати ратсионалӣ интишор гардида, дар алоқамандӣ бо ахлоқ ё афкори диннӣ зоҳир мегардид. Мутафаккирони европоии Дунёи қадим инкишофи сиёсиро аз эволютсияи афкори асотирӣ ба фалсафа ва аз фалсафа ба таҳлили мантиқӣ ва ратсионалии сиёсат ва дар охир, бо тадқиқи илмӣ анҷом дода, сиёсатро ҳамчун воситаи идоранамоии ҷомеа медонистанд. Масалан, Суқрот сиёсатро танҳо фаъолияти ақли инсонӣ меҳисобид. Афлотун инкишофи сиёсиро бо фаъолияти сарварони сиёсӣ махсусан, бо ҳокимон - файласуфон алоқаманд намудааст. Ба қавли ӯ танҳо дар ҳолати аз ҷониби табақаҳои ҷамъиятӣ иҷро гардидани фаъолияти касбӣ сиёсат дар кишвар метавонад босамар гардад.

Арасту инкишофи сиёсиро бо омилҳои иҷтимоӣ пайваста, мазмуни онро дар нобаробариҳои иҷтимоӣ медонист. Мақсади аслии сиёсатро дар таъмини хайрияти умум медонист. Аз ин рӯ, аз ҷониби Арасту шаклҳои идоракунии монархия, аристократия ва политияи ҳамчун шакли самараноки давлатдорӣ пазируфта шудаанд.

Дар асрҳои миёна таълимоти сиёсӣ дар Европа бештар бо хусусиятҳои равандҳои сиёсии минтақа вобаста буд, зеро таъсири калисои католикӣ ва Папаи Рим ба кишварҳои мазкур мавқеи дин ва таълимоти теологиро дар муносибатҳои сиёсӣ пурзӯр сохт. Махсусан, дар ин ҷода мақоми асарҳои Аврелий Августин ва Фомаи Аквинӣ хело назаррас аст. Мутафаккирони теолог бештар ба масъалаҳои робитаи мутақобилаи сиёсат ва калисо, қонунҳои илоҳӣ сарукор доштанд. Сиёсат ва давлатдорӣ бояд, аз решаҳои диннӣ ибтидо гиранд, зеро волоияти илоҳӣ ҳамеша вуҷуд дорад. Чунин ғояҳо дар таълимоти асримиёнагии ибтидоӣ интишор гардида, ҳамгироии сиёсат ва динро исбот месохт. Бинобар ин, алоқамандии сиёсат бо ахлоқ, анъана, дин, иҷтимоиёт дар замон ва макони воқеияти сиёсӣ ҳамеша вуҷуд дошт.

Аввалин маротиба сиёсатро ҳамчун соҳаи афзалиятнок нисбат ба дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ Н.Макиавелли тавсиф намудааст. Махсусан, усули реализми сиёсӣ, ки аз ҷониби ӯ тадқиқ гашт, ба мактабҳои католикӣ зарбаи сахт расонид. Ба андешаи Макиавелли сиёсат соҳаи алоҳидаи илм буда, омӯзиши он дар доираи фаъолияти аслии давлат ва омилҳои ҷойдоштаи таърихӣ бояд сурат гирад. Инкишофи сиёсӣ ва самаранокии он аз интихоби шакли дурусти идоранамоӣ (ба қавли Макиавелли ҷумҳурии омехта), қабул ва иҷрои қонунҳо ва фаъолияти сарвар (диктатор) вобаста мебошад. Таълимоти сиёсии асримиёнагии баъдина бо хусусияти тағйирпазирии худ, ки аз давраи эҳё сарчашма гирифтааст, идома меёбад. Маҳз дар чунин замони парокандагии сиёсии Европа ҷой доштани ҷангҳои байни кишварҳо ва зиддиятҳои сиёсӣ дар афкори сиёсӣ ҷараёни утопизм ҳамчун ифодакунандаи орзуҳои мардум ба миён омадааст, ки дар он рафти сиёсат бо иҷтимоиёт алоқаманд буда, созиши кишвари босуботу баробар ва ҷомеаи одилро мақсади худ қарор додааст.

Инкишофи сиёсии Европа дар замони нав, ки бо пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ оғоз мегардад, бо ҷараёнҳои ислоҳотхоҳӣ ва маорифпарварӣ маълум аст. Маҳз дар замони нав (XVI-XIX) кӯшишҳои бештар баҳри имконияти тағйири ҷомеа, ки аз принсипҳои ратсионализм, озодӣ, баробарии шаҳрвандӣ ибтидо гирифтааст, тавлид меёбад. Ба ин замон пайдоиши мафҳумҳои «ҳуқуқҳои табиии инсон», «истиқлолияти халқӣ», «тақсимоти ҳокимият», «давлати ҳуқуқбунёд», «ҷомеаи шаҳрвандӣ», таълимотҳои «шартномаи ҷамъиятӣ» ва «табиати иҷтимоӣ ва синфии давлат» рост меоянд. Назарияи мавҷуда тағйирпазирии сиёсатро пазируфта, инкишофи онро дар заминаи муносибатҳои пешқадам эътироф сохтааст. Андешаҳои пешқадами мутафаккирони замони нав дар бештари конунҳо ва меъёрҳои идоракунии кишварҳо таҷассум ёфта, асри XIX чун асри оғози мубориза ҳо баҳри созиши ҷомеаҳои навини инсонпарвар назаррас шудааст.

Инчунин, таҳлили масъалаи омӯзиши инкишофи сиёсӣ дар таълимоти детерминистӣ, ки он дар шакли раванди ростхата ё мутаносиб баён мешавад, бамаврид аст. Тарафдорони таълимоти мазкур сабаби асосии инкишофи иҷтимоӣ ва сиёсиро бо инкишофи иқтисодиёт вобаста диниста, инчунин омилҳои иҷтимоии ташаккулёфтаро ба инобат мегиранд. Масалан, У.Ростоу ва С. Липсет. С. Липсет мақоми демократия ва қонунияти сиёсиро бо инкишофи иқтисодиёт вобаста медонад. «Чӣ қадаре ки миллат дар иқтисодиёт пешсаф аст, ҳамон қадар имконияти зиёд дорад, ки миллати демократӣ шавад» [9.486]. Андешаи вобастаи иқтисодиёт будани инкишофи сиёсӣ инчунин, дар таълимоти марксизм ҷой дорад. Марксизм инкишофи ҷомеаро бо иқтисодиёт алоқаманд дониста, тағйирпазирии онро бо ивазшавии форматсияи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ воқеият медиҳад. Рушди ҷомеаро бо сохтори коммунизм ба итмом мерасонад. Замони муосир басо сиёсатолуда аст. Аз ин сабаб, дар илми сиёсӣ таълимоти гуногун ва зиёде пайдо гаштанд, ки мароми омӯзиши тағйирпазирӣ ва инкишофи босуръати онро доранд. Назарияи муосири сиёсӣ, ба мисли консепсияи технократия, конвергенсия ва модернизатсия инкишофи сиёсиро аз назари илмӣ матраҳ намуда, ояндаи инкишофи дарки сиёсатро пешбинӣ намудаанд. Дар байни назарияи муосири сиёсӣ таълимоти модернизатсияи сиёсӣ бештар ба масъалаҳои рушди сиёсӣ ва тағйирпазирии он рӯ овардааст. Зеро таълимоти мазкур, маҳз масъалаи муосиршавии сиёсатро мавриди тадқиқ қарор додааст.

Таълимоти мазкур аввалан, дар ғояҳои Макиавелли дар ҷодаи реализми сиёсӣ пайдо гардидааст. Андешаҳои онро дар мактаби сотсиологияи сиёсӣ В. Паретто, Г. Моска ва Р. Михелс идома доданд. Онҳо ба сиёсат мавқеи олиро нисбат ба дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ муносиб донистанд. Таълимоти сиёсие, ки инкишофи сиёсиро мавриди омӯзиш қарор додааст, танҳо солҳои 50-60-уми асри XX ба миён омадааст. Таълимоти назарияи модернизатсияи сиёсӣ дар доираи сиёсатшиносии муқоисавӣ ба миён омада, мактабҳо ва ҷараёнҳои гуногунро дар бар мегирад. Асосҳои методологии омӯзиши модернизатсияи сиёсиро Ф. Тенис, М. Вебер, Т. Парсонс гузошта буданд [3.425]. Махсусан, хизмати М.Вебер дар мавриди ташаккули таълимоти модернизатсияи сиёсӣ бузург аст. Вай асосгузори назарияи тадқиқоти модернизатсияи сиёсӣ аст. Ба М. Вебер ғояи рушди тамаддуни европоӣ дар ҷараёни гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир тааллуқ дорад. Асоси ғояи мазкур рафтори оқилона ва омилҳои маънавии рушди капитализм дар Европа ва таъсири манфии онҳо ба рафти инкишофи ҷомеаи шарқ мебошад. Бешубҳа, дар ин маврид барои М. Вебер масъалаи модернизатсияи кишварҳои шарқӣ ба назар намерасид, лекин рафти тадқиқот бевосита бо таҳлили муқоисавӣ сару кор дошт ва рушди капитализмро бо рафти инкишофи ҷомеаҳои гуногун тадқиқ месохт.

Аз ҷониби дигар, муҳаққиқон дар ташакули назарияи модернизатсионӣ бештар ба асарҳои Ф. Теннис, Э. Дюркгейм ва Т. Парсонс диққат додаанд. Масалан, дар асарҳои Ф. Теннис ва Э. Дюркгейм масъалаҳои эволютсионии инкишофи ҷомеа дар шакли гузариш аз ҷомеаи «якдилии механикӣ» ё умум ба ҷомеаи «якдилии органикӣ» ё маҳдуд дар асоси тақсимоти меҳнат ба назар мерасад. Инчунин, ақидаи таҳлили сохтори фуксионалии Т. Парсонс ҳамчун заминаи назариявӣ дар ташаккули таълимоти модернизатсияи сиёсӣ истифода гардидааст, ки асоси онро ташаккули омилҳои универсалии инкишоф дар раванди сиёсӣ маълум месозанд [9.488].

Новобаста ба ҷой доштани равияҳои гуногун дар ибтидои ташаккули назарияи модернизатсионӣ масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи модернизатсионӣ аз назар дур шудааст. Консепсияи мазкур бо ғояи универсализми тамаддуни ғарбӣ интишор гардида, аз капитализм сарчашма мегирад ва ҷомеаи шахрвандӣ, секуляризм ва фаъолияти ратсионалии амалиро ҷонибдорӣ менамояд. Дар ин асос, дар таълимоти модернизатсионӣ зиддиятҳои ғоявӣ ба миён омадаанд. Масъалаи мазкур дар ҷой доштани равияҳои гуногуни илмӣ (консерваторӣ ва либералӣ) ё зиддиятҳои таълимоти модернизатсионӣ маълум мешавад.

Таълимоти модернизатсияи сиёсӣ ҳамчун таълимот бо мақсади омӯзонидани инкишофи сиёсӣ ба миён омадааст ва пеш аз ҳама, инкишофи сиёсии кишварҳои Европа ва Америкоро ҳамчун намуна нишон додааст. Бешубҳа, ин масъала низ ҳалли хешро ёфтааст ва чун илми муосире, ки маҳз масъалаи инкишофи сиёсии ҷомеаро ба дӯш дорад, баромад мекунад. Сабаби пайдоиши таълимоти модернизатсияи сиёсӣ ин омӯзиши дигаргуниҳои сиёсие мебошанд, ки ба рушди ҷомеа таъсир мерасонанд. Пас, фарқияти назарияи модернизатсионӣ аз таълимотҳои гуногуне, ки дар бораи инкишофи ҷомеа вуҷуд доштанд, дар чист? Хусусияти фарқкунандаи таълимоти модернизатсияи сиёсӣ аз таълимотҳои дигар дар шакли вазифаҳои таълимот ё имкониятҳои маълумкунандаи он баромад мекунад. Чунин имкониятҳои таълимоти модернизатсионӣ дар шакли зайл инъикос мешавад:

Аввалан, назарияи макросотсиологӣ ба мисли таълимоти марксистӣ инкишофи ҷомеаро аз ибтидо то ба охир таҳлил намуда, онро дар шакли форматсияҳои

ҷаъмиятӣ - иқтисодӣ зоҳир мегардонад. Лекин рушди пуравҷи кишварҳои мутамаддини дунё, ки дар асри XX ба миён омад, нуқтаи назари марксистиро зери шубҳа гузошт. Зеро таълимоти мазкур масъалаҳоро дар асоси муносибати синфӣ ва муборизаи синфӣ таҳлил намуда, ҷараёни пурпечутоб ва пуртӯғёни инкишофи сиёсиро ба инобат намегирифт. Таълимоти модернизатсияи сиёсӣ давраи муайяни инкишофро мавриди таҳлил қарор додааст, ки фарқиятро нисбат бо дигар назария ва таълимот ба миён меорад.

Баъдан, таълимоти модернизатсия имконияти дида баромадани механизмҳои воқеии тағйирпазирии иҷтимоиро дорад, ки бештар дар низоми фарҳангӣ, одатҳои миллӣ, ғояҳои ахлоқӣ ва менталитет таҷассум меёбад. Сониян, дар таълимоти модернизатсияи сиёсӣ масъалаҳои инкишофи муътадили ҷомеа бо қобилияти тағйирпазирии моҳият ва вазифаҳои институтҳои ҷамъиятӣ, рафти одатнамоӣ ва тағйирёбии доимӣ, азхудкунии онҳо, инчунин қобилияти дарки ҳамаҷонибаи манфиатҳои инфиродҳо аз ҷониби низоми сиёсӣ таҳлил мегардад. Ҳамин тариқ, таълимоти модернизатсионӣ таълимоти илмие мебошад, ки инкишофи ҷомеаи муосирро вобаста ба тағйирпазирии пурпечутоб, бошитоб ва зиддиятнок тадқиқ намуда, механизмҳои воқеии тағйирпазирии иҷтимоӣ ва рафти амалигардии ин дигаргуниҳоро дарбар мегирад.

Тағйирпазирии мавҷуда дар ҷомеа дар шакли ивазшавии омилҳои гуногун маълум карда мешавад ва дар ин маврид, масъалаи ченаки тағйирпазирӣ пайдо мешавад. Масъалаи андозанамоии тағйирпазирӣ, ивазшавии хусусият ва сифати он бо маълум сохтани нишондодҳо ё ченакҳои ҳолатҳои тағйирпазирии ҷомеа алоқаманд мебошад. Нишондодҳои муайянкунандаи модернизатсияи сиёсӣ аз ҷониби олимон бо ҳар гуна омилҳои дигаргунӣ вобаста буда, маълум гаштааст. Лекин баъзе аз он омилҳоро бештари муҳаққиқон ҳамчун нишондодҳои асосии модернизатсия қабул намудаанд. Модернизатсия ҳамчун шакли тағйири ҷомеа ва инфирод чунин андозаи дигаргуниро дар худ таҷассум менамояд [9.489]: гузариш аз сохтори иҷтимоии одӣ ба сохтори иҷтимоии мураккаб; гузариш аз хосияти ҷойдоштаи интегратсионии ғайрииқтисодӣ ба интегратсияи иқтисодии ҷомеа; гузариш аз этатизм ба иқтисоди бозоргонӣ; мубаддалшавии инсони офаранда ба инсони ихтироъкор; гузариш аз шаклҳои одии шуур ба гуногунақидагӣ; гузариш аз мустаҳкамии комил ба тағйирёбии доимӣ; гузариш аз тоталитаризм ва авторитаризм ба демократия.

Тағйироти дарҷгардида байни ҳам алоқамандӣ доранд ва инкишофи ҳамдигарро таъмин месозанд. Агар алоқамандии онҳо коста гардад ва ба мақсадҳои зарурӣ нарасад, пас натиҷаи модернизатсия низ маҳдуд ё қисман ба миён меояду халос. Масъалаи инкишофи сиёсӣ дар айни ҳол чун масъалаи доманадор ва пурасрор боқӣ хоҳад монд, зеро олами сиёсат гуногунҷабҳа ва беканор мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Бауман З. Спор о посмодернизме / З. Бауман. //Социологический журнал. - 1994. - №3. -С.56.
2. Гадунов А.В. Эволюция политической культуры как фактор модернизации современной российской государственности / А.В. Гадунов. - М.: Наука, 1997.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ /Г.Н. Зокиров. - Душанбе: Деваштич, 2007. -602с.
4. Ильин М.В. Идеальная модель политической модернизации и пределы ее применимости / М.В. Ильин. –М., 2000. -238 с.
5. Козловский В.В. Модернизация: от равенства к свободе / В.В. Козловский, А.И. Уткин, В.Г. Федотова. - СПб, 1995.
6. Красильщиков В.А. Мировые модернизации в судьбы страны / В.А. Красильщиков // Свободная мысль. – 1999. - №1. -С.93
7. Купряшин Г.Л. Кризисы модернизации // Кентавр. -1994. -№3.
8. Модернизация в России и конфликт ценностей; под. ред. Матвеевой С. Я. - М., 1994. -504с.
9. Мухаев Р.Т. Политология //Концепция модернизации как парадигма анализа политических изменений / Р.Т. Мухаев. -М., 2011. -С.486-491.
10. Пантин В.И. Циклы и волны модернизации как феномен социального развития / В.И. Пантин. –М., 1997.


**ПРОБЛЕМЫ ПОЛИТИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ И ТЕОРИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ МОДЕРНИЗАЦИИ**


В статье рассматриваются проблемы развития общества в политическом учении разных периодов. Приводиться поэтапный анализ идей мыслителей древности, средневековья, нового времени и современности. Автором сопоставляется идеи мыслителей о политическом развитии и теории модернизации.



**Ключевые слова**: политическая модернизация, политическое развитие, теология, экономика, марксизм, авторитаризм, демократия, объяснительные возможности, параметры трансформации общества.


**PROBLEMS OF POLITICAL DEVELOPMENT AND POLITICAL MODERNIZATION THEORY**


This article discusses the development of society in the political doctrine of different periods. Driven stepwise analysis of the ideas of thinkers of antiquity, the Middle Ages, a new time and modernity. The author compares the ideas of thinkers about the political development and modernization theory.



**Key words:** political modernization, political development, theology, economics, Marxism, authoritarianism, democracy, the explanatory power of the parameters of transformation of society.



**Сведения об авторе**: ***Муродова Н.С.*** - доцент кафедры политологии ТНУ. Телефон: **918-20-66-65**.

## П Е Д А Г О Г И К А

# ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И МЕЖДИСЦИПЛИНАРНЫЕ МОДУЛИ КАК ВАЖНЕЙШИЙ ЭЛЕМЕНТ СИСТЕМЫ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ

*Е.И. Семушина*
**Челябинский филиал Российской академии народного хозяйства и государственной службы при Президенте РФ**

В связи с переходом на многоуровневую систему подготовки кадров требуется создание новых механизмов и процедур обеспечения качества образования, которые тесно ассоциируются с целями Болонского процесса: академической мобильностью, международного признания дипломов, введением единых технологий обучения и управления знаниями. Инновационные процессы в образовании характеризуются не только масштабными изменениями в содержании обучения и воспитания, переходом на многоуровневую систему профессиональной подготовки специалистов, гуманизацией и фундаментализацией образования, но и кардинальными изменениями в методах и формах обучения. Особенно актуальным является вопрос организации объективной и научно-обоснованной системы педагогического контроля и методик диагностирования знаний студентов. Чем качественнее подготовка специалистов, способных адаптироваться к изменяющимся условиям и технологиям на протяжении всей жизни, тем эффективнее экономическое развитие страны.

Проблема оценки качества образования давно находится в фокусе внимания педагогической науки. Но трудно ожидать, что если содержание образования и методы работы преподавателя изменятся, а способы и критерии контроля и оценки останутся прежними, то качество обучения улучшится. Существующая система учёта успеваемости является формальной, она не стала средством объективной педагогической диагностики для обеспечения обратной связи, а направлена лишь на накопление оценок и определения по ним качества работы преподавателя и студентов. В связи с этим возросла актуальность проблемы применения рейтинговой системы контроля знаний, которая нацелена в первую очередь на повышение мотивации студентов к освоению образовательных программ путём более высокой дифференциации оценки их учебной работы.

Вся концепция рейтинговой системы контроля знаний построена на ряде таких принципов, как гуманизация образования, активизация человеческого фактора, демократизация процесса обучения. Применение рейтинговой системы контроля знаний в учебном процессе позволяет повысить активность и качество работы студентов в течение семестра и всего периода обучения, более объективно оценить студентов по уровню знаний и творческих способностей в группе, потоке, на курсе и определить их дальнейший путь обучения по ступеням бакалавра и дипломированного специалиста, спрогнозировать успеваемость студентов на последующий этапы обучения, а также развить у студентов такие социально – значимые качества личности, как дисциплинированность, ответственность за выполнение планов, заданий, добросовестность, стремление освоить изучаемую дисциплину.

Рейтинговая система контроля знаний предусматривает непрерывный поэтапный контроль знаний студентов на протяжении семестра и всего периода обучения. При этом рабочие программы изучаемых дисциплин формируются преподавателем в виде блока логических модулей. Каждый студент, по мере усвоения материала, проходит этапы начального, текущего и итогового контроля знаний. Итоговым контролем знаний по дисциплине ( промежуточной аттестации) является экзамен или зачёт. Под контролем знаний в системе учебной деятельности следует понимать совокупность действий, позволяющих выявить качественно – количественные характеристики результатов обучения, оценить, как усвоен студентом материал учебной программы. В систему контроля знаний входят устный опрос, контрольная работа, тест, проверка расчётно - графических заданий, рефератов, блока задач, отчётов по лабораторным работам, коллоквиум, зачёт и экзамен.

Несмотря на уже существующий опыт работы рейтинговой системы контроля знаний студентов, необходимо учесть ряд замечаний для повышения её эффективности. При этом не стоит забывать о традиционных методах. Рейтинговые баллы, набранные в течение семестра, создают общие представления о работе студентов, но не освобождают от сдачи экзамена или зачёта, поскольку данные формы контроля интегрируют знания на весь учебный период и предоставляют учащимся возможность продемонстрировать усвоенный материал и повысить итоговую сумму баллов. Одним из аспектов повышения эффективности данной системы является активное использование информационных технологий, например, в виде электронного журнала учёта и контроля знаний студентов. В качестве его основных достоинств необходимо указать следующие: возможность одновременного фиксирования всех видов контроля, приводимых согласно тематическому плану и расписанию занятий; персональный учёт успеваемости всех

студентов с построением индивидуального рейтинга; определение не только итогового, но и промежуточного рейтинга любого студента; быстрого и оперативного внесения любых изменений с одновременным пересчётом всех показателей рейтинга.

Другой, не менее эффективной методикой контроля знаний является компьютерное тестирование результатов обучения, которое обеспечивает получение объективной, достоверной и сопоставимой информации в области качества образования. Использование в тестах вопросов репродуктивно-творческой, творческо-репродуктивной и творческой направленности позволяет выявить и развить у студентов индивидуальные способности практического характера, способность мыслить, рассуждать, предлагать собственное видение различных научных проблем. Применение компьютерного тестирования в учебном процессе вуза приводит к осознанию необходимости научного обобщения накопленного опыта и разработки эффективных путей организации и проведения компьютерного тестирования, которое, в свою очередь должно быть адекватно целям и содержанию профессиональной подготовки будущих специалистов.

Развитию индивидуальных профессионально-личностных качеств, способствуют кейс-тесты. При этом студенты окунаются в ситуацию моделирования будущей профессиональной деятельности, развивая тем самым прикладные и исследовательские способности. Коренным образом модернизировать образовательный процесс позволяют дистанционные образовательные технологии, базирующиеся на возможностях и средствах информатизации и телекоммуникации. Использование дистанционных систем создаёт условия для получения образования независимо от места нахождения обучающегося, снизить затраты на образование и значительно расширить доступ к информационным ресурсам. Использование средств дистанционного образования позволяют создавать конкурентоспособные образовательные услуги и сформировать единый рынок образования. Большие перспективы использования рейтинговой системы открываются с использованием в рейтинговой системе контроля знаний технологий Intranet, представляющих собой технологии WWW в внутрикорпоративной сети.

Благодаря связям с корпоративными базами данных, файл-сервером и хранилищем документов, Web-сервер предоставляет участникам рейтинговой системы самые различные виды информации через единый интерфейс.

Intranet можно использовать как связующее звено между отдельными частями корпоративной сети, что дает преимущества при использовании рейтинговой системы:

– появляется возможность оперативного анализа деятельности (возможность выставления рейтинговых оценок во время проведения занятия и т.д.), а также возможность быстрой корректировки набора анализируемых параметров и видов весовых функций;

– предоставляется возможность получения быстрой и достоверной информации по проведенному анализу не только всего вуза целом, но и каждой группы, студента отдельно;

– Intranet можно использовать при стимулировании не только студентов, но и преподавателей;

– сокращается излишний бюрократизм в работе и снижается стоимость ежедневной рутинной работы [11].

Таким образом, применение информационных технологий в рейтинговой системе контроля знаний студентов, обнаруживают свою значимость, как для развития всей рейтинговой системы в целом, так и для формирования академических способностей студентов, позволяет раскрывать их творческие возможности, повышать психологическую компетентность, умение работать в команде, что особо актуально в наше время.

Стоит обратить внимание еще и на то обстоятельство, что изменения, происходящие в сфере высшего образования, в первую очередь направлены на создание оптимальных условий для формирования целостной личности специалиста, компетентного не только в своей профессиональной сфере, но и в смежных дисциплинарных областях знаний. Поэтому на смену традиционному предметно-дисциплинарному подходу к процессу проектирования учебного процесса приходит междисциплинарный подход.

Создание междисциплинарных курсов в настоящее время является актуальным направлением проектирования учебного процесса в рамках применения компетентностного подхода к процессу подготовки баклавров, так как во ФГОСах третьего поколения формирование компетенций должно происходить в рамках изучения не одной, а нескольких дисциплинах основной образовательной программы.

Необходимо обратить внимание еще и на то, что бакалаврские программы всех направлений подготовки становятся более практико-ориентированными, а общее количество часов на изучение дисциплин уменьшается, поэтому междисциплинарный синтез знаний, умений и навыков обучающихся является одной из основных возможностей повысить качество подготовки бакалавров.

При реализации междисциплинарного подхода учебные дисциплины рассматриваются как части определенных этапов в процессе формирования профессиональных компетенций. Каждый этап может объединять ряд междисциплинарных модулей, которые носят индивидуальный характер и объединены единым требованием к уровню сформированного профессиональной компетенции.

Среди модулей выделяют: модули общенаучной подготовки объединяются по признаку преимущественного формирования аналитико-синтетического уровня – профессиональной подготовки;

модули, где конечным результатом является формирование общеинженерных умений и знаний – алгоритмического уровня;

модули, где завершением являются специальные дисциплины – творческого интеллектуального уровня» [3, с. 70].

Также в педагогическом энциклопедическом словаре представлены другие виды модулей:

–целевые (содержат сведения о новых явлениях, фактах);

–информационные (материалы учебника, книги);

–операционные (практические упражнения и задания)» [9, с. 146].

Многие исследователи в области модульного обучения рассматривали понятие «модуль» Среди них: Н.В. Борисова, Е.М. Дурко, В.В. Карпов, М.Н. Катханов, С.И. Куликов, П. Юцявичене и др.

Анализ позволил определить междисциплинарный модуль как набор учебных дисциплин, необходимых для формирования одной или нескольких профессиональных компетенций в процессе подготовки бакалавра и в рамках требований квалификационной характеристики. Анализ понятий «модуль» «модульное обучение», позволил выделить основные характеристики, относящиеся к понятию «междисциплинарный модуль»:

– цель;
– интеграция различных видов и форм обучения;
– методическое руководство;
– саморазвитие;
– самостоятельность обучающихся;
– умение работать с учетом индивидуальных способов проработки учебного материала;
– контроль и самоконтроль знаний;
– индивидуальная траектория обучения и др.

Необходимость разработки междисциплинарного модуля для многоуровневой подготовки бакалавров, обусловлена возрастающей ролью управления экономическими системами в контексте модернизации российского общества.

Дефицит высококвалифицированных кадров, владеющих современным экономическим, и управленческим аппаратом и умеющим применять современные информационные технологии для решения производственных задач ощущается в организациях, осуществляющих инновационные подходы к своему развитию.

Нами разработан междисциплинарный модуль «Математическое моделирование в практике исследования проблем экономики», который направлен на реализацию модульного подхода к процессу подготовки бакалавров и объединяет дисциплины «Математические методы в экономике», «Методы оптимальных решений», «Компьютерное моделирование социально-экономических процессов» и «Макроэкономическое планирование и прогнозирование» в логически законченный блок дисциплин, направленный на формирование профессиональных компетенций.

Бо мақсади омӯзиши ҳолати проблемаи истифодаи маводи кишваршиносӣ дар раванди таълим мо аз методҳои гуногуни таҳқиқотӣ, ба монанди омӯзиш ва таҳлили назариявии адабиёти педагогӣ ва методӣ, омӯзиши нақшаҳои дарсӣ, мавзӯӣ ва корҳои беруназдарсии муаллимон; таҳлили ба дарсҳо иштирок намудаи муаллимони химия; мушоҳида; пурсиши анкетавии муаллимон; таҷрибаи муқарраркунӣ бо мақсади муайян кардани дониши кишваршиносии хонандагонро истифода намудем. Масалан, барои он ки ҳолати истифодаи маводи кишваршиносиро дар таълими химияи мактабҳо муайян намоем, дар байни муаллимони химияи мактабҳои вилояти Хатлон пурсиши анкетавӣ гузаронидем. Саволҳои анкетаҳо тарзе интихоб карда шуданд, ки таҳлили ҷавобҳо бо дигар методҳои таҳқиқотӣ барои баровардани хулосаи объективӣ дар бораи ҳолати проблемаи истифодаи маводи кишваршиносӣ дар амал ва сабаби пастии ҳалли он имконият медиҳанд. Таҳлили анкетаҳо ва иштирок ба дарсҳои муаллимон нишон дод, ки маводи кишваршиносӣ рӯякӣ ва хеле кам дар раванди таълими химияи истифода карда мешавад.

22 % муаллимони химия изҳор намуданд, ки маводи кишваршиносиро истифода намебаранд, 15,3% кам ва 6,5% аз рӯйи имкон истифода мебаранд. Гарчанде, ки 55,2%-и муаллимони химия изҳор карданд, ки маводи кишваршиносиро ба таври доимӣ истифода мебаранд, лекин 61,5% ҷавоб доданд, ки танҳо аз мақолаҳои нашриёҳои даврӣ истифода бурда, ягон дастур ва ё адабиёти иловагӣ надоранд.

Танҳо 12,8%-и муаллимон аз таҷрибаи шахсиашон ва 10,3 фоизашон аз адабиёти методӣ истифода мебаранд. Ба саволи аз методикаи истифодаи маводи кишваршиносӣ шинос мебошед, 52,6 фоизашон ҷавоб доданд, ки тамоман шинос нестанд.

Танҳо (15,3%) пурсидашудагон аҳамиятро маводи кишваршиносиро қайд намуданд. Бисёрии онҳо (38%) аҳамияти тарбиявии маводи кишваршиносиро қайд намуда, 36% аҳамияти таълимӣ, тарбиявӣ ва рушди маводи кишваршиносиро дар раванди таълим таъкид кардаанд. Ба саволи «Истифодаи маводи кишваршиносӣ аз химия ба чӣ вобаста аст?» 20,5% ҷавоб доданд, ки ба таъмини адабиёт ва дастурҳои методӣ, вале 22,0% посух доданд, ки ин дастурҳоро надоранд.

38,5% муаллимони химия изҳор намуданд, ки дар китобҳои дарсии химия маводи кишваршиносӣ кам аст ва 90,5% ҷавоб доданд, ки талабот пешниҳод нашудааст. Ҳолати ташаккулёбии маҳорати истифода бурда тавонистани маводи кишваршиносиро дар таълими химия омӯхта, мо кӯшиш намудем, муайян намоем:

- то кадом дараҷа талаботи хонандагон дар машғулиятҳо ба маводи кишваршиносӣ қонеъ гардонда мешавад.

Дар давраи аввал бо мақсади муайян намудани сатҳи ташаккулёбии малакаҳои истифодаи маводи кишваршиносӣ дар хонандагон дар раванди омӯзиши химия дар синфҳои 8-9 анкетаҳо пешниҳод карда шуданд. Пеш аз пурсиши анкетавӣ чунин вазифаҳо гузошта шуданд:

1. Дар ҳолати омӯзиши ҳодисаҳо ва иҷрои таҷрибаҳо барои омӯзиши маводи кишваршиносӣ кадом маҳорати асосӣ дар хонандагон ташаккул дода мешавад, муайян кардан.
2. Муайян кардани маҳорати хонандагон оид ба истифодабарии маводи кишваршиносӣ дар омӯзиши ҳодисаҳо, бузургиҳо ва иҷрои таҷрибаҳо аз химия.
3. Аниқ кардани дараҷаи малакаи мустақилона аз худ намудани дониш аз тарафи хонандагон ҳангоми истифодаи маводи кишваршиносӣ.
4. Муайян кардани кӯшиши хонандагон ба дарк ва шавқу ҳаваси онҳо ба химия.

Мо ҳамаи саволҳои анкетаро ба се гурӯҳи умумӣ тақсим кардем:

1. Маҳорати истифодабарии маводи кишваршиносӣ дар сатҳи фаъолияти аз нав ҳосил намудан.
2. Маҳорати истифодаи маводи кишваршиносӣ дар сатҳи фаъолияти ҷустуҷӯйӣ.
3. Маҳорати истифодаи маводи кишваршиносӣ дар сатҳи фаъолияти эҷодӣ.

Ҳар як гурӯҳро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

Маҳорати истифодаи маводи кишваршиносӣ дар сатҳи фаъолияти азнавҳосилкунӣ чунин намудҳои фаъолиятро дар бар мегирад: а) шунидани фаҳмондадиҳии муаллим дар бораи кишвари худ; б) мушоҳида ба намоишдиҳии муаллим; в) дида баромадани кинофилмҳои таълимӣ дар бораи кишвари худ; г) ҳалли масъалаҳое, ки хусусияти кишваршиносӣ доранд; д) иҷро кардани таҷрибаҳои химиявии алоқаманд бо маводи кишваршиносӣ.

Маҳорати истифодаи маводи кишваршиносӣ дар сатҳи фаъолияти ҷустуҷӯйӣ (гуфтаҳои боло дохиланд) чунин намудҳои фаъолиятро дар бар мегиранд: а) кори мустақилона бо китоби дарсӣ ва адабиёти иловагӣ барои бадаст овардани маводи кишваршиносӣ; б) фаҳмиши (дарки) мазмуни маводи кишваршиносӣ ба даст оварда шудааст; в) фаҳмонидани ҳодисаҳои мушоҳидашуда вобаста ба маводи кишваршиносӣ.

Маҳорати истифодаи маводи кишваршиносӣ дар сатҳи фаъолияти эҷодӣ (ба ғайр аз номбаршуда) чунин намуди фаъолиятро дар назар дорад: а) таҳлили маводи кишваршиносӣ аз сарчашмаҳои гуногун бадастоварда; б) таҳлили баромади

рафиқони худ дар бораи кишвари худ; в) иҷро намудани супоришҳо оид ба таснифи маводи кишваршиносӣ; г) кор бо адабиёти илмӣ–оммавӣ дар бораи кишвари худ; д) навиштани рефератҳо ва маърӯзаҳо дар бораи кишвари хеш.

Таҳлили ҳолати масъалаи таҳқиқшаванда дар мактабҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки муаллимон бо хоҳиши худ маводи кишваршиносиро дар дарсҳои химия истифода мебаранд. Суҳбатҳо нишон медиҳанд, ки ин ҳолат дар таълими дигар фанҳо низ мушоҳида мешавад. Таҷрибаи педагогӣ ва дониши бисёр муаллимони ҷумҳурӣ барои васеъ ва ба таври системавӣ истифода кардани маводи кишваршиносӣ дар дарсҳо, корҳои берунazsинфӣ ва тартиб додану ҳал намудани ин масъалаҳо имконият намедиҳад. Суҳбат, омӯзиши ҳуҷҷатгузории мактабҳои нишон дод, ки истифодаи маводи кишваршиносӣ дар таълими химия натиҷанок набуда, аз ҷиҳати методӣ суст ба роҳ монда шудааст. Бисёри хонандагони санҷидашуда дониши назариявии худро дар амал татбиқ карда наметавонанд, инчунин маводи омӯхташударо ба ҳаёт, истеҳсолот алоқаманд карда наметавонанд. Кори хонандагон оид ба омӯзиши кишвари худ яке аз воситаҳои асосии тарбияи хонандагон ба ҳисоб меравад. Ташкил кардани гӯшаҳои мактабии кишваршиносӣ, музей, намоиши қаҳрамонҳои ҷангу меҳнат, навоварон ва дигарон барои тарбияи ватандӯстии хонандагон аҳамияти калон дорад. Тарбияи ҳурмату эҳтиром ба Ватан қисми таркибии кишваршиносӣ мебошад. Ҳарчи зиёдтар кишвар, ватани худро донад, ҳамон қадар ҳурмату эҳтиромаш, дӯстдориаш нисбати Ватан зиёд мешавад.

Шабнишиниҳои кишваршиносӣ, маҳфилҳои, химиявӣ, моделикунонӣ, клуби саёҳатчиёни ҷавон, кишваршиносон, клуби телевизионии кишваршиносӣ ҷавон барои инкишофи фикрӣ, ҷисмонӣ, мустақилӣ ва фаъолнокӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҳосилшавии маҳорату малакаҳои зарурии хондагон ёрӣ мерасонад. Махсусан нашқи кори кишваршиносӣ дар ташаккулёбӣ ва баланд бардоштани шахсият ва маърифатнокии хонандагон калон аст.

Маводи кишваршиносӣ барои тарбияи экологӣ ва иқтисодии хонандагон низ аҳамияти калон дорад. Мо он муаллифонеро, ки ташкили чунин шаклҳои кори кишваршиносӣ, ба монанди экскурсияи кишваршиносӣ ба истеҳсолот, суҳбат, викторина, вохӯрӣ бо олимон, навоварон ва механизаторонро тавсия менамоянд, тарафдорӣ намуда, пешниҳод менамоем, ки ҳар як хонанда бояд дар бораи канданиҳои фоиданоки ноҳияи худ, завод, шахсони собиқадору олимони маҳалли худ маълумоти аниқ дошта бошанд. Таҳлил нишон дод, ки ҳамаи методистоне, ки оид ба ин проблема кор мекунанд, қайд менамоянд, ки маводи ҷамъовардаро дар намуди аввалааш истифода кардан ба мақсад мувофиқ нест. Онро бояд аз ҷиҳати методӣ коркард намоем. Онҳоро бояд ба гурӯҳҳо ҷудо намуд. Мо дар таҳқиқоти хеш, бо баҳисобгирии хусусияти хосси ҷумҳурии худ тарзи зерини ба гурӯҳҳо ҷудо намудани маводи кишваршиносиро тавсия медиҳем:

- Ҳодисаҳои химиявӣ ва равандҳои химиявии алоқаманд ба истеҳсоли пахта ва дигар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ;
- ҳодисаҳои химиявӣ, мафҳумҳо, маълумотҳои ададӣ вобаста ба саноати кӯҳӣ;
- ҳодисаҳои химиявӣ, мафҳумҳо, маълумотҳое, ки пешгузаштагони мо истифода мекарданд (масалан, дастгоҳҳои оҳангарӣ, осиёби обӣ, равғанкашӣ, заргарӣ ва ғайраҳо)
- хусусиятҳои хосси иқлими ҷумҳурӣ алоқаманд ба ҳодисаҳои физикавӣ ва химиявӣ;
- захираҳои энергетикӣ – сӯзишворӣ;
- ҳодисаҳои химиявӣ, физикавӣ мафҳумҳо, қонунҳое, ки дар асарҳои илмии худ олимони форсу тоҷик истифода кардаанд;
- мафҳумҳо, қонунҳо, ҳодисаҳои химиявӣ ва физикавиеро, ки дар асарҳои шоиронu нависандагони ватанӣ, истифода кардаанд.

Таҳқиқоти назариявӣ, омӯзиш ва таҳлили амалии кори мактабҳо нишон дод, ки маводи кишваршиносиро дар таълими химия ба воситаи комплекси методҳо ба монанди, ҳикояи муаллим, суҳбат, тартиб додан ва ҳалли масъалаҳо, намоиши таҷрибаҳо, корҳои лабораторӣ, амалӣ ва кори мустақилонаи хонандагон истифода кардан мувофиқи мақсад мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Консепсияи миллии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
2. Гришина Г. А. Краеведческий материал как средство развития познавательной, творческогй деятельности школьников: автореф. дис …. канд. пед. навук / Г. А. Гришина. –Баку, 1975. -47с.
3. Дранишников В. В. Активизация позновательной деятельности учащихся в процессе краеведческой работы: автореф. дис… канд. пед. наук / В. В. Дранишников. –М.,1986. - 17с.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КРАЕВЕДЧЕСКОГО МАТЕРИАЛА В ОБУЧЕНИИ ХИМИИ


В статье даётся анализ состояния проблемы использования краеведческого материала в школьной практике. Использованию краеведческих материалов в процессе обучения химии не уделяется должного внимания и приводятся конкретные примеры. Также даются рекомендации по улучшению краеведческого материала в процессе обучения химии.



**Ключевые слова:** краеведение, краеведческие материалы, школьники, анализ педагогической литературы, программы, химия, знания, умения, навыки.

**THE USING OF LAND LEARNING MATERIALS IN TEACHING CHEMISTRY**

The given article touches the problem of using land learning materials of school practice it is said that little attention is given for learning this material during teaching of chemistry, and concrete examples are given too.

Also is given the recommendation for mating better the land learning material while teaching chemistry.

**Key words:** land learning, land learning materials, pupils, analyzing the pedagogical literature, programs of chemistry, knowledge, skills.

**Сведеня об авторах:** ***Насриддинов С.*** – соискатель КГТУ им.Носира Хусрава
***Холназаров С.*** – доктор педагогических наук, профессор КГТУ им.Носира Хусрава

# МАСЪАЛАҲОИ ҲАЛТАЛАБИ ФАРДИКУНОНӢ ВА ТАФРИҚАКУНОНИИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***У.З. Зубайдов, М.Н. Ҷалилова***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳар гоҳ ки оид ба ягон масъалаи таълим ва тарбия таҳқиқот менамоем, ҳатман ба давраҳои дуру наздики он назар меандозем. Ин табиист, зеро таърихи онро донистан ва аз он сабақ гирифтан, яке аз сифатҳои олии инсони бошуур аст. Маҳз ҳамин нуқтаро ба инобат гирифта, дар айни замон диди худро ба таълими тафриқавӣ ва фардикунонии таълим равона сохта, қайд месозем, ки асосҳои интихоби мазмуни таҳсилот, ҷавҳари он ва махсусан равияи инсонпарваронаи он ҳанӯз дар давраҳои қадим, дар китоби муқаддаси «Авасто»-и зартуштиён гузошта шуда, баъдтар дар осори шоирони бузурги форсу тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, файласуфон-мутафаккирони барҷаста -Абӯалӣ Сино, Ҷобир ибни Хайён, Закариёи Розӣ ва дигарон, олимон – педагогҳо Унсурулмаолии Кайковус, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Аҳмади Дониш ва бисёри дигарон инкишоф ёфтааст.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ нақшаю барномаҳои таълимии якмаром амал мекарданд ва вобаста ба талаботи ҷамъият илми дидактика ҳам дар доираи ҳамон чарх мезад, ҳарчанд ки як қатор педагогон ва равоншиносони алоҳида (А.В. Луначарский, Л.С. Виготский, В.В.Давидов, М.Н.Скаткин…) кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҳамин қолабҳоро шикананд, вале, аз ноилоҷӣ аз доираи машғулиятҳои иловагию факултативӣ берун набаромаданд. Махсусан, аз охири солҳои 60-уми асри гузашта сар карда, тайи даҳсолаҳо дар ҳамаи намуди таълимгоҳҳо, чи дар муассисаҳои томактабӣ, чи дар мактабҳои ибтидоӣ ва чи дар мактабҳои миёна аз рӯйи принсипи маълумотнок гаштани ҳама амал намуда, дар кору фаъолияти хеш хонандагонеро ба ҳисоб мегирифтанд, ки ҳам аз ҷиҳати дониш ва ҳам аз ҷиҳати рафтор дорои мавқеи миёнаю қаноатбахш буданд. Бо назардошти чунин усули таълим, дастурҳо ва воситаҳои таълим пешниҳод мегардиданд. Ҷомеа ва аксарияти муаллимони мактабҳо дониш доданро ба миқдори соатҳои ҳафтаина вобаста дониста, «мактабро, ки ҷойи фароғату инкишофи қобилиятҳост, ба макони маълумотдиҳӣ табдил доданд ва обрӯи мактабро паст заданд» [7]. Чунин тарзи таълим дар мактабҳо боиси он мегардид, ки хонандагони қобилиятноку эҷодкор аз доираи ғамхории устодон дар канор монда, онҳо ба ҳоли худ гузошта мешуданд.

Ҳамин ки ҷомеа ба куллӣ тағйир ёфту шароити мусоид фароҳам омад, педагогон ва омӯзгорони пешқадаму ташаббускор ба таълиму тарбияи якнавохти мактабҳо аз диди танқидӣ назар карда, дар хусуси паҳлуҳои дигари маълумот ва таълиму тарбия, аз ҷумла омӯзиши тафриқавӣ озод ҳарф мезадагӣ шуданд.

Хушбахтона Тоҷикистон аз ин раванди ҷомеа, дар канор намонд. Баъди ба даст овардани истиқлолияти ҷумҳурӣ дар охири қарни XX дар соҳаи илму фарҳанг ва маориф як қатор дигаргуниҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Ҳукумат ва ҷомеа роҳи демократикунониро пеш гирифта, ба арзишҳои миллӣ рӯ овард ва ҳамин буд, ки «Консепсияи мактаби миллӣ» ба вуҷуд омад, ки дар саҳифаи 4-и он қайд шудааст: «…барқарор ва пойдор намудани педагогикаи ниёгон…»

Таҳлилу таҳқиқҳои олимони тоҷик дар соҳаи педагогика онро собит менамояд, ки афкори педагогии мардуми Шарқ, аз ҷумла намояндагони халқи тоҷик, аз назарияи илми педагогика орӣ нест. Аз ҷумла, тибқи қобилият ба фарзандон таълиму тарбия додан ва ҳангоми ташкили таълим ба инобат гирифтани қобилияту рағбати бачагон, шарти зарурӣ буд. Чунончи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ (1218-1293) дар масъалаи ба табиат ва сиришти кӯдак аҳамият додан менависад: «Беҳтар ва шоистатар он аст, ки ба табиати кӯдак назар ва тариқи фаросату зиракии ӯ эътибор диҳанд ва донанд, ки чӣ навъ илму ҳунарро барои ёд гирифтан дар ниҳоди ӯ сиришта бошад, ӯро ба он навъи ҳунар машғул гардонанд, зеро ҳама кас ба ёд гирифтани ҳама чизҳо истеъдод надорад» [1, 79]. Дар давоми садсолаҳо то барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар мактабҳои кӯҳнаи тоҷикон ба чунин шакли таълим, яъне таълими тафриқавӣ диққат медоданд, ҳар хонанда вобаста ба лаёқати фитрии худ баъди пурра аз худ намудани сабақаш ба омӯхтани сабақи дигар мегузашт.

Имрӯз муҳтаво ва мазмуни илми педагогикаро чор самт муайян мекунад, ки яке аз онҳо ин тафриқаи (дифференсиатсияи) мазмуни маълумот ва раванди таълим аст.

Мафҳуми «тафриқа» (تفرقه) – ҷудо кардан, дар амалия барои ҳамаи соҳаҳои дониш умумист. Тафриқа ҳамвожаи калимаи русии «дифференсиатсия» (аз забонҳои фаронсавӣ differentiation ва лотинӣ differentia – гуногун, фарқият) буда, маънои он ҷудо кардан, тақсим кардани қисми бутун ба қисматҳои гуногун, шаклҳо ва зинаҳо мебошад [12, 397]. Мафҳуми тафриқакунонӣ бошад, ба қисмҳо ҷудо кардан, фарқ кардани чизи алоҳидаю шахсиро ҳангоми дида баромадан, омӯзиши ягон чизро мефаҳмонад [13, 168]. Вобаста ба ин тафриқакунонии таълим – ҷудо кардани нақшаҳо ва барномаҳои таълимии мактабҳои умумӣ вобаста ба майлу хоҳиш ва қобилияти хонандагон фаҳмида шуда, бо ташкили мактабҳо, гурӯҳҳои таълимӣ ва синфҳои омӯзиши амиқи фанҳои алоҳидаи таълимӣ ва факултативҳо ба амал бароварда мешавад [9, 345].

Вобаста ба ҳамин, олимон кӯшишҳои зиёде ба харҷ додаанд, ки мафҳуми «таълими тафриқавӣ»-ро тафсир диҳанд. Чун қоида, дар зери мафҳуми тафриқа чунин системаи таълимиеро мефаҳманд, ки дар он ҳар як хонанда ҳуқуқ ва имконияти кафолатнокро ба даст меорад, то ин ки диққати зиёди худро ба ҳамон самте равона созад, ки аз ҳама бештар ба майл, шавқ ва қобилиятҳои ӯ ҷавобгӯ бошад. Пас, омӯзгор бояд донад, ки имрӯз дар сарчашмаҳои муосири педагогӣ вобаста ба фарқият истилоҳҳои «таълими тафриқа», «муносибати тафриқавӣ», «тафриқаи сатҳӣ», «муносибати фардӣ» ва «фардикунондани таълим» васеъ истифода бурда мешавад. «Энсиклопедияи педагогӣ» мафҳумҳои «таълими тафриқа» ва «фардикунондани таълим»-ро ҷудо менамояд ва маҳз яке аз проблемаҳои муҳимтарини таълими тафриқавӣ ин муносибати он бо таълими фардӣ мебошад. Зеро, дар амалияи муосири таълим барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбия муносибати фардӣ бо хонандагон васеъ истифода бурда мешавад. Муносибати фардӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи мактаб вобаста бо назардошти хусусиятҳои мушаххаси таърихӣ ҳал мегардад. Зарурияти муносибати фардӣ дар таълим бо пайдо гаштани системаи таълими синфию дарсӣ ба миён омад.

Вобаста ба ин, мавзӯъ таҳқиқотҳои С.Л. Рубинштейн дар коркарди проблемаҳои омӯзиши хонандагон ва дар муайян намудани мазмуни муносибатҳои фардӣ, корҳои А.Н. Леонтев оид ба муносибатҳои шахсӣ, назарияи давра ба давра ташаккул ёфтани таъсир ва фаҳмиши ақлии П.Я. Галперин ва дигарон нақши муҳимро мебозанд. Ба ғайр аз ин проблемаҳои фардикунонӣ ва тафриқакунонии таълим дар корҳои як қатор олимони шинохта ба мисли А.А. Бударний, Н.Э. Гронлунд, Е.Я. Голант, У.З. Зубайдов, А.А. Кирсанов, Н.С. Пуришева, Е.С. Рябунский, Г.К. Селевко, А.П. Тряпитсина, И.Э. Унт, А.В. Хуторской ва дигарон инъикос ёфтааст. Дар корҳои ин олимон таҷрибаҳои давлатҳои хориҷа оид ба фардикунонӣ ва тафриқакунонии таълим таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои хонандагон, ки дар вақти фардикунонии фаъолияти таълимӣ ба ҳисоб гирифтан ниҳоят заруранд ва инчунин баъзе омилҳое, ки хонандагонро ба ин фаъолият ҳавасманд месозанд, ҷудо карда шудаанд. Проблемаи ташаккули ҳаматарафаи амалиётҳои таълимӣ дар корҳои Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев, Д.Б. Элконин, В.В. Давидов, А.Г. Асмолов ва дигарон дарҷ ёфтаанд. Дар корҳои онҳо дар асоси муносибати фаъолиятию сохторӣ консепсияи инкишофи фаъолияти ҳаматарафаи таълимӣ ҳамчун салоҳиятҳои калидии хонандагон пешниҳод гардидаанд.

Таҳлили адабиётҳои методӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ, корҳои амалии муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳанд, ки ин проблемаи таҳқиқот дар замони муосир дар давраи инкишофи методикаи фанҳо ва ташаккули дарккунии амалиёти ҳаматарафаи таълимӣ фаъолона муҳокима мегардад.

Ба ғайр аз ин, маълум мегардад, ки омӯзиши мафҳумҳои «фардикунонӣ» ва «тафриқакунонӣ» дар адабиётҳои педагогию психологии ватанӣ, рус ва хориҷӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва онҳо даҳҳо маротиба таҷдиди назар карда шуда, аз нав дида баромада шудаанд. Ин мафҳумҳо ҳамчун нишондоди як қатор тамоюлҳо ва ҳодисаҳо қабул карда шуда, аксар вақт чудогона ва сабабҳои ниҳонии назариявии гуногун доштанд, ки ҳатман ба сершумории муносибатҳои сифатии дар адабиётҳои таҳқиқотии педагогӣ дидашаванда таъсир мерасониданд [4]. Дар маҷмӯъ маълум гардидааст, ки мафҳуми «фардикунонӣ» нововбаста аз он ки аз илми равоншиносӣ гирифта шуда бошад ҳам, барои педагогика махсусият пайдо кардааст ва, аллакай, вобаста ба мазмун мустақил гаштааст ва маънои маҳдуди аввалааш онро дигар тасвир намесозад. Дар ҳоли ҳозир қайд мегардад, ки фардикунонии таълим ин истифодаи муносибати фардист (Рябунский, Унт). Охирин ҳамчун як навъ принсипи умумии алоқаи инкишофёбанда маънидод карда мешавад ва нововбаста ба муносибат ба ҳар як субъекти омӯзиш иҷро мегардад.

Дар луғати охирини педагогӣ [6] доири ин ду мафҳум чунин таъриф дода шудааст: *Фардикунонии омӯзиш ин ташкили ҷараёни таълим бо баҳисобгирии хусусиятҳои фардии хонандагон буда, дар шароити кори таълимии коллективӣ дар чаҳорчӯбаи вазифаҳои умумӣ ва мазмуни омӯзиш иҷро карда мешавад.*

*Тафриқакунонии таълим ин баҳисобгирии хусусиятҳои фардӣ дар шакли гурӯҳбандии хонандагон дар асоси ҷудо кардани хусусиятҳои муайян, ки боиси махсусияти ҷараёни таълим гардидааст ва тарзи ташкили ҷараёни таълим дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои фардию типологии шахсият бо роҳи ташкил кардани гурӯҳ, синф, муассисаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, ки дар онҳо мақсад, мазмун, методҳо, шакл ва натиҷаи истифодаи барномаҳои таълимӣ фарқ мекунанд, мегузарад.*

Мо метавонем ба корҳои Н.С. Пуришева [10] такя намуда, муносибатро ба фардикунонӣ мумкин аст, ба чунин қисматҳо ҷудо намоем:

1. Дар байни фардикунонӣ ва тафриқа фарқияти муайян гузошта намешавад, онҳо ҳамчунин ба сифати синонимҳо истифода бурда мешаванд.

2. Фардикунонӣ ҳамчун стратегияи ба даст овардани мақсадҳои омӯзишӣ дида мешавад, яъне вай дар ҷараёни таълим ғайримунтазам зоҳир мегардад.

3. Фардикунонӣ дар ҳамаи ҳолатҳои умумӣ дида баромада мешавад, вобаста ба тартиботи дараҷаи татбиқ кардани субъект ба тафриқавӣ (беруна), дохилигурӯҳӣ (дохилисинфӣ) ва кори фардӣ бо ҳар як хонандаи алоҳида ҷудо мешавад.

Тафриқа низ дар ҳамин кор ба беруна, дохила ва ба фардикунонӣ ҷудо карда мешавад. Тафриқаи беруна хонандагонро дар гурӯҳҳои махсус якҷоя мекунад ва таълим аз рӯйи барномаи махсус ба ҷо оварда мешавад. Тафриқаи дохила ҳамчун кори дохилисинфӣ дида баромада мешавад, ки дар он хонандагон вобаста ба хусусиятҳо ва рағбатҳои фардӣ, мумкин аст гурӯҳҳои муваққатиро ба миён оранд. Фардикунонӣ дар ин матн муносибати алоҳида ба ҳар як хонанда дар алоҳидагист.

В.М. Монахов, В.А. Орлов ва В.В. Фирсов дар зери мафҳуми тафриқа чунин шакли ташкили ҷараёни таълимиеро мефаҳманд, ки «дар он ҳар як хонанда як қисми тайёрии умумии таълимиеро аз худ намудааст ва он дорои аҳамияти умумӣ буда, имконияти мувофиққунониро дар шароити доимотағйирёбанда таъмин месозад, ҳуқуқ пайдо мекунад ва имконияти кафолатнокро соҳиб мегардад, то ки диққати бартаринокашро ба ҳамон самте равона созад, ки ба дараҷаи шавқу ҳаваси ӯ ҷавоб дода тавонад» [8].

Дар рисолаи худ Ф.М. Рафикова доир ба муносибати тафриқавӣ ва фардӣ ба таълим қайд месозад, ки «Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини кушода додани мазмуни проблемаи тафриқа ин муносибати он бо фардикунонии таълим аст. Муносибатҳои гуногун дар таносуби мафҳумҳои «фардикунонӣ» ва «тафриқакунонӣ»-и таълим мавҷуд мебошад ва ҳамин тавр, тафриқакунонии таълим яке аз воситаҳои самараноки таъсиррасонӣ ба тамоюлҳои арзишноки хонандагон, инчунин ба сифатҳои бештар аҳамиятноки шахсияти онҳо буда, вобаста ба ҳамин аз бисёр ҷиҳат ба инкишофи системаи маълумот, гузариши он ба дараҷаи нави сифатӣ имконият медиҳад» [11]. Барои И.С. Якиманская фардикунонӣ дар муносибати ба шахсиятравонакарда шуда, ки дар он дар нақши аввал кушодашавӣ ва минбаъд инкишофи мақсадноки инкишофи кӯдак гузошта мешавад, нишон дода шудааст [16]. Е.П. Беспалова ба корҳои И.С. Якиманская такя намуда, барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ ду модели бештар аҳамиятноки маълумоти ба шахсият равонакардашударо ҷудо менамояд: модели психологӣ (эътироф сохтани фарқияти фардии хонандагон) ва модели фаннию дидактикӣ (тафриқаи фаннӣ).

Фардикуниро А.А. Кирсанов ҳамчун фаъолияти фардии таълимӣ вобаста ба муносибат ба гурӯҳи алоҳидаи хонандагон, ки аз рӯйи талаботҳои дарккунии якхела ва имкониятҳо ё дигар муҳиммоти маҷмаи сифатҳо барои ҷараёнҳои таълимӣ ташкил кардаанд, меҳисобад. Вай инчунин тавсифи лоиқи таваҷҷуҳро нисбат ба фардикунонии омӯзиш пешниҳод менамояд ва онро ҳамчун фаъолияти самтноке меҳисобад, ки барои бартараф намудани ихтилофот дар байни дараҷаи фаъолияти таълимӣ, ки барномаҳои таълимӣ медиҳанд ва талаботи дарккунии хонанда ва инчунин имкониятҳои ҳақиқии ӯ мешуморад. Қайд карда мешавад, ки фардикунонӣ, ин омили зарурии истифодаи мақсадҳои гуногуни омӯзиш ва ташаккули фардият аст [5].

И.Э. Унт дар китоби «Индивидуализация и дифференциация обучения» фардикунониро ҳамчун баҳисобгирӣ дар ҷараёни омӯзиш хусусиятҳои фардии хонандагонро дар ҳамаи шаклҳо ва методҳои он новобаста аз он ки кадом хусусиятҳо ва дар кадом миқдор онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд, дида мебарояд. Тафриқа дар ҳамин кор ҳамчун бартарие барои ҷудо намудани хонандагон ба гурӯҳҳои равиянок бо барномаҳои гуногуни таълимии худ дида баромада мешавад [14].

А.В. Хуторской нигоҳашро ба муносибати фардӣ қайд месозад, ки: «…вобаста ба ин принсипи педагогика, дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ бо гурӯҳ, омӯзгор бо хонандагони алоҳида бо ёрии модели фардӣ якҷоя амал мекунад, ки дар ин ҷо хусусиятҳои шахсии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад; рӯй овардан ба хусусиятҳои фардии кӯдак дар муносибат бо ӯ; ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдак дар ҷараёни омӯзиш; ба вуҷуд овардани шароитҳои психологию педагогӣ барои инкишофи на танҳо ҳамаи хонандагон, инчунин ҳар як кӯдак [15]. Ҳамчун методи ҳалли масъалаҳои муносибатҳои фардӣ муаллиф пешниҳод месозад, ки роҳҳо ва моделҳои шахсии омӯзиши хонандагон, яъне тасвири хатсайри омӯзиши фардиро созанд.

Е.С. Глозман фардикуниро ҳамчун фаъолияти омӯзгор ва хонанда оид ба дастгирӣ ва рушди аломатҳои ягона, махсус ва ба худ хосро, ки дар кӯдак дар табиаташ мавҷуд аст ва ё он чизе, ки ӯ дар таҷрибаи фардӣ ба даст овардааст, муайян мекунад. Муаллиф ба ин мафҳум қисматҳои гуногунро дохил намудааст:

1) ёрии фардию роҳнамоӣ ба хонандагон дар истифодаи талаботҳои заминавии аввалин, ки бе онҳо дарки табиии «худ» ва арзишҳои инсонӣ имконияти мавҷудият надорад;

2) ташкил кардани шароитҳо барои истифодаи озоди қобилиятҳо ва имкониятҳои додашуда, ки танҳо барои ҳамин фард хос аст [3].

Аз ин ҷо бармеояд, ки ба назар гирифтани қобилияти фардии кӯдак дар ҷараёни омӯзиш яке аз муҳимтарин талаботҳо ба ҳисоб меравад, зеро ки хонандагон аз рӯйи ин ё он нишондод аз якдигар фарқ мекунанд. Ҷараёни фардикунонӣ дар раванди омӯзиш: мушкилии хонандагони алоҳидаро дар раванди омӯзиш бартараф месозад; имконият медиҳад, ки хонандагон дар ҷараёни омӯзиш тамоми қувваи худро истифода бурда инкишоф ёбанд.

Барои бомуваффақият ҷорӣ гардидани ин раванд зарур аст, ки омӯзгор қобилияти хуби педагогӣ дошта бошад. Инро бошад, дар навбати аввал муваффақияти омӯзиши фардӣ меноманд, зеро ки аз муносибати оромона ба хонанда, калимаҳои рӯҳбаландкунанда, минатдорӣ барои ҷавоби дуруст, зебо навиштани як ҷумла, аз огоҳии дағал дида, натиҷаи хубтар медиҳад. Хонанда агар сустхон ҳам бошад, бояд бовар ҳосил намояд, ки омӯзгор ба натиҷаи дастрасшудаи ӯ таваҷҷуҳ дорад. Дар ҳолате ки хонанда, ба андак натиҷа ноил мегардад, омӯзгор бояд хурсанд шавад, то ин ки хонанда аз ин натиҷа хушҳол бошад.

*Таҷрибаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ташкил кардани тафриқаи дохилисинфӣ дар мактаби ибтидоӣ, яке аз роҳҳои асосӣ фардикунонии таълим аст. Бинобар ин, таълими хонандагон на танҳо вобаста ба дараҷаи тайёрӣ, инчунин имкониятҳои таълимӣ вазифаи мураккабест, ки дар пеши омӯзгори синфи ибтидоӣ меистад. Ҳал намудани онҳо бе муносибатҳои фардӣ ва тафриқавӣ дар таълим ғайриимкон аст.*

## АДАБИЁТ


1. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х. Афзалов, Б. Раҳимов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 190 с.
2. Беспалова Е.П. Индивидуализация и дифференциация обучения технологии в основной общеобразовательной школе: автореф. дис. … канд. пед. наук / Е.П. Беспалова. – Екатеринбург, 2005.
3. Глозман Е.С. «Школа» проектной деятельности учащихся 5-7 классов / Е.С. Глозман // Проблемы технологического образования в школе и Вузе: материалы XIV Международной конференции по технологическому образованию школьников. – Москва, 2008. – С. 279-285.
4. Зубайдов У.З. Таълими тафриқа ва мактаби муосир / У.З. Зубайдов. – Душанбе, 2013. – 304 с.
5. Кирсанов А.А. Педагогические основы индивидуализации учебной деятельности учащихся: автореф. дис. … докт. пед. наук / А.А. Кирсанов. – Л., 1983. – 40 с.
6. Коджаспирова Г.М. Словарь по педагогике / Г.М. Коджаспирова, А.Ю. Коджаспиров. – М.: ИКЦ «МарТ»; Ростов на Дону: Издательский центр «МарТ», 2005. – 448 с.
7. Лутфуллоев М. Шамъ аст агар шогирд… / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Адаб, 1993.
8. Монахов В.М. Дифференциация обучения в средней школе / В.М. Монахов, В.А. Орлов, В.В. Фирсов // Сов. педагогика. – 1990. - №8. – С. 42-47.
9. Новый энциклопедический словарь. – М.: Научная издательство «Большая Российская энциклопедия». Издательство «Рипол Классик», 2000. – 1456 с. – (Библиотека словарей).
10. Пурышева Н.С. Дифференцированное обучение физике в средней школе / Н.С. Пурышева. – М.: «Прометей», 1993. – 161 с.
11. Рафикова Ф.М. Профильная дифференциация обучения математики в средней школе: монография / Ф.М. Рафикова. – Стерлитамак: СГПИ, 2000. – 159 с.
12. Советский энциклопедический словарь; главн. ред. А.М. Прохоров. – 3-е изд. – М.: «Советская энциклопедия», 1984. – 1600 с. – (Библиотека словарей).
13. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – 4-е изд. – М.: Азбуковник, 1999 – 944 с.
14. Унт И.Э. Индивидуализация и дифференциация обучения / И.Э. Унт. – М.: Педагогика, 1990. – 192 с.
15. Хуторской А.В. Личностная ориентация образования как педагогическая инновация / А.В. Хутороской // Школьные технологии. – 2006. - №1. – С. 3-12.
16. Якиманская И.С. Личностно-ориентированное образование в современной школе / И.С. Якиманская. – М.: Сентябрь, 1996. – 96 с.


## ПРОБЛЕМЫ ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ И ДИФФЕРЕНЦИАЦИИ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


В статье констатируется о проблемах применения дифференцированного и индивидуального подхода в процессе обучения учащихся в начальных классах. Дифференциация обучения в начальных классах является одним из средств реализации индивидуального подхода. Индивидуальное обучение чаще всего в школьной практике сочетается с дифференцированным обучением, то есть реализуется на основе дифференциации.



**Ключевые слова:** индивидуальные различия, индивидуальный подход, индивидуализация, способность, дифференцированное обучение.


## PROBLEMS OF INDIVIDUALIZATION AND DIFFERENTIAL PROCESS OF TEACHING OF JUNIORS SCHOOLS


The problems of accepting division and individual way in the process of learning in the primary classes are used in the article. Differential teaching in the primary classes is one of the means of realization of individual ways. Individual study first of all in school's practice seems with differential study, as it's realization in the main differential.



**Key words:** individual realization, individual way, individualization, capable, differential teaching.



**Сведение об авторов:** ***У.З. Зубайдов*** – доктор педагогических наук, академик АОТ, профессор, заведующий кафедрой методики преподавания химии ТГПУ им. Садриддина Айни. Телефон. **918.64.41.37.**

***М.Н. Джалилова*** – старший преподаватель кафедры методики начального образования ТГПУ им. Садриддина Айни. E-mail: **jmavluda@inbox.ru.** Телефон: **904.43.56.38.**

## МУНДАРИҶА -СОДЕРЖАНИЕ

### Т А Ъ Р И Х –И С Т О Р И Я


**АЛЛОМАИ ЗАМОНИ ХУД**
*Қаҳҳори Расулиён*.......................................................................................................... 3

**РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ**
*А. Азимов*.......................................................................................................... 5

**ПЕНСИОННОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ВОЕННОСЛУЖАЩИХ И ЧЛЕНОВ ИХ СЕМЕЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ(1941-1945 гг.)**
*И.С. Мухаммадиев*.......................................................................................................... 8

**ҲАЛЛИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ ВА МУҲИММИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
*Ф.Раҳимов*.......................................................................................................... 11

**ИСТОРИЯ СОЗДАНИЯ И РАЗВИТИЯ СОВЕТСКИХ ШКОЛ В ГБАО (20-40 годы XX в.)**
*Сафаркулова Гулмох*.......................................................................................................... 14

**ИЗ ИСТОРИИ УЧЕНИЧЕСКИХ ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ БРИГАД В ШКОЛАХ ТАДЖИКИСТАНА (1959-1970)**
*М.Х. Абдуллоев*.......................................................................................................... 17

**ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КУЛЬТУРНО-ПРОСВЕТИТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ СЕЛЕ В 20-30-ГОДЫ XX ВЕКА**
*У. Садиров*.......................................................................................................... 22

**РАЗВИТИЕ ИРАНСКОГО ЭКСПОРТА В РОССИИ ПОСЛЕ ПОДПИСАНИЯ ТУРКМЕНЧАЙСКОГО МИРНОГО ДОГОВОРА В XIXВ.**
*Мехдизода Мухаммад Али*.......................................................................................................... 24

**ТАДЖИКСКИЙ ВЕКТОР ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ИНДИИ В КОНЦЕ XX И НАЧАЛА XXI ВЕКА**
*Маджиди Умеджон Кудратулло*.......................................................................................................... 26

**ТОҶИКИСТОН –ҚИРҒИЗИСТОН: ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲО**
*Ф.Н. Абдуҷалилова*.......................................................................................................... 31

**РӮЗНОМАИ «АХТАР»-И ФОРСИЗАБОН ДАР УСМОНӢ**
*Фахир Ҳасан Юсиф Голи*.......................................................................................................... 35

**КИТОБХОНАИ РАСАДХОНАИ МАРОҒА**
*Абдуҳамидов Нурмуҳаммад*.......................................................................................................... 40

**СИККАҲО ВА ҶУЗЪИЁТИ ПАДИДАҲОИ ТАЪРИХӢ**
*Ҷонибек Асрориён*.......................................................................................................... 41

**"ҶАҲОНГУШОИ НОДИРӢ"-И МИРЗО МАҲДИХОНИ АСТАРОБОДӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ**
*Назаров Довуд*.......................................................................................................... 45


### Ҳ У Қ У Қ – П Р А В О


**ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПОНЯТИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА**
*Р.Ш. Сативалдыев*.......................................................................................................... 48

**РАЗВИТИЕ ИНСТИТУТОВ ПРЕСТУПЛЕНИЯ И НАКАЗАНИЯ ПО УГОЛОВНОМУ КОДЕКСУ ТАДЖИКСКОЙ ССР 1935 ГОДА**
*У.А. Азизов*.................................................................................................. 55

**УСЛОВИЯ И ФОРМЫ ОТРАЖЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ПРАВОВЫХ АКТОВ В НАЦИОНАЛЬНОМ ПРАВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
*И. И.Камолов* .................................................................................................. 59

**ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН РЕГУЛИРУЮЩИЙ ОКАЗАНИЕ БАНКОВСКИХ УСЛУГ**
*П.Р. Пирзода*.................................................................................................. 63

**ИНВЕСТИЦИОННАЯ И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ: СХОДСТВА И РАЗЛИЧИЯ**
*Р.Б. Бозоров*.................................................................................................. 66

**ИНТЕГРАЦИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СТРУКТУР В СФЕРЕ ПРАВОПОРЯДКА**
*Ф.Р. Шарифзода, А.Д. Ульянов*.................................................................................................. 70

**СОЦИАЛЬНАЯ И ПРАВОВАЯ ЗАЩИТА ГРАЖДАН, ОСУЩЕСТВЛЯЮЩИХ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ**
*Бузмаков А.А. ( Аламшозода А.А.), Мирзоев С.Б*.................................................................................................. 73

**ПОНЯТИЕ И ПРАВОВАЯ СУЩНОСТЬ АКЦИОНЕРНЫХ ОБЩЕСТВ В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН, РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ**
*Аббос Худобахши*.................................................................................................. 76

**ПРИРОДА И СУЩНОСТЬ ЮРИДИЧЕСКОГО КОНФЛИКТА – КАК ПРАВОВАЯ ПАТОЛОГИЯ**
*З.А. Садыкова* .................................................................................................. 80

**МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТРАНСГРАНИЧНЫХ ВОДОТОКОВ В ОБЛАСТИ ЭНЕРГЕТИКИ**
*Ф.Н. Джабборов*.................................................................................................. 84

**ОЦЕНКА ДОКАЗАТЕЛЬСТВА КАК ЭЛЕМЕНТА ПРОЦЕССА ДОКАЗЫВАНИЯ В УГОЛОВНОМ СУДОПРОИЗВОДСТВЕ**
*Н.Б. Ходжаева, И.Т.Махмудов*.................................................................................................. 88

**ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ИНСТИТУТОВ ПРЕСТУПЛЕНИЯ И НАКАЗАНИЯ В ПОСТСОВЕТСКИЙ ПЕРИОД ТАДЖИКИСТАНА ДО ПРИНЯТИЯ УГОЛОВНОГО КОДЕКСА 1998 г.**
*У.А. Азизов*.................................................................................................. 91

**ПООЩРЕНИЕ КАК МЕТОД РЕАЛИЗАЦИИ ФУНКЦИЙ ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВА В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД**
*Ф.И. Шириджонов*.................................................................................................. 95

**СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВООТНОШЕНИЯ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ**
*Н.И. Муминов*.................................................................................................. 100

**НАҚШИ ДОДСИТОН ДАР ДАВЛАТИ ШОҲ ИСМОИЛИ СОМОНӢ**
*Азизи Навканда*.................................................................................................. 103

**ОБЕСПЕЧЕНИЕ СТАБИЛЬНОСТИ ПРАВА И ОТНОШЕНИЙ В ОБЩЕСТВЕ ЧЕРЕЗ ПРОДВИЖЕНИЕ ЗАКОНОВ (на примере законодательства Республики Таджикистан)**
*С.Ф. Литвинова* .................................................................................................. 106

**ЗАЩИТА ПРАВ ПОТРЕБИТЕЛЕЙ РЕКЛАМНОЙ ИНФОРМАЦИИ В ГРАЖДАНСКОМ ОБОРОТЕ: ПОНЯТИЕ И ЮРИДИЧЕСКАЯ ПРИРОДА**
*О.А. Мавлоназаров*........ *109*

**РЕФОРМА ПОЛИЦИИ В РОССИЙСКОЙ ИМПЕРИИ В НАЧАЛЕ XX В.**
*С.А. Невский*........ *112*

**ОСВОБОЖДЕНИЕ ОТ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В НЕКОТОРЫХ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ**
*Х.С. Набиев*........ *116*

**ПРАВОВОЕ ВОСПИТАНИЕ КАК ОДНО ИЗ НАПРАВЛЕНИЙ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ И НЕКОТОРЫЕ ЕГО ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ**
*Э.Насурдинов*........ *120*

**ОСОБЕННОСТИ ВЫБОРНОЙ ДЕМОКРАТИИ**
*Б.С. Гадоев*........ *123*

## Ҷ О М Е А Ш И Н О С Ӣ – О Б Щ Е С Т В О В Е Д Е Н И Е

**КОДИФИКАЦИЯ ТЕКСТА В СОВРЕМЕННЫХ МЕДИА**
*Н. В. Суленёва*........ *127*

**ИНФОРМАЦИОННАЯ ВОЙНА – СПОСОБ КОНТРОЛЯ ЗА ПРОСТРАНСТВОМ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ: В СВЕТЕ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАНА Э. РАХМОНА МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
*Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов*........ *130*

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИССЛЕДОВАНИЯ МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ АФГАНИСТАН В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД**
*М. С. Комилов*........ *135*

**ФЕНОМЕН «КАЖИМОСТИ» В МЕДИА-СООБЩЕНИЯХ**
*Е. П.Емченко*........ *142*

**К ВОПРОСУ О МЕЖДУНАРОДНОЙ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ**
*У.С.Саидов*........ *146*

**АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНИЮ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛЁБИИ НИҲОДИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
*П.А. Маҳмадов, С.А. Маҳмадов*........ *151*

**ТЕОРИЯ ДОКАЗАТЕЛЬСТВА В ЛОГИЧЕСКОМ УЧЕНИИ АРИСТОТЕЛЯ**
*Ф.Б.Худойдодов*........ *153*

**ТАЪСИРИ ФАРҲАНГИ ТОИСЛОМӢ ДАР АНДЕШАҲОИ ФАЛСАФИИ ҲОФИЗ**
*М. Маҳмадова*........ *157*

**ҶОЙГОҲИ ИНСОН ДАР МАКТАБИ ФАЛСАФИИ ПРАГМАТИЗМ**
*Ҷалолинасаб Муҳаммадризо Алиасгар*........ *164*

**ТАЪЛИМОТИ МУҲАММАД ИҚБОЛ ДАР БОРАИ ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ИНСОН**
*З.И.Зиёева*........ *167*

**ЗАХИРАҲОИ ОБИ ТОҶИКИСТОН: ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАИ ОН**
*М. С.Сафоева*........ *171*

**ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ САРВАР ВА ХУСУСИЯТҲОИ БЕВОСИТАИ ОН**
*М.Ш. Сафарова*........ *175*

**ИСТОРИЧЕСКИЕ ТРАДИЦИИ В МЕСТНОМ САМОУПРАВЛЕНИИ**
*Шарифзода Мухаммади Шариф………* *178*

**ОБОСНОВАНИЕ ВЫВОДОВ В ЛОГИЧЕСКОМ УЧЕНИИ АРИСТОТЕЛЯ И ИБН СИНЫ**
*Худойдодов Ф………* *180*

**САМОСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЧЕЛОВЕКА: ОСНОВНЫЕ ФОРМЫ И МЕТОДЫ**
*А.С.Саидов, М.М.Азимова, А.А. Гулов………* *184*

**ФАЪОЛИЯТ ВА ОСОРИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ**
*Б.Сулаймонов………* *189*

**РАВОБИТИ МУТАҚОБИЛАИ ФИҚҲ ВА АХЛОҚ ДАР ҶАҲОНБИНИИ ИМОМИ АЪЗАМ-АБӮҲАНИФА**
*Умаралӣ Назаров………* *192*

**РАДИКАЛИЗМ, ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ: ЗУҲУРОТ ВА ПАЁМАДҲО**
*З.Ҷ. Раҳматова………* *196*

**МУҲОҶИРАТИ НУХБАГОН АЗ АФҒОНИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН**
*Ҳумоюн Фарзом ………* *198*

**МАСЪАЛАИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ ВА ТАЪЛИМОТИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ СИЁСӢ**
*Н.С.Муродова ………* *202*

## П Е Д А Г О Г И К А

**ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И МЕЖДИСЦИПЛИНАРНЫЕ МОДУЛИ КАК ВАЖНЕЙШИЙ ЭЛЕМЕНТ СИСТЕМЫ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ**
*Е.И. Семушина………* *206*

**ГЕНЕЗИС И ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ПОСТСОВЕТСКИЙ ПЕРИОД**
*В.Д. Мирбобоев………* *209*

**КРИТЕРИИ И СПОСОБЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ У УЧАЩИХСЯ УРОВНЯ СФОРМИРОВАННОСТИ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ПОНЯТИЙ**
*М.П. Шерматова ………* *213*

**РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ФОРМИРОВАНИИ УЧЕБНО - ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ БИОЛОГИИ**
*Азизи Голамреза Азизоллоах………* *216*

**СИСТЕМА ОБРАЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ МОДЕРНИЗАЦИИ**
*У.И Атакуллаев………* *220*

**ПРИМЕНЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ В ТАДЖИКИСТАНЕ КАК СОЦИАЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА**
*Сухбатхон Валиев………* *223*

**ОРГАНИЗАЦИЯ И ПРОВЕДЕНИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ НЕЯЗЫКОВЫХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ ПРИ ИНТЕГРИРОВАННОМ ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ**
*К.Х. Гадоев………* *227*

**ОПЫТНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ ЭКСПЕРИМЕНТ ПО ФОРМИРОВАНИЮ МЫСЛИТЕЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ БАКАЛАВРОВ СРЕДСТВАМИ ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ**
*Хамид Маджидов, Зафар Давлатов*.......... 231

**ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ МОЛОДЕЖИ ПОСРЕДСТВОМ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ КОМАНДНООБРАЗУЮЩИХ СПОРТИВНЫХ ИГР В ВУЗЕ**
*Р.С. Диловаршоев*.......... 236

**ПРОБЛЕМЫ УСЛОВИЙ ФОРМИРОВАНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ АКТИВНОСТИ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ШКОЛ ЧЕРЕЗ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ**
*М.А.Кубеева*.......... 239

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА**
*Метин Караер*.......... 245

**ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ КОММУНИКАТИВНО-РЕЧЕВЫХ УМЕНИЙ И НАВЫКОВ УЧАЩИХСЯ СТАРШИХ КЛАССОВ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА**
*Матлюба Садыкова*.......... 250

**ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ГУМАННО-ЛИЧНОСТНОГО ПОДХОДА Ш.А.АМОНАШВИЛИ, ОПИСАННАЯ В КНИГЕ «ЗДРАВСТВУЙТЕ, ДЕТИ!»**
*З.Р. Тошбоева*.......... 252

**ПРОЦЕСС ИЗУЧЕНИЯ, ОБОБЩЕНИЯ И ВНЕДРЕНИЯ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИННОВАЦИЙ НА МЕЖДУНАРОДНОМ УРОВНЕ**
*Р.К. Фузайлов, А.А. Бойматов, А.А. Исоков*.......... 259

**НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА В СОВРЕМЕННОМ ОБРАЗОВАНИИ**
*И.А. Эшонкулов, А.Ходжаев*.......... 261

**МУҚОИСАИ НАЗАРИЯИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ВОБАСТАГӢ БО НАЗАРИЯИ РУШДИ ШИНОХТИИ ПИАЖЕ**
*Ардашер Ҷаҳонӣ*.......... 265

**ИГРОВЫЕ ФОРМЫ ОРГАНИЗАЦИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ В ЭКОЛОГИЧЕСКОМ ОБРАЗОВАНИИ И ВОСПИТАНИИ**
*М.П.Шерматова, Ф.Шарипов*.......... 268

**МЕТОДҲОИ АСОСИИ ПЕШБУРДИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
*Б.Р. Ҳакимова*.......... 272

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ И УРОВНИ ФОРМИРОВАНИЯ ТОЛЕРАНТНОСТИ У МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ**
*М.Х. Эгамбердиева*.......... 275

**БАЪЗЕ САБАБҲОИ ХОНАВАЙРОНӢ ВА ТАЪСИРИ МАНФИИ ОН ДАР ПЕШРАФТИ ҶОМЕА**
*Меҳринисо Абдуллоева*.......... 277

**ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ СТУДЕНТА В УСЛОВИЯХ ЛИЧНОСТНО-ОРИЕНТИРОВАННОГО ОБРАЗОВАНИЯ**
*О.К. Солиев*.......... 281

**ЛИНГВОСТРАНОВЕДЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ КАК ЭЛЕМЕНТ НАЦИОНАЛЬНО-ЯЗЫКОВОЙ КАРТИНЫ МИРА**
*Т.М.Ашурова* ........................................................................................................ 285

**ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЛИЧНОСТИ, ДЛИТЕЛЬНОЕ ВРЕМЯ НАХОДЯЩЕЙСЯ В ТРУДНОЙ ЖИЗНЕННОЙ СИТУАЦИИ**
*М. А. Басин, С. К. Хаидов* ........................................................................................ 288

**ЗИНАҲОИ РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАРБИЯИ ТОМАКТАБӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБ**
*Муҳаббат Иззатова*................................................................................................. 293

**ЭТНИЧЕСКАЯ ИДЕНТИЧНОСТЬ КАК ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ ФЕНОМЕН**
*М.Ё.Шарипова* ........................................................................................................ 295

**МУБОРИЗАИ БЕАМОН БО ИНТИҚОЛИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР**
*И. Ҳ.Назарова* ........................................................................................................ 296

**ИСТИФОДАИ МАВОДИ КИШВАРШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМИ ХИМИЯ**
*С. Насриддинов, С.Холназаров* ................................................................................ 298

**МАСЪАЛАҲОИ ҲАЛТАЛАБИ ФАРДИКУНОНӢ ВА ТАФРИҚАКУНОНИИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ**
*У.З. Зубайдов, М.Н. Ҷалилова*................................................................................. 300

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см; ), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева, О.Ашмарин, М.Набиева**

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, О.Ашмарин, М. Набиева**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 61
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 61
**E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
**Сайт ТНУ: www: tnu.tj**